**Акмал Шерназаров**

# ЭЉОДИЁТИ ДАЊАНАКИИ ХАЛҚИ ТОЉИК

**Самарқанд-2016**

**ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛЇ ВА МИЁНАИ МАХСУСИ ЉУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД БА НОМИ АЛИШЕР НАВОЇ**

**Акмал Шерназаров**

# ЭЉОДИЁТИ ДАЊАНАКИИ ХАЛҚИ ТОЉИК

**(Васоити таълимї-услубї)**

**Бо қарори Шўрои илмї-услубии**
**ДДС ба нашр тавсия шудааст**

**Самарқанд-2016**

**А.Шерназаров. Эљодиёти дањанакии халқи тољик. Васоити таълимї-услубї.–Самарқанд: СамДУ, 2016, 164 с.**

Васоити таълимии мазкур оиди маросимҳои халкї, хусусиятҳои жанрии осори шифоҳї, муносибати адабиёти даҳанакї ва хаттї, равобити адабии тољику ўзбек дар эљодиёти шифоҳї маълумот медиҳад. Инчунин донишљўён доир ба пайдоиш ва инкишофи жанрҳои фолклорї, таърих ва инкишофи илми фолклоршиносї дониши назарї мегарданд. Дар бораи фолклори маросимии тољикон, мавқеи он дар ташаккули тафаккури миллї пайваста бо ғояҳои истиқлоли миллї маълумот ҳосил менамоянд. Дар китоб намунаҳо аз осори шифоҳї низ оварда шудааст.

Васоити таълимии мазкур барои ихлосмандони эљодиёти даҳанакии халқ, омўзгорони адабиёт, донишљўёни факултетњои филологии донишгоњњои олї ва њамаи алоќамандони адабиёту эљодиёти шифоҳии халқ судманд хоњад буд.

**Муќарризон:** **дотс. С.Хўљақулов**

**дотс. С.Тоњиров**

**Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навої, 2016**

## Муқаддима

Фолклор ганљинаи дурдонаҳои маънавї, ифодагари орзую омол ва муносибату эҳсоси зебоишиносї ва баёнгари ҳодисаҳои рўзгори мардум мебошад. Ниёгонамон дар жанрҳои гуногун асарҳои фолклорї офарида бо маданияти миллии қадима ва бойи худ дар тараққиёти љаҳон ҳиссаи муносиб гузоштаанд. Асрҳо боз дар дурдонаҳои халқї ғояҳои олии мардум ифода ёфтааст. Ҳар як ҳодисаи фарҳангї, иљтимої ва сиёсие, ки дар ҳаёт рўй медиҳад, ба зудї дар эљодиёти шифоҳии мардум то љузъиёти хурдтаринаш бозтоби бадеї меёбад. Аз ин рў муҳаққиқон фолклорро ойина ва ҳуљљати бадеии рўзгор номидаанд, ки ба он шакке нест.

Соли 1980 аз љониби фолклоршиносони маъруфи тољик В.Асрорї ва Р.Амонов китоби дарсии «Эљодиёти даҳанакии халқи тољик» барои донишљўёни донишгоҳҳои олї иншо гардида буд. Дар китоби мазкур муаллифон аз тадқиқотҳои муҳими илмии фолклоршиносон фоида бурда, навтарин хулосаҳои илмї баровардаанд. Барои донишљўён ин ягона китоби дарсї ба ҳисоб меравад.  Имрўзҳо аз нашри китоби дарсии «Эљодиёти даҳанакии халқи тољик» 36 сол сипарї шудаасту мутаассифона дастрас намудани ин китоб хеле мушкил аст ва васоити таълимии зарурї оиди ин фан дастрас нест.

Вобаста ба њамин ва омилњои дигар дар назди худ маќсад гузоштем, ки бобати эљодиёти шифоҳии халқи тољик баъзе фикру мулоњизоти хешро иброз намоем. Дар васоити таълимї-услубї жанрҳои эљодиёти даҳанакии халқ аз нигоњи нав баррасї гардидааст. Њангоми навиштани он аз тадќиќотњои илмї-услубї,  китобҳои дарсї, инчунин китоби дарсии «Эљодиёти даҳанакии халқи тољик» ва дигар китобҳои илмии фолклоршиносони тољику ўзбек истифода карда шуд.  Васоити таълимї-услубие, ки мо пешкаши шумо мегардонем бо назардошти эҳтиёљоти толибилмони бахшҳои филологї сурат гирифт.

Мавзўи 1 | **Фолклор ва равияҳои илми фолклоршиносӣ** | маъруза

**Наќша:**

1. Мафҳуми «фолклор» ва «фолклоршиносї».
2. Мақсад ва вазифаи илми фолклоршиносї.
3. Робитаи фолклор бо илмњои шевашиносї, таърих, санъат ва мардумшиносї.
4. Фолклор – маљмўаи љинсу жанрҳои манзум ва мансури шифоҳї.
5. Хусусияти асосии фолклор
6. Мактаб ва равияҳои гуногуни фолклоршиносї.

***Мафњумњои асосї:*** *Фолклор, фолклоршиносї, эљодиёти дањанакии халќ, жанрњои шифоњї, равияњои фолклоршиносї, санъат, мардумшиносї, хусусиятњои асосии эљодиёти шифоњии халќ.*

Эљодиёти бадеии даҳанакии халқро фолклор ҳам мегўянд. Фолклор **(Folklore)** калимаи англисї буда, маънои **ҳикмати халқ, хиради халқро** дорад. Ин истилоњро бори аввал соли 1846 олими англис Вилям Томс пешнињод кардааст. Ў баъди шинос шудани нашри дуюми асари «Мифология»-и бародарони Гримм дар шумораи 928-уми рўзномаи «Атенеум» бо тахаллуси «А.Мертон» маќолае бо номи «The folklore» навишта, истилоњи «фолклор»-ро («folk»-халќ, «lore»-хирад, хирадмандї, яъне «folklore» - «хиради халќ») истифода намудааст ва ўро бори аввал ба сифати истилоњи ифодакунандаи «анъанаи кишоварзони Аврупої, шеъри ќадимаи халќї, урфу одат, маросим ва эътиќодњо» шарњ додааст.

Фолклор мафҳуми васеъ дорад. Чунончї, мусиқї, ракс, рассомї, наққошї, кандакорї, зардўзї ва ҳоказоро, ки аз љумлаи эљодиёти халқ мебошанд, низ фолклор мегўянд. Аммо бештар бо истилоҳи «фолклор» эљодиёти бадеии даҳанакии халқ машҳур аст. Илмеро, ки эљодиёти даҳанакии халқро меомўзад ва тадқиқ мекунад, фолклоршиносї меноманд. Дар

фолклоршиносии тољик истилоҳҳои адабиёти даҳанакии халқ, адабиёти лафзии халқ, эљодиёти шифоҳии халқ ва ғайра низ дучор мешаванд.

**Вазифа ва маќсади асосии фанни эљодиёти шифоњии халќ**, пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки он доир ба хусусусиятњои ба худ хоси эљодиёти шифоњии халќ, таърихи ба вуљудоии жанрҳои асосии фолклор ва ќонуниятњои тараќќиёти он, љараёни ташаккул, таркиб ёфтани љинсњо ва жанрњо, поэтикаи асарњои фолклорї, инчунин дар бораи мифология ва фолклори ќадим, фолклори маросимї, фолклори бачагона, лирикаи халќї, робитаи фолклори тољик бо халќњои дигар, муносибати адабиёти даҳанакї ва хаттї маълумот медиҳад. Дар баробари ин курси мазкур донишљўёни мактабҳои олиро бо таърих ва инкишофи илми фолклоршиносї шиносо менамояд.

**Муносибати фолклоршиносї бо илмҳои дигар.** Фолклоршиносї як қисми адабиётшиносї буда, бо хусусияти худ ба этнография низ хеле наздик аст. Этнография илмест, ки дар бораи зисту зиндагонї, расму одат ва ахлоқу одоби халқ баҳс мекунад. Дар айни ҳол материалҳои фолклорї яке аз манбаъҳои омўзиши этнографї мебошанд, зеро дар онҳо бисёр зисту зиндагонї, расму одат ва ахлоқу одоби миллї инъикос ёфтаанд.

Дар асарҳои фолклорї хусусиятҳои забони зиндаи гуфтугўї акс мешавад, бинобар ин фолклоршинос бояд лаҳљаю шеваҳоеро, ки бо онҳо асарҳои халқї эљод карда мешаванд, хуб донад.

Эљодиёти бадеии замонҳои гузаштаро бидуни омўзиши ҳақиқати таърихї ва муҳити иљтимоӣ фаҳмидан ва тадқиқ кардан номумкин аст. Аз ин рў, фолклоршинос ба таърих муроҷиат накарда наметавонад ва илми таърих ба фолклоршиносї ќаробат дорад. Яке аз далелҳои барљастаи ин даъво суруди халқии тољик дар бораи **шўриши восеъ** мебошад, ки дар онҳо муносибати узвии фолклор ва таърих хеле хуб намудор аст. Ба ҳамин тариқ омўзиши якљояи фолклор ва таърих ҳам барои фолклоршинос ва ҳам барои таърихшинос хеле муҳим аст.

**Шакл ва намудҳои эљодиёти бадеии халқ**. Асарҳои эљодиёти бадеии халқ асосан ба се гурўҳ људо мешаванд: **лирикї, эпикї ва драммавї**.

Ин навъҳои асари адабї дар байни бисёр халқҳо дар замонҳои қадим ба вуљуд омада, дар адабиёт мавқеъ пайдо карда, тадриљан инкишоф ёфта омадаанд.

Аломатҳои фарққунандаи ин се навъи асари бадеии халқ дар тарзи махсуси тасвири воқеият зоҳир мегардад. Дар асарҳои эпикї воқеа ва амалиёти қаҳрамони асар накл мешавад. Дар асарҳои лирикї, андешаҳо эҳсосот ва ҳаяљони шахс инъикос мегардад. Дар асарҳои драммавї амалиёти қаҳрамон бевосита нишон дода мешавад. Ҳар кадоми ин навъи асари бадеї боз ба намудҳо ё жанрҳо људо мешаванд. Масалан, дар фолклори тољик чунин жанрҳои эпикї: достон, афсона, латифа, наќлу ривоят, дуо; лирикї: рубої, байт, суруд, ашула, бадеҳа ва амсоли инҳо ба назар мерасад.

Эљодиёти бадеии даҳанакии халқ, жанрҳои махсус дорад: эпос, афсона, чистон, зарбулмасал, суруд, тезгўяк, бадеҳа ва ғайра. Дар натиљаи таъсири байниҳамдигарии фолклор ва адабиёти бадеии китобї баъзе жанрҳои хоси фолклор ба адабиёт (монанди дубайтї ва рубої, байт, чистон, латифа) ва ҳамчунин жанрҳои људогонаи адабиёт ба фолклор (монанди ғазал, мухаммас, маснавї) гузаштаанд.

Ҳар як жанри фолклорї аҳамияти махсус дорад. Жанрҳои **эпикї** ҳаёти халқро васеътар, мукаммалтар ва дар шакли љамъбасти бадеї инъикос мекунанд. Жанрҳои **лирикї** ҳаёти оилавї-фардиро ба таври бадеї тасвир ва љамъбаст карда, олами ботинии шахс ва ҳиссиёту ҳаяљони ўро ифода менамоянд. Зарбулмасалу мақолҳо бошанд љамъбасти таљрибаи ҳаёт, ақидаҳои фалсафї, иљтимої, ахлоқї ва эстетикии омма мебошанд. Чистонҳо тасвири образноки ҳаёти воќеї ва хулосаи мушоҳидаю тасаввуроти инсон оид ба табиат ва ҳодисаҳои зиндагианд. Латифаҳо воситаи танқиду мазаммати иллатҳои ҳаёти љамъиятї ва шахсї буда, ахлоқи поки инсониро тарғиб мекунанд. Латифаи халқї хандаи маҳкумкунандаи мардум ба унвони нопокии одамист.

**Хусусияти фолклор.** Хусусияти асосии эљодиёти бадеии шифоњии халқ аз он иборат аст, ки вай эљодиёти **коллективї** мебошад. Вақте ки дар бораи эљодиёти коллективї сухан меравад, аввалан љараёни эљодшавї ва такмилёбии асарҳои даҳанакиро дар назар бояд дошт: халқ дар давоми асрҳо осори бадеї офарида, онро аз даҳон ба даҳон ва аз авлод ба авлод гузаронида, тағйир медиҳад ва дигаргун месозад. Сонияն, асарҳои фолклорї эљоди бадеии ақлу идроки шахси људогона набуда, балки маҳсули шуури коллективии одамон аст, ки дар ниёгон пояи тараққиёти љамъияти инсонї умр ба сар бурдаанд.

Хусусияти **коллективии** фолклорро ҳодисаи асосї шуморидан маънои онро надорад, ки шахсони људогона дар офаридани асарҳои фолклорї роле надоранд. Аввалан, ҳар як асари фолклорї аз тарафи шахси алоҳида гуфта мешавад. Агар ин асар ба завқи умум (коллективи одамон) мутобиқат кунад, аз забон ба забон интиќол ёфта гўяндаи нахустин номаълум шуда мемонад. Дуюм, шароитҳои таърихї, љамъиятї ва ҳаёти маишї ба гўяндагони фолклор (афсонагўйҳо, ҳофизон, ноқилон ва достонсароён) таъсир мерасонанд ва он гўяндагон асарҳои халқиро ба замон, шароит ва муҳит мутобиқан нақл мекунанд, месароянд ва иљро мекунанд. Асар вобаста ба маҳорати гўянда хусусияти нав пайдо мекунад. Масалан, гўрўѓлихонҳои тољик Бобоюнус Худойдодзода, Қурбон Љалил, Одина Шакар, Хикмат Ризо, Ҳақназар Кабуд ва Курбоналї Раљаб, афсонагўйҳо Оқилов Саидамир, Назаров Усмон, Ортиқов Амонулло, Додољонова Зулол, Тешаев Ҳафиз, Латифов Зариф ва дигарон ҳар кадом дар баёни мазмуну композиция, дар тасвирҳои бадеї аз худ хусусияти хос зоҳир намуда, ганљинаи эљодиёти бадеии халқро бой намудаанд. Ҳељ яке аз онҳо ҳаргиз гуфта наметавонанд, ки асари худро мехонанд ё нақл мекунанд. Онҳо эътироф мекунанд, ки гўянда ё сарояндаи асари халқї мебошанд. Ҳар тағйирот ва навигарие, ки ба ин ё он асар дохил карда мешавад, дар худуди жанр ва анъанаи устувори он жанр ба амал меояд.

Хусусияти асосии дигари фолклор **даҳанакї будани он** мебошад. Аз сабаби он, ки эљодиёти бадеии халқ дар давоми асрҳо даҳанакї эљод шуда, аз

даҳон ба даҳон гузашта, бо ҳамин роҳ паҳн гардидааст, ин ҳолат ба шаклу мазмуни он бетаъсир намондааст. Мардум ҳамаи ҳодисаю фактҳоеро, ки дар асарҳо тасвир мешаванд, пурраю аниқ дар хотир дошта наметавонистанд, баъзеашон фаромуш мешуданд, баъзеашон ба тарзи дигар ифода меёфтанд. Дар ин љараён ба хамдигар омехтани воќеаҳо, тағйир додани замони онҳо ва тасвири ашхосе, ки ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат намекунанд ва инчунин аз осори хаттӣ иқтибос гирифтан низ мушоҳида мешавад. Вале ин гуна ҳодисаҳо маънии онро надоранд, ки хусусияти даҳанакии фолклор қимати бадеӣ ва ғоявии жанрҳои эљодиёти халқро паст мезанад. Дар сурудҳои халқӣ, рубоию дубайтиҳо ва дар афсонаю латифаҳо ҳамчун дар ҳар асари бадеии ҳақиқӣ тасвири хушку холӣ ва беобу ранг буда наметавонист ва наметавонад. Дар эљодиёти ҳақиқии халқ ҳамеша муносибати халқ ба ҳаёти воқеӣ инъикос ёфта, мазмуну моҳияти ҳодисаҳо кушода дода мешавад ва мавқеи халқ муайян мегардад. Аз ин рӯ, на ҳамеша далели аниқи таърихиро дар эљодиёти даҳанакии халқ пайдо кардан мумкин аст. Дар фолклор ҳам амсоли адабиёт чамъбастҳои бадеӣ ва образу персонажҳои типӣ мавќеи асосиро ишғол менамоянд.

Дигар хусусияти асосии эљодиёти бадеии даҳанакии халқ, **вариантнокии он** мебошад. Асарҳои фолклорӣ ба сабаби бемуаллиф будан, ба таври даҳанакӣ эљод шудан ва дар натиљаи аз даҳон ба даҳон гузашта паҳн шудани худ вариантҳо-нусхаҳо пайдо мекунанд. Омилҳои пайдоиши вариантҳо замон ва мавқеи сурудан ё гуфтани асар, маҳорат ва ақидаи гӯянда, вазъияти иљтимоӣ ва муҳити љамъиятӣ, таљрибаҳои эљодӣ ва фардии гӯянда мебошанд. Таҳлили вариантҳо барои муайян кардани љараёни инкишофи ақидаҳои эстетикии халқ аҳамияти махсус дорад. Бинобар ин омӯзиши шароитҳои пайдоиш, иљро кардан ва паҳншавии фолклор яке аз масъалаҳои муҳимтарини фолклоршиносӣ ҳисоб меёбад.

**Мактаби мифологӣ**. Дар ибтидои асри XIX дар Европаи Ғарбӣ, дертар дар Россия назарияе дар фолклоршиносӣ ба вуљуд меояд, ки он бо номи мактаби мифологӣ машҳур мегардад.

Моҳияти назарияи мифологӣ аз он иборат буд, ки вай ёдгориҳои эљодиёти даҳанакии халқро, ки дар натиљаи парастиши офтоб ва дигар ҳодисаҳои табиат ба вуљуд омадаанд, инъикоси тасаввуроти динии инсон мешуморид. Мувофиқи ин назария аз тасаввуроти динӣ гуфтор дар бораи қувва ва ҳодисаҳои табиат, мифҳо дар бораи худоён пайдо шудаанд.

Аз рўи аќидаи фолклоршиносон В.Асрорӣ ва Р.Амонов «Олимон дар назди худ вазифа гузошта буданд, ки ривоятҳои динию мифологиро дар эљодиёти дањанакии халқ барқарор намоянд. Мифологҳо дар образҳои қаҳрамонони сурудҳои эпикӣ ва афсонаҳо ташхис ёфтани ҳодисаҳои гуногуни табиат: офтоб, осмон, рўшноӣ, об, раъду барқ ва ғайраро медиданд ва зимистон, торикӣ, абр ва ҳоказоро душманони ин қаҳрамонон мепиндоштанд. Масалан, баъзе мифологҳо љанги қаҳрамонро бо аждаҳо ҳамчун ҳодисаи табиат, љанги офтобу абр маънидод мекарданд»[1].

**Назарияи иқтибос ё мактаби муқоисавӣ-таърихӣ**. Дар мубориза бо назарияи мифологӣ назарияи иқтибос ба вучуд омад. Тарафдорони машҳури ин назария дар Европаи Ғарбӣ Т. Бенфей (1809—1881), дар Россия А. Н. Пыпин (1833—1904), В. Ф. Миллер (1848—1913) ва дар охирҳои фаъолияти худ Ф. И. Буслаев (1818—1897) ва дигарон буданд.

Тарафдорони ин назария вазифаи асосии худро дар он медонистанд, ки эљодиёти даҳанакии халқҳои гуногунро бо роҳи муқоиса омўзанд. Онҳо кўшиш мекарданд, ки дар асарҳои фолклории халқҳои Ғарбу Шарқ сюжет, мотив, образҳои монанду наздикро ёфта нишон диҳанд.

Камбудии асосии назарияи муқоисавӣ-таърихӣ аз он иборат аст, ки намояндагони он асари эљодиёти даҳанакии халқро аз заминаи миллӣ-таърихиаш људо мекарданд, хусусиятҳои миллиашро ба эътибор намегирифтанд.

Муқоисаи далелҳои фолклорӣ дар миқёси байналхалқӣ танҳо дар асоси монандии зоҳирии сюжетҳо, мотивҳо, образҳо, ба ҳисоб нагирифтани шароитҳои иљтимоӣ-таърихии пайдоиши онҳо ва сабабҳои шабоҳати онҳо

[1] В.Асрорӣ, Р.Амонов. Эљодиёти даҳанакии халқи тољик. –Душанбе, 1980, саҳ. 31.

барои муайян кардани љараёни инкишофи таърихии эљодиёти халқ натиљаи дуруст ва фоидаи зиёд дода натавонист.

**Мактаби таърихї**. Аз охири солҳои 90-уми асри XIX дар фолклоршиносии рус мактаби таърихї мавқеи асосиро ишғол менамояд. Бузургтарин намояндагони ин назария В. Ф. Миллер (1848—1913), М. Н. Сперанский (1863—1938), Н. П. Дашкевич (1852—1908) буданд. Онҳо мақсад доштанд, ки решаҳои таърихии сюжету образҳои фолклориро муайян кунанд. В. Миллер ва ҳамфикрони ў дар асарҳои худ кўшиш мекарданд, ки он фактҳои таърихиро, ки дар достонҳо, афсонаҳо ва дигар жанрҳои фолклор инъикос ёфтаанд, муқаррар намоянд. Намояндагони ин равияи фолклоршиносї бисьёр фактҳои навро дарёфтанд, хулосаҳои пурқимат ба даст оварданд.

Онҳо хусусияти фолклорро ба ҳисоб намегирифтанд ва ба он эътибор намедоданд, ки фолклор инъикоси фотографии фактҳои људогона ва ҳодисаҳои зиндагї нест, балки вай факт ва њодисаҳои зиндагиро эљодкорона ва дар шакли љамъбасти бадеї намудор месозад. Дар асарҳои онҳо воқеаҳои таърихї ва номҳо бо сюжет ва образҳои асарҳои фолклорї муқоиса карда шудаанд, вале алоқаи ҳақиқии эљодиёти халқ бо љараёни таърихї равшан нишон дода нашудааст.

**Мактаби антропологї**. Асосгузорони мактаби антропологї (ба ибораи дигар «назарияи худрўии сюжетҳо») дар фолклоршиносї олими англис Э. Тейлор (1832—1917) ва олими шотландї Э. Лэнг (1844—1912) мебошанд[1]. Соли 1871 асари Э. Тейлор «Маданияти љамъияти ибтидої» аз чоп мебарояд. Э. Тейлор дар асоси материали фаровон ба хулосае меояд, ки ҳамаи халқҳо аз љиҳати зисту зиндагї, ахлоқ, дин ва эљоди бадеї умумияти бисёре доранд. Шарҳи ин масъаларо Э. Тейлор дар умумияти табиати одамї, рўҳия ва тафаккур љустуљў мекунад. Ў чунин масъаларо ба миён меоварад, ки ҳамаи халқҳо дар љараёни тараққиёти худ давраҳои муайяни таърихиро аз сар

[1] Жураев М. Фолклоршунослик асослари. –Тошкент, Фан, 2009, саҳ. 125

мегузаронанд, сабаби ба ҳамдигар монандї пайдо кардани бисёр сюжет, образ ва персонажҳои фолклорї дар ҳамин аст.

***Савол ва супоришот:***

1. *Фолклор чист?*
2. *Фолклор бо кадом фанҳо алоқа дорад.*
3. *Оиди шакл ва намудҳои эљодиёти шифоҳии халқ маълумот диҳед.*
4. *Доир ба хусусиятњои асосии эљодиёти даҳанакии халќ маълумот дињед.*
5. *Мактаб ва равияҳои фолклоршиносиро маънидод кунед.*

Мавзўи 2 **Таърихи пайдоиш ва ташаккули илми фолклоршиносии тољик** **Маърўза**

**Наќша:**

1. Муаррихон ва бостоншиносони қадим ва асрҳои миёна – Њеродот, Страбон, Табарї, Наршахї, Абурайњони Берунї ва дигарон дар бораи эљодиёти шифоњї ва анъанањои ниёгони форсу тољик.
2. Шарқшиносони маъруф дар бораи фолклор.

3. Маълумот дар бораи фолклоршиносии тољик; пешгомони фолклоршиносии тољик: М.Семёнов, Андреев, О.Исматї, Л. Бузургзода, Н. Болдирев, О. Сухарева, М.Турсунзода, Њ.Карим, А.Дењотї, Р. Амонов, В. Рўзї Ањмадов, Б. Шермуҳаммадов ва дигарон.

**Мафњумњои асосї:** *Муаррихон, бостоншиносон, шарќшиносон, фолклоршиносии тољик, анъанањои ниёгон, хидмати фолклоршиносони тољик*

Расму оин, тарзи рўзгордориву маросимњои мардумї, хусусан, эљодиёти шифоњии халқ, аз замонҳои бостон диққати аҳли қаламро ба худ љалб карда омадааст. Дар матнҳои бостонии тоисломї нишонаҳои фаровони анъанаи шифоҳиро метавон дид. Инро мо аз китоби бостонии "Авесто" шурўъ намуда, то «Таърихи табарї»-и Балъамї, «Таърихи Бухоро»-и Наршахї, «Ќобуснома»-и Кайковус, «Осор ул-боќия»-и Берунї инчунин таълифоти Рўдакї, Хайём, Фирдавсї, Берунї, Сино, Љалолиддини Балхї, Њофиз, Навої, Восифї, Айнї ва дигарон мушохида менамоем, ки бидуни таъсироти фарҳанги шифоҳии мардум тасаввур кардан имконнопазир аст.

Дар охири асри XIX ва аввали қарни XX шарқшиносону љуғрофидонҳо, низомиён ва баъзе аз шахсони кунљкову ҳавасманди рус ҳангоми маъмурияташон дар Осиёи Марказї ба забон, фарҳанг, эљодиёти шифоҳї, таърих ва анъанаву тарзи рўзгордории мардумони ин минтақа, аз љумла тољикон, мароқ зоҳир намуда, як силсила мақола, очерк ва рисолаҳо таълиф намудаанд, ки онҳо тавассути матбуот ва дар дохили китобҳо ба нашр расидаанд[1]

Аз солҳои 1929 аз ноҳияҳо ва шаҳрҳои Осиёи Марказї љавонони соҳибистеъдоди тољик ба маркази шаҳри Душанбе омада, дар бахшҳои гуногуни филология ва фанҳои дигар шуғл варзида, бо ёрии муҳаққиқони рус ба монанди М. С. Андреев, А. А. Семёнов, Е. М. Пешерева, А. Н. Болдирев, Я. И. Налский, Н. А. Кисляков, О. Сухарева, И. С. Брагинский, Р. Л. Семенова ва дигарон, дар қатори риштаҳои дигар ба омўзиши фарҳанги

[1] Ганљинаи фолклори тољик.

мардум низ машғул шуданд. Онњо аз байни мардум рољеъ ба расму оинњо, маросимњо, парастишу муќаддасот маводи фаровоне гирд оварда, бо муќаддимањои тањлилї ба нашр расонидаанд.

М. Пешерова, Н. Н. Ершов, А. К. Писарчик, А. П. Колпаков, О. А. Сухарев, И. А. Сухарева ва дигарон ҳангоми гирдоварии маводи этнографию шевашиносї намунаҳои зиёди эљодиёти шифоҳии ин ва ё он маҳали тољикнишинро сабт кардаанд, ки як қисми зиёди онҳо тавассути асарҳои илмї ва маљмуаҳои фолклорию этнографї чоп шуда, ба дасти хонандагон расидаанд.

Дар солњои 20-30 садаи XX ба ѓайр аз донишмандони рус худи тољикон низ аз зумраи шогирдону пайравони устод Садриддин Айнї бо гирдоварї ва нашри фолклори тољик таваљљўњ зоњир карда, маводи гирдовардаи худро дар матбуоти даврї ба нашр расониданд ва дар бораи ин ё он масъалаи фолклоршиносї маќолањо навиштанд.

Баъдан, ба таври расмї, дар умури гирдоварї ва нашри осори фолклорї дар солњои 30-40-уми асри XX Институти давлатии илмиву тадќиќотии Иттињоди Шўравї (1931-1933), Академияи илмњои Иттињоди Шўравї (1941), ки дар асоси он соли 1951 Академияи илмњои Љумњурии Тољикистон таъсис гардида буд, сањм гирифтаанд, ки ќисме аз ин материалњо дар ФФТ мањфузанд.

Дар ин солњо яке аз муњаќќиќони пуркор ва зањматкаш Лутфулло Бузургзода ба гирдоварии маводи фолклорї бештар машѓул гардид. Бо саъю ибтикори ў нодиртарин нусхаи таронаи “Љашни лола” ва сурудњо дар бораи шўриши Восеъ сабт шудаанд, ки њоло дар ФФТ нигањдорї мешаванд. Дар он солњо инчунин адибон ва муњаќќиќони тољик Обит Исматї, Абдушукур Пирмуњаммадзода, Абдусалом Дењотї, Тўраќул Зењнї, Лутфулло Бузургзода, Суњайли Љавњаризода, Љалол Икромї, Њабиб Юсуфї, Мирзо Турсунзода, Њаким Карим, Рањим Љалил, Мирсаид Миршакар ва дигарон аз тољикони дењот, нoњия ва шањрњои мухталифи Осиёи Марказї афсонањо,

ривоятњо, рубоињо, дубайтињо, суруду таронањо, зарбулмасалу маќолњо, чистонњо ва матнњои маросимњои гуногунро сабт намудаанд.

Дар солҳои чилум, ба хусус 1945 дар давраи Љанги Бузурги Ватанї, гирдоварї ва сабти осори шифоҳии мардуми тољик қатъ нагардидааст. Муҳаққиқони дилсўзи фарҳанги мардум ба монанди Н. Маъсумї, Б. Раҳимзода ва М. Раҳимов дар солҳои 1943, 1944 ва 1945 ба деҳаву ноҳияҳои Ҳоиту Шулмак ва гирду навоҳии онҳо сафар карда, маводи арзишманди фолклорї љамъ овардаанд. Дар он солҳо ходимони илмї С. Табаров, М. Раҳимов ва донишљўён Қодир Расулов ва Исмоил Саидов аз достонсаро Одина Шакар  достони «Гўрўғлї»- ро навишта гирифтаанд.

Дар соли 1945 бо саъю талоши Бобољон Ниёзмуҳаммадов аввалин маљмўаи нисбатан калонҳаљми афсонаҳои тољикї ба забони русї ба табъ расонида шуд, ки он дар мавриди омўзиши осори шифоҳии халқи тољик як қадами љиддие ба пеш буд.

Дар солњои панљоњум ба таври гурўњї ташкил намудани экспедитсияњои фолклорї ба минтаќањо шурўъ гардид. Дар ибтидои соли 1953 Институти забон ва адабиёти ба номи Рўдакї нахустин њайати илмии фолклоршиносонро ба ноњияњои вилояти Сўѓди њозира фиристод. Пеш аз њама тавассути чунин кори майдонї аз ноњияњои ин вилоят, ба мисли Мастчоњ, Фалѓар, Панљакент ва Шањристон осори шифоњии фаровоне гирдоварї шуд. Сониян, вилояти мазкур азбаски бо љумњурињои Ўзбекистон ва Ќирѓизистон њаммарз мебошад, тањќиќу баррасии робитањои фарњангиву иљтимоии байни ин миллатњо ањамияти махсус дошт.

Дар он солњо таваљљўњи муњаќќиќонро минтаќањои тољикнишини Ўзбекистон низ ба худ љалб намуд. Њамин буд, ки дар солњои 1956-1957 Б.Шермуњаммадов ва Р.Ањмадов ба гирдоварии фолклори Самарќанд ва вилояти Ќашќадарё оѓоз намуданд. Бањром Шермуњаммадов дар асоси маводи фаровони гирдовардаи худ эљодиёти шифоњии тољикони шањри Самарќандро мавзўи рисолаи дипломии худ ќарор дод. Ў соли 1957 баъди

хатми Донишгоњи давлатии Тољикистон дар шўъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рўдакї корњои пажуњиширо оѓоз намуд.

Баъди муњайё гардидани шароити муносиб Институти забон ва адабиёти ба номи Рўдакї зарурати таъсиси шўъбаи мустаќили фолклорро матрањ намуд ва бо фармони № 30 аз таърихи 20 марти соли 1958 шўъбаи фолклори тољик таъсис дода шуд, ки бахши шевашиносї низ шомили он буд. Ба ин шўъба Рањаб Амонов мудир таъин гардид. Дар ваќти таъсиси шўъбаи фолклор дар њайъати он С.Норматов, Ф.Зењниева ва Б.Шермуњаммадов кор мекарданд. Моњи июни њамон сол, яъне пас аз ду моњи таъсиси шўъба хатмкунандагони Донишгоњи давлатии Тољикистон М.Холов ва Р.Ањмадов бо роњхати Донишгоњ ба шўъбаи мазкур ба кор омаданд.

Соли 1969 дар шўъбаи фолклор 27 нафар, аз љумла 4 нафар корманди калони илмї, 12 нафар корманди хурди илмї, 3 нафар лаборанти калон, 5 нафар лаборант ва як нафар аспирант фаъолият доштанд.

Соли 1959 як њайъати фолклоршинос ба шањри Самарќанд ва ноњияњои дуру наздики он ба муддати се моњ ба сабти маводи фолклорї машѓул шуданд. Ба он Б.Шермуњаммадов (роњбар), Р.Ањмадов, Ф.Зењниева, М.Њодиева шомил буданд. Аз байни сокинони ин шањри бостонї, инчунин аз бошандагони дењањои Синтоб, Ухум, Катта Эч ва маркази ноњияи Нурато маводи фаровони фолклорї ба даст омад, ки сипас дар асоси онњо маљмуањои «Афсонањои Самарќанд» (соли 1965) ва «Таронањои Самарќанд» (соли 1966) ба табъ расидаанд. Њисоботи Р.Ањмадов ва Б.Шермуњаммадов оид ба натиљаи ин сафари илмии фолклоршиносон дар ахбороти АИЉТ чоп шудааст.

То соли 1965 чунин сафарњои илмї барои гирдоварии намунањои фолклор ба вилоятњои Бухоро, Ќашќадарё, Фарѓона ва Сурхандарёи Ўзбекистон созмон ёфт, ки маводи аз ин сафарњои ба дастомада ФФТ ро хеле ѓанї намуд. Дар вилояти худмухтори Кўњистони Бадахшон аз соли 1960 то соли 1964 бо роњбарии Н.Шакармамадов чандин сафари илмии фолклорї созмон дода шуда буд.

Соли 1960 кормандони шўъбаи фолклор бо маќсади њар чи хубтар ва бештар љамъ намудани фолклори тољик тањти унвони «Дастурамал оид ба љамъ кардани эљодиёти дањанакии халќ» китоберо ба табъ расониданд. Ин дастурамал рањнамое буд оид ба усулњои гирдоварї ва шеваи сабку танзими матни жанрњои фолклории фарњанги мардум, ки аз љониби Р.Амонов, Р.Ањмадов, С.Норматов, С.Аминова, М.Холов, Њ.Рањматов, Б.Шермуњаммадов, А.Сўфиев, Ќ.Њисомов ва Т.Исроилова таълиф шудааст.

Њамин тавр, кормандони шўъбаи фолклор бештар аз 20 љилди Куллиёти фолклори тољикро дар ду давр танзиму тањия карданд (имрўзҳо миќдори љилдњо зиёд шудааст). Дар асоси маводи омодашуда чандин рисолањои номзодиву докторї низ таълиф гаштанд. Ҳоло љамъоварї ва пажуҳиши фолклори тољик аз љониби фолклоршиносон давом дорад ва паҳлуҳои равшаннагардидаи он таҳқиқу таҳлил шуда истодааст.

***Савол ва супоришот:***

*1. Кадом муаррихон ва бостоншиносони қадим доир ба фолклор мутолиа намудаанд.*

*2. Фикрҳои фолклоршиносони рус дар бораи фолклор*

*2. Маълумот оиди шарқшиносони маъруф*

*3. Маълумот дар бораи фолклоршиносии точик.*

Мавзўи **3** | **Таърихи фолклори қадим ва асримиёнагии форсу точик** | **Маърўза**

**Наќша:**

1. Авасто - намунаи барљастаи осори шифоҳї ва китобии ќадимаи ниёгони форсу тољик.
2. Масъалаи пайдоиш ва тараққиёти эљодиёти шифоҳї
3. Мақоми меҳнат дар пайдоиши фолклор.
4. Мифология – аввалин хаёлоти бадеї ва таљассуми љаҳоншиносии гузаштагони тољик.

**Мафњумњои асосї:** *фолклори қадим, Авесто, мифология, асотир, суруди мењнат, суруди Њаома Яшт, анъанањои ниёгон, хидмати фолклоршиносони тољик*

Адабиёти бадеии қадим аз ду қисм иборат аст: фолклор ва осори хаттї. Аввали каломи бадеии ҳамаи халқҳо фолклор аст. Фолклор пояи аввали адабиёти хаттї мебошад. Халқе, ки дар замони қадим хат ва китоб дошта бошад, эљодиёти шифоҳии он боз ҳам қадимтар аст. Мављудияти онҳоро мифологияи қадим ва сурудҳои маросимї, ки дар китоби «Авесто» мављуданд, тасдиқ менамояд. Адабиётшиноси маъруф Х.Мирзозода иброз медорад, ки «фолклори қадим ҳам аз рўи қонуни вариантҳо инкишоф ёфта, таҳаввулоти рўҳї ва ғоявии давраҳои гуногуни дунёи қадимро акс кунонидааст, ин хазинаи бои халқ нобуд шуда бошад ҳам, қисми дигараш ё аз даҳон ба даҳон гузаштааст ва ё ба воситаи китобҳои оиди таърих, масалан, асарҳо ва хотираҳои сайёҳони қадим Ҳеродот, Страбон, Табарї, Берунї, маљмўаи ашъор ва афсонаҳо аз қабили «Худойнома», «Шоҳнома» нигоҳ дошта шудаанд[1].

Масъалаи муайян кардани пайдоиши эљоди бадеї ва давраҳои ибтидоии тараққиёти он хеле мураккаб аст, зеро он осори эљоди даҳанакии бадеии одамони љамъияти ибтидої ягон далеле, ки дар ин хусус маълумот медода бошад, дар даст надорем. Фақат дар асоси бозёфтҳои археологї, этнографї ва лингвистї доир ба ин масъала баъзе мулоҳизаҳо рондан мумкин аст.

Фолклоршиносон В.Асрорї ва Р.Амонов иброз медоранд, ки «пайдоиши забон барои ба вуљуд омадани эљодиёти бадеии даҳанакї заминаи лозимї муҳайё мекунад. Аммо то он вақте ки каломи бадеї мегардад, як давраи дуру дарозе мегузарад, ки вай шояд, танҳо аз давраи якҳазорсола иборат набошад, зеро ки дар вуљуди инсон нисбат ба олами мављудот як муносибати бадеї

[1] Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тољик. (давраи қадим). –Душанбе, 1987, саҳ. 46

бояд ба вуљуд ояд, имконияте муҳайё шавад, ки инсон љаҳонро ба таври эстетикї дарк карда тавонад»[1].

Яке аз намудҳои қадимтарини эљоди бадеї суруди меҳнат мебошад, ки бевосита бо фаъолияти меҳнатии инсони љамъияти ибтидої алоқаманд аст. Ин навъ сурудҳо то замони мо нарасидаанд, аммо хусусияти онҳоро аз рўи сурудҳое, ки дар баъзе халқҳо боқї мондаанд, фаҳмидан мумкин аст.

Рақсу бозиҳои одамони љамъияти ибтидої низ бо меҳнат вобаста буданд. Онҳо ҳангоми киштукор, хирманкўбї, мевағундорї ва ғайра иљро карда мешуданд. Дар байни халқҳои Европа ин навъ рақсу бозиҳо ба сифати маросимҳо то асри X1X нигоҳ дошта шудаанд. Аммо онҳоро дар байни халқҳое, ки хеле ақиб мондаанд, ҳоло ҳам дучор кардан мумкин аст.

Дар ин бобат сурудҳое, ки К. Бюхер дар асари худ «Кор ва ритм» овардааст, мисол шуда метавонанд. Фолклоршиносон Р.Амонов ва В.Асрорї иброз медорад, ки «Мо аз рўи асари ин олими немис бо сурудҳое шиносо мешавем, ки оҳангашон бо белзании ҳангоми завракронї, бо низоми шудгори замин, хирманкўбї, хамиркунї ва ғайра алоқаи зич дорад. Гумон меравад, ки сурудҳои меҳнат дар ибтидои пайдоиши худ хеле содда буда, аз нидою овозҳои људогонаи такрор ва ё калимаҳои кўтоҳи алоҳида иборат буданд»[2].

Инсон дар асарҳои бадеии нахустини худ он чизҳоеро таљассум менамуд, ки барояш хеле муҳим буданд, шуури тараққикардаистодаи ў на фақат дар суратҳо, балки инчунин дар суруду рақсҳо ба таври бадеї ифода мешуд. Дар баробари сурудҳое, ки ҳангоми меҳнат ба инсон ёрї мерасониданд, сурудҳое, низ пайдо мешаванд, ки меҳнатро васф карда, худи љараёни меҳнатро инъикос мекунанд.

Мардум аз замони ба ҳаёти бошуурона гузаштанаш сар карда, тасаввуроти худро дар бораи муҳит, зиндагї, ҳаёт, табиат ва ғайра ба воситаи ифодаҳои образнок ва дар шакли эљодиёти даҳонї ифода карда меояд. Ба

[1] В.Асрорї, Р.Амонов. Эљодиёти даҳанакии халқи тољик. –Душанбе, 1980, саҳ. 44
[2] Ҳамон асар, саҳ. 45

ҳамин восита вай таљрибаи зиндагї, анъана ва донишҳои худро ба насли оянда пешкаш мекунад.

Сурудҳо яке аз намунаҳои қадимтарини адабиёти даҳонї буда, дар онҳо љиҳатҳои муҳимтарини зиндагонии гузаштагони мо инъикос ёфтаанд. Намунаҳои зиёди ин гуна сурудҳо дар «Авасто» оварда шудаанд, ки онҳо барои донистани тарзи зиндагї, тасаввурот, орзую ҳавас ва љиҳатҳои дигари гузаштагони мо ёрї мерасонанд. Яке аз намунаҳои сурудҳои қадима ***«Ҳаома Яшт»*** ном дошта, дар он «ҳаома» ном нўшокие, ки аз растанї тайёр карда мешуд, васф карда мешавад. Ин нўшокї, аз рўи эътиқоди гузаштагони мо, гўё қувваи сеҳрангезе дошта, ба кас мардонагї, далерї ва шуљоат ато мекардааст. Дар қисми ***«Ясно»~и «Авасто»*** дар ҳаққи «Ҳаома» гуфта мешавад:

***Аз ту зўр мехоҳем,***
***Зўру фирузмандї мехоҳем,***
***Сиҳатию дармон мехоҳем,***
***Фаровонию баракот мехоҳем!***

***Асотир.*** Асотир шакли љамъи «устура» аст ва маънои гуфтор, қисса, ривоятро дорад. Асотир офаридаҳои эљодиёти тахайюлии мардуми љамъияти ибтидої буда, дар шакли шифоҳї офарида шудаанд. Мавзўъ ва навъҳои асосии асотир, ки аз тарафи халқҳои гуногун дар замонҳои қадим офарида шудаанд, асосан ба масъалаи пайдоиши олам ва ашёҳои он, пайдоиши одам, ҳайвонот, ҳодисаҳои табиат ва ғайра вобаста мебошанд. Асотир дар давраҳои аввал тасаввуроти ҳайратангези мардумро бе рабту парешон ифода кунад, дертар образноки асотирии мутаносиб, муназзам ва мараттаб ба вуљуд омаданд.

Дар ҳақиқат, ҳодисаҳои табиї: раъду барқ, гирифтани моҳу офтоб, бўрон, хунукии сахт, ҳайвонҳои ваҳшии дарранда, барфу борон, тўфон, заминљунбї, обхезї, қаҳтї, беморї ва марги беамон ба инсони ибтидої даҳшатангез буд, аз ин рў, инсон ба табиат тобеъ шуда, дар вай қувваи

фавқулодда ва фавқуттабиаро тасаввур мекард, табиат дар назари ў аз қувваҳои љондор иборат менамуд ва онро ба сари худ ҳукмрон меҳисобид.

**Асотири Митра.** Аз рўи асотир Митра (Меҳр) номи худои офтоб, аҳду паймон, меҳру муҳаббат, дўстї, рўшної ва ғалаба буд, ки одамони қадим (ҳазораи 3-2 то мелод) мепарастиданд. Вай дар шакли одами мусаллаҳи нуқрагине тасаввур карда мешуд, ки аз сару рўяш нур меборид. Митра ба одамон нур, гармї, бахту саодат мебахшид. Дар баробари ин Митра бо аслиҳаи љангї ҳам мусаллаҳ буд. Вай аз қароргоҳи худ, ки гўё кўҳи афсонавии Хара буд, кишварҳои Ориёнро (Марв, Суғд, Хоразм ва ғайра) назора карда, ба некон дасти ёрї дароз мекард, бадон ва бадхоҳонро тиру найзаборон менамуд, дар аробаи худ нишаста осмонро сайр менамуд, ба муборизоне, ки рўшноиро аз ҳуљуми худои зулмат муҳофиза мекарданд, ёрї мерасонид.

**Асотири Анаҳита.** Аз рўи асотир Аноҳита худои об мебошад. Ин исми хос дар “Авесто” аз се калимаи “аред” – маънояш боло баромадан, болидан ва фузун, “сурва” қодир ва тавоно аст. Пас “аноҳида” – пок ва беолоиш аст. Ба ҳамин тариқ, ба маънои қувваи тавоною поку боланда аст. Ўро ҳатто “Бағдухт Аноҳита” (духтари худо Аноҳита) ҳам номидаанд. Ин номи руд ва фариштаи об аст. Дар бораи ин рўд дар “Авесто” чунин гуфта шудааст: “Ин руд он қадар бузург аст, ки тамоми обҳои рўи замин, ки аз баландии кўҳ ба баҳри “Фараҳ карт” мерезад, уқёнусро ба љўшу хуруш меорад. Он рўд рўдест, ки тамоми зимистону тобистон як хел равон аст. Аз вай ҳазор рўд ва дарёҳо шохоб мегиранд. Як баҳри он қодир аст саросари ҳафт кишварро сероб кунад”. Аноҳита талаффузи қадимаи сайёраи Ноҳид аст ва онро Зўҳра ҳам меноманд, ки дар шакли духтари зебо буда, мутрибаи фалак мебошад.

Аноҳита зани љавон, хушандом, баландқад, чеҳраозода, некўсиришт аст. Дар болои аробаи худ нишаста лаљоми чораспи якранг ва яккадро дошта меронад. Аспҳои аробаи вай – бод, абр, борон ва жола мебошанд.

**Асотири Каюмарс ва Љамшед.** Аз рўи асотир Каюмарс (Говмард) одами аввалин дар рўи олам мебошад, ки онро Ҳурмуз ба вуљуд овардааст.

Номи авестоии вай Гайамаритан аст, дар пахлавї Гайумарт ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсй Каюмарс буда, ба маънои «љони нестипазир», «љони миранда», «љони даргузар» омадааст.

**Йима – Љамшед** ҳам ба монанди Каюмарс аз образҳои асотирї ҳисоб меёбад. Љамшед аз рўи асотир шахси қаҳрамон ва наљоткори инсоният аст. Чунон ки дар «Авасто» тасвир меёбад, вай ҳукмрони одил буда, дар давраи ў хунукии сахт ҳам, гармии зиёд ҳам намешавад, одамон бемор ҳам намешаванд ва намемиранд ҳам.

**Ривоят ва достонҳо.** Дар адабиёти шифоҳие, ки аз тарафи бошандагони Осиёи Марказї офарида шудааст, эпосҳои қаҳрамонї ҳам љои асосиро ишғол менамояд. Гўянда ва мутрибони халқї дар васфи пешвоён, далерон, қаҳрамонони майдони љанг, ки барои муҳофизати сарзамини худ љонбозї мекарданд, достонҳо офаридаанд. Бисёр достонҳои қаҳрамонї дар асоси воқеаҳои конкрети таърихї, дар заминаи муборизаҳои ба муқобили душманон бурдаи мардумони Осиёи Марказї ба вуљуд омадаанд.

**Қиссаи Шерак.** Қиссаи Шерак низ аз муборизаи қавму қабилаҳои Осиёи Миёна ба муқобили истилогарон ҳикоя мекунад. Мазмуни асар дар китоби таърихнависи Юнон Полиэн (асри П пеш аз мелод) баён шудааст. Аз ин баён маълум мешавад, ки баъди ҳалокати Кайхусрав подшоҳи дигари сулолаи Ҳахоманишиҳо Доро барои забт кардани мамлакат ва асир гардонидани қабилаҳои суғду скиф ва массагетҳо ҳуљуми ҳарбии истилогарона кардааст.

Лашкари форсҳо ба кишвари сокҳо наздик омад. Дар ин вақт яке аз саисҳои сок дар ҳолати хуншор – гўшу бинї бурида, тану рўй пур аз љароҳатҳои теғ ба назди подшоҳ - Доро омада, арз кард, ки сокҳо ба вай ин тавр муомилаи зишту ваҳшиёна кардаанд. ў мехоҳад лашкари форсро бо роҳи наздик ба ақибгоҳи сокҳо барад, то ки зарбаи ногаҳонї зананд. Подшоҳ ба ҳилаи ҳарбии ў бовар карда, бо лашкари азимаш раҳсипор шуд. Баъд аз ҳафт шабонарўз ба биёбони беобу долу дарахте рафтанд, ки аз мондагї, ташнагї ва гуруснагї на имконияти пеш рафтан буд, на ақиб гаштан. Лашкари бисёре

ҳалок гашт. Вақто ки Шеракро марг таҳдид мекард, гуфт: «Ман ғалабаро ба даст овардам, зеро барои халос кардани ҳамватанонам аз оқибатҳои бади истило форсҳоро ба гуруснагї ва ташнагї гирифтор кардам».

**Ривояти Тумариса.** Ривояти «Љанги Тумариса бо Куруш (Кайхусрав)» инъикоси бадеии муборизаи ба муқобили истилогарон бурдаи мардумони Осиёи Миёна аст. Ин асар ба воситаи «Таърих» ном китоби таърихнависи Юнон Герадот (асри У пеш аз молод) то ба мо расидааст. Чуноне ки дар он ҳикоя карда мешавад, дар қисми шарқии баҳри Каспї, дар соҳили дарёи Аракс (Амударё) яке аз қабилаҳои Осиёи Миёна- массагетон зиндагї мекарданд. Мамлакати массагетонро Тумариса ном зани љасур ва боғайрат идора мекард. Подшоҳи форс Куруши II хост, ки ин мамлакати осоишта ва мардуми озодихоҳи онро ба худ тобеъ гардонад. Аввал ба Тумариса найранге таклиф кард, ки зани ў шавад, аммо вай мақсади Курушро фаҳмид, ки ба ў худаш не мамлакаташ лозим. Вай таклифро рад кард. Он гоҳ Куруш бо лашкари 200 ҳазорнафарааш ба кишвари массагетҳо ҳуљум овард. Дар љанг Куруш аз љоними Тумариса мағлуб карда мешавад.

Дар эпосҳои қаҳрамонї, ривоят ва қиссаҳои халқї ғояҳои ватандўстї, мубориза бар зидди истилогарон, ҳимояи манфиатҳои халқу ватан ифодаи баръалоинаи худро ёфтаанд.

Чанде аз намунаҳои эљодиёти даҳонии халқ ба воситаи баъзе манбаъ ва асарҳои таърихї то ба мо расида омадаанд.

Доир ба намунаҳои эљодиёти даҳонии халқ дар асарҳои муаррихони асримиёнагї Саолибї, Берунї, Балъамї, Табарї, Наршахї, Масъудї ва дигарон низ маълумотҳои пурқимат мављуд мебошанд.

Бояд қайд кард, ки асарҳои хаттии боқимонда баъзе аз намунаҳои эљодиёти даҳонии халқро дар бар мегиранду халос. Қисми асосии асарҳои даҳонии қадим то ба мо нарасидаанд. Бино ба маълумотҳои дастрас ба хулосае омадан мумкин аст, ки намунаҳои аввалини эљодиёти даҳонии халқ, аз **пандҳои кўтоҳ, чистон, суруд, миф, ривоят, афсона ва достонҳо** иборат буда, дар онҳо тасаввуроти мардумони қадим доир ба ҳодисаҳои табиат, ҳаёт

ва ғайра ифода ёфтаанд. Асотир (устура) дар бораи одами аввалин дар рўи замин, мубориза и рўшної ва торикї, афсона ва достонҳо доир ба қаҳрамонҳои гуногун аз ҳамин љумлаанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Масъалаи пайдоиш ва тараққиёти эљодиёти шифоҳї ва китобии қадимаи ниёгони тољику форс.
2. Сурудҳои қадима ва навъҳои он.
3. Инъикоси муборизаи некї ва бадї  дар асотир.
4. Маълумот дар бораи устураи Митра ва Анаҳита.
5. Маълумот дар бораи ривоят ва достонҳо.

Мавзўи 4 **Муносибати фолклори  тољик бо фолклори ўзбек** **Маърўза**

**Наќша:**

1. Робитаи фолклори тољик бо эљодиёти шифоҳии  мардуми ҳамзабони хориљї - Эрону Афғонистон.
2. Муштаракї ва тафовутҳои фолклори тољик  ва ўзбек.
3. Муштаракї ва ҳамбастагии  эпос, достон, зарбулмасалу мақол, афсона, чистон ва латифаҳои халқии тољику ўзбек

***Мафњуми асосї:*** *фолклори тољик, афсона, латифа, зарбулмасал, сюжет, образ, мазмун ва мундариља, алоќањои адабї, робитањои шифоњї*

Халқи тољик бо бисёр халқҳои ҳамсоя муносибатҳои таърихї, маданї, иқтисодї ва сиёсї-иљтимої дорад. Фолклори тољик махсусан бо фолклори ўзбек хеле наздик аст. Жанрҳои афсона, латифа, зарбулмасал, ашула дар фолклори ин халқҳои бародар аз љиҳати мазмун, сюжет, образ басе монандиҳо доранд. Таъсири байниҳамдигарии фолклори тољик, ўзбек, туркман, қазоқ, қиргиз, озарбойљон низ бузург аст.

Фолклори тоҷик бо фолклори халқҳои Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Покистон низ алоқаи зич дорад. Аз ҷиҳати жанрҳо, образҳо, сюжетҳо ва ҳатто воситаҳои бадеии тасвир дар фолклори ин халқҳо ягонагӣ ва умумият дида мешавад. Як қисми калони суруд, рубоӣ, бадеҳа, зарбулмасал, чистон, афсона ва латифаҳои тоҷикӣ, дарӣ ва форсӣ варианти якдигаранд. Ин навъ ягонагӣ ва наздикӣ бо таърихи гузаштаи ин халқҳо ва муносибатҳои маданӣ, иқтисодӣ ва сиёсии онҳо дар замонҳои собиқ вобаста мебошад.

Олими адабиётшинос А.Самадов дар китоби худ «Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ» доир ба алоқаҳои адабии тоҷику ӯзбек маълумотҳои судмандро оварда, оиди муносибати эҷодиётии шифоҳии ин ду халқ чунин таъкид менамояд: «Равобити адабии халқҳои тоҷику ӯзбек пеш аз ҳама дар эҷодиёти даҳанакии онҳо мушоҳида мегардад. Дар фолклори ин халқҳо бисёр достону афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, латифаю таронаҳо мавҷуданд, ки аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва ғоя ба ҳамдигар хеле наздику муштараканд. Ин аст, ки баъзан моли кадом халқ будани онҳоро муайян кардан душвор аст»[1]. Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи адабиёти халқҳои тоҷику ӯзбек И.С.Брагинский аст, ки дар мақолаи «Доир ба омӯзиши равобити адабии тоҷику ӯзбек» хеле барҷастаю назаррас зуҳур ёфтани алоқаҳои адабию мадании ин халқҳоро дар асарҳои эпикӣ, достонҳои қаҳрамонӣ, аз қабили достонҳои «Алпомиш», «Гӯрӯғлӣ» дуруст мушоҳида кардааст.

Ин ақидаи чолиби диққати олими шарқшиносро фолклоршиноси тоҷик, академик Р.Амонов пайравӣ карда, чунин мешуморад, ки образи машҳур ва дӯстдоштаи мардуми эрониназод – Рустами достон дар байни ӯзбекон хеле маъруф бошад, эпоси «Алпомиш»-и халқҳои туркизабон дар байни халқи тоҷик низ ҳамон андоза машҳур аст. Аз ин рӯ дар таъсири ин эпоси халқӣ «Алпомиш»-и тоҷикӣ офарида шудаасту «Гӯрӯғлӣ»-ҳои тоҷикӣ бо вариантҳои ӯзбекии он низ муштаракиҳо доранд[2]. Гарчанд ин эпосҳои халқӣ

---

[1] Самадов А. Пайвандҳои дӯстӣ ва адабӣ. –Тошканд, Муҳаррир, 2012, саҳ. 14.
[2] Гӯрӯғлӣ. Сарсухани Р.Амонов. –Душанбе, 1962, саҳ. 13

дар асоси сюжети ягона офарида шуда бошанд ҳам, онҳо асарҳои мустақили эпикии халқианд.

Таъкид кардан љоиз аст, ки  байни асарҳои шифоҳии тољикону ўзбекон достонҳои қаҳрамонї мавқеи људогонаро ишғол менамоянд. Дар ин жанри фолклорї воқеаҳои таърихї, ки халққоямон якљоя аз сар гузаронидаанд - муборизаҳо ба муқобили душманони аљнабї, ғалабаи адолат бар зулму истибдод инъикоси будеии худро ёфтааст. Фидокорї ва ватандўстии мардуми диёрамон тавассути образҳои Тўмарис, Рустам, Сиёвуш, Алпомиш, Гўрўғлї, Равшан ва монанди инҳо тасвири бадеии худро ёфтааст.

Аз достонҳои халқии қаҳрамонї эпоси «Алпомиш» хоса дар байни халққоямон шўҳрати беандоза касб намудааст. Аљибаш ин аст, ки бештар аз ҳазор сол боз ин достони халқї аз тарафи гўяндагони мардумї иљро карда мешаваду ҳоло ҳам арзиши ғоявию бадеиашро гум накардааст. Ин буд, ки соли 1999 бо ташаббуси Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ҳазорсолагии бунёди ин эпоси халқї дар Сурхондарё пуршукўҳ љашн гирифта шуд. Сарвари мамлакатамон дар китоби худ «Маънавияти воло – нерўи мағлубнопазир» дар бораи достони «Алпомиш» алоҳида сухан ронда таъкид менаоянд, ки агар таърихи қадимї ва пуршаъни мо як достони беинтиҳо бошад, «Алпомиш» шоҳбайти ҳамин достон аст[1].

Достонҳои халқии тољику ўзбек гувоҳї медиҳанд, ки тољикону ўзбекон дар тасаввури худ образҳои паҳлавонони афсонавї – Алпомиш, Гўрўғлї ва Авазро эљод карда, тавассути онҳо оиди озодиву ободии сарзамини худ, муборизаи қувваҳои некию бадї пайваста мулоҳизаҳои љолиби диққатро пеш рондаанд. Гўяндагони тољику ўзбек  ба ин гуна офаридаҳои шифоҳї, ба ҳаёти маданию маишї, урфу одат ва завқу табъи халқи худ обуранг ва љилои миллї бахшидаанд.

Дар асоси эпосҳои халқии ўзбек афсонаҳои тољикї низ эљод шудаанд. Чунончи, дар афсонаи «Алпомиш» аз љасорати беҳамтои ин марди далери

[1] Каримов И.А. Маънавияти воло – нерўи мағлубнопазир. (Баёни мухтасар). –Тошкент, Маънавият, 2008, саҳ. 12

афсонавї, муҳаббати гарму љўшони ў нисбати Гулпарвиной, макру ҳилаи кампири зол, чї тавр аз дасти Қултой озод гаштани падару модар ва зану фарзанди Алпомиш нақлу ривоятҳои таъсирбахш оварда шудааст. Инчунин афсонаҳои «Тоҳир ва Зўҳро», «Аёз», «Хусрав ва Ширин» дар байни ҳар ду халқ  аз қадим ин љониб маъруфу машҳуранд. Масалан, афсонаҳо оиди Фарҳоди кўҳкан, ки ба Ширини зебо дил бастааст, дар байни халқҳои туркизабону тољикзабон хеле шўҳрат ёфтааст. Маҳз дар асоси ин гуна афсонаҳои халқї ишқномаи Фарҳоду Ширин ба адабиёти хаттї дохил шуда, аз тарафи Фирдавсї, Низомї, Хусрави Деҳлавї, Навої ва дигарон бо маҳорати баланд ба риштаи назм кашида шудааст.

Наздикию ҳамоҳангии мазмуну мундариља на танҳо дар афсонаю достонҳо, балки дар зарбулмасалу мақолҳо ва чистонҳои халқии тољику ўзбек низ равшан ба мушоҳида мерасад. Гўё чунин ба назар мерасад, ки дар ин зарбулмасалу мақолҳо ва чистонҳо  як мазмун ба ду забон ифода ёфтааст.

Дар ҳақиқат, халқҳоямон аз мушоҳидаҳои зиндагї хулосаҳои амиқ баровардa, бисёр зарбулмасалу мақолҳо ва панду ҳикматҳо эљод кардаанд. Мутаносибан ба лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт суруду таронаҳо офарида, онро аз сидқи дил тараннум намудаанд. Онҳо имрўзҳо низ аз ин гуна дурдонаҳои пурқимати ҳамдигар баҳра мебаранд. Чунончи, ҳангоми гуфтугў тољикон панду ҳикматҳои ўзбекиро бо роҳҳои гуногун барои факту ҳуљљат ва хулосаи фикрашон истифода кунанд, дар навбати худ, ўзбекон ҳам ба адабиёти лафзии тољикон мурољиат карда, онро аз таҳти дил самимона кор мефармоянд. Дар ин бобат аз рўзгори мардуми ин ду халқи бо ҳам дўст садҳо мисолҳо овардан мумкин аст.

Адабиётшинос А.Самадов таъкид менамояд, ки «Гуфтан бамаврид  аст, ки адибони ҳар ду халқ дар асарҳояшон аз ин боигарии шифоҳии якдигар моҳирона истифода мебаранд ва бо ин роҳ љозибанокї ва бадеияти фикру образҳои худро таъмин менамоянд. Ин хусусият аз як тараф, халқияти асари бадеиро амиқтар намояд, аз тарафи дигар, барои муайян шудани услуби хоси эљодии суханварон ёрї мерасонад. Нависандагон барои ошкор намудани

характери персонажҳои худ, барои ба моҳияти тасвир амиқтар сарфаҳм рафтани хонанда аз зарбулмасалу мақол, панду ҳикматҳо ва ибораю ифодаҳои образноки ҳар ду халқ фаровон истифода бурдаанд»[1].

Инчунин қайд кардан лозим аст, ки адибонамон аз зарбулмасалу мақол ва панду ҳикматҳои якдигар асосан бо ду роҳ - айнан иқтибос кардан ва ба тариқи тарҷима истифода мебаранд.

Масалан, дар осори нависандагони тоҷик С.Айнї, Ҷ.Икромї, Р.Ҷалил зарбулмасалу мақолҳои ўзбекї, аз қабили «Сўраб бергунча уруб бер», «От кимники? Минганники», ибораҳои образноки «тайёр ошга баковул», «баъзи кунларни қурбони бўлай», «итни улфати бит» ва дигарҳо васеъ истифода шудаанд. Дар адабиёти ўзбек низ ин тарзи ифода кам намебошад. Масалан, «девона, гурез ки маст омад», «муросою мадоро», «тарки одат-амри маҳол», «инсоф дорї-барака» аз ҳамин қабиланд. Онҳоро адибонамон айнан дар шакли иқтибос истифода бурдаанд. Баъзан зарбулмасалу мақолҳо бо роҳи тарҷима ҳам истифода мешаванд: «Агар ба тўй равї, шикаматро сер карда рав», «Девона ба кори худ ҳушёр» ва ғайра.

Ин ҷо боз як роҳи истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро қайд кардан ба мақсад мувофиқ аст. Яъне халқҳоямон як гурўҳ зарбулмасалу мақолҳоро ба тариқи муштарак дар гуфтугўи худ истеъмол мекунанд. Масалан, мақолҳои «Вақт-ғанимат», «Сукут-аломати ризо», «Салом ҳам фарз, алек ҳам фарз», «Сайл ҳам сайл, саргардонї ҳам сайл», «Аз нўги хамир фатир», «Ангура хўру боғаша напурс» ва монанди инҳо. Баъзе зарбулмасалу мақолҳо ва ибораҳои тоҷикию ўзбекї ба тарзи ширу шакар бо ду забон сохта шудаанд: «Қочмаган номард!», «Текинхўр-ҳаромхўр», «Тегма нозук» ва дигарҳо.

Ҳамин тавр, дар гуфтугў ва адабиёти бадеии халқҳоямон зарбулмасалу мақол, панду ҳикматҳои ҳамоҳангу муштарак бисёранд. Худи ҳамин нишон медиҳад, ки мардуми тоҷику ўзбек таърихан ба ҳам дўст буда, дар урфу одат ва анъана умумияти зиёде доранд.

[1] Самадов А. Пайвандҳои дўстї ва адабї. –Тошканд, Муҳаррир, 2012, саҳ. 14.

Алоқаи эљодиёти даҳанакии халқҳоямонро дар ҳамаи жанрҳои фолклорї, аз љумла дар латифаҳо ҳам равшан пай бурдан мумкин аст. Агар мо латифаҳои тољикию ўзбекиро бо ҳам муқоиса намоем, байни онҳо тафовути љиддиро мушоҳида намекунем. Онҳо чи аз љиҳати мазмуну мундариља ва чи аз љиҳати образу образнокї ба ҳам хеле шабоҳат доранд.

Латифаҳои тољикї ва ўзбекї, бидуни шубҳа, дар давоми таърихи тараққиёти худ такмилу таҳрир ёфтаанд. Онҳо мувофиқи қонуну қоидаҳои эчодиёти даҳанакии ин ду халқи бародар мунтазам инкишоф ёфта, баъзе чиҳатҳои хоси худро зоҳир намоянд ҳам, бо тарзи эчоду мавриди гуфтан ва аз чиҳати мавзўъ, мазмун, образҳо ва инчунин воситаҳои тасвир аз ҳамдигар фарқе надоранд.

Гурўҳи латифаҳое, ки дар байни ин ду халқ маълуму машҳур гаштаанд, дар вариантҳои гуногун вомехўранд ва ҳар кадоми онҳо мавзўъҳои якхеларо соҳиб буда, танҳо бо иваз намудани персонаж ва қаҳрамонҳо аз ҳам фарқ карда меистанд. Ин андешаҳоро латифаҳои «Ду хара борро бардошт» («Икки эшакнинг юки»), «Дар қиёмат сару либос» («Қиёмат»), «Думаш дар хўрчин» («Думи хўржинда»), «Доруи мушкушак» («Сичқон дори») ва дигарҳо тасдиқ менамоянд. Ин гуна муродифҳо дар фолклори точику ўзбек хеле зиёданд ва онҳо сайри таърихии дуру дарозеро тай намудаанд. Аз ин рў дар бораи маҳсули эчоди кадомин халқ будан ва маҳз ба кадоми онҳо мансуб будани ин қабил латифаҳо фикри қатъй гуфтан душвор аст.

Бешубҳа, ин гуна афсонаю достонҳои халқй на танҳо дар такомули маънавияти адибон, балки дар рушду камоли завқи эстетикии ин халқҳо низ роли калон бозидааст. Вақте дар бораи тољикон ва ўзбекон сухан меронанд, онҳоро ба «ду мағзи як бодом», «ду решаи як чинор», «ду мисраъи як шоҳбайт» қиёс мекунанд. Ин беҳуда нест, албатта. Зеро дўстии азалии онҳо таърихию самимї буда, онро адабиёти шифоҳии онҳо низ равшан исбот менамояд.

**Савол ва супоришот:**

1. *Доир ба робитаи эљодии шифоҳии мардуми ҳамзабони хоричӣ - Эрону Афғонистон маълумот диҳед.*

*3. Алоқаҳои адабии шифоҳии тољику ўзбекро дар эпосҳои халқї нишон диҳед.*

*4. Муштаракї дар зарбулмасалу мақол, афсона, достон, латифа ва нақлу ривоятҳо.*

Мавзўи 5 | **Фолклори маросими мавсимї** | **Маърўза**

**Наќша:**

1. Маросимҳои мавсимї ва тарзи иљрои онҳо.
2. Нақши ҳодисаҳои табиат дар пайдоиши сурудҳои мавсимї.
3. Љараёни ташаккули маросими мавсимї, суруду таронаҳо бахшида ба маросимҳои гуногуни мавсимї.
4. Назми мавсимї ва мавзўъҳои он.
5. Тарона ва сурудҳо дар мавзўи наврўз, гулгардонї, суманак, сустхотун, киштукор, хирманкўбї, меҳргон, барфї.
6. Мундариља ва шаклҳои шеърии онҳо.

***Мафњумњои асосї:*** *маросимњои халќї, маросими гулгардонї, љашни Наврўз, дарав ва хирманкўбї, суманак, Љуфтбаророн, сурудњои маросимї, маросими хосилѓундорї, сайри гули лола, Сусхотун*

Ҳар як халқ аз рўи урфу одатҳои миллии худ маросимҳои анъанавї дорад, ки аксарияти онҳо бо оин, ақида ва тасаввуроти қадимии мардум алоқаманд мебошанд. Бо мурури замон, вобаста ба њодисаҳои гуногуни таърихї бисёр расму одат ва маросимҳо аз байн рафтанд, тағйир ёфтанд ва баъзеашон бо таъсири дин хусусияти динї гирифтанд.

Маросимҳои халқие, ки то замони мо расидаанд, ба се гурўҳ људо мешаванд: **маросимҳои мавсимї, маросими тўй ва маросими мотам.** Дар заминаи ин маросимҳо намудҳои гуногуни эљодиёти бадеии халқ ба вуљуд омаданд, ки онҳоро дар илми фолклоршиносї фолклори маросимї меноманд.

**Фолклори маросимҳои мавсимї.** Маросимҳои мавсимие, ки дар байни тољикон маъмулу машҳур будаанд, аз инњо иборатанд: маросими љашни Наврўз (ё сари сол), маросими пешвозгирии баҳор: гулгардонї (бойчечак), сайри гули лола, сайри гули сурх, Сусхотун, маросими пешвозгирии айёми киштукор (љуфтбаророн, суманак), маросими ҳосилғундорї, (дарав, хирманкўбї) ва барфї.

Ҳамаи ин маросимҳо дар фаслҳои гуногуни сол моҳ, ҳафтаву рўзҳои људогона вобаста бо фаъолияти кишоварзии деҳқонон гузаронида мешудаанд, ки сабаби маросимҳои мавсимї ном гирифтани онҳо ҳам маҳз дар ҳамин аст.

Дар рўзҳои мо ин маросимҳо чун дар замонҳои пешина дар байни мардуми тољик мавқеъ надоранд. Ба сабаби дигаргун шудани ҳаёти сиёсї, иқтисодї ва маънавии халқ аксарияти онҳо аз байн рафта, аҳамияти пештараи худро гум кардаанд.

**Гулгардонї.** Гулгардонї яке аз маросимҳои пешазнаврўзї мебошад, ки ба муносибати шукуфтани гулҳои нахустини баҳорї баргузор мегардад.

Доир ба ин маросим дар фолклоршиносии тољик аввалин муҳаққиқе, ки маълумот додааст Н.Маъсумї мебошад. Ў дар бораи маросими мавсимии гулгардонии «Бойчечак», «Сиёҳгўш» ва «Гули наврўзї» таваққуф намуда, баъзе порчаҳои таронаҳои онҳоро намуна оварда, аз нигоҳи мазмуну мундариљаи ғоявї таҳлил кардааст.

Ин маросим асосан аз тарафи писарбачагон иљро мегардад. Онҳо дар аввали фасли баҳор ба кўҳу саҳро баромада гули бойчечакро љамъ менамоянд. Бегоҳирўзї  як љои аникро интихоб намуда, љамъ омада, ба ҳар як дари ҳавлии одамон рафта, суруди бойчечакро мехонанд. Бойчечакхонҳо одатан Бобои Деҳқонро хотирнишон сохта, аз номи вай аз соҳибони хона талаб мекунанд, ки инъоме диҳанд.  Чор панљ сарбайтхонҳо ба сурудани таронаи бойчечак оғоз менамоянд, дигарон баробар бо овози баланд ду маротиба калимаи «Бойчечак»-ро такрор мекунанд:

**Сарбайтхонҳо:**

Бойчечака аслаш гул,

Гул дар макони булбул.

**Ҳама:**

Бойчечак бойчечак.

**Сарбайтхонҳо:**

Чй алам дорї дар дил,

Дар саҳроҳо нишастї?

**Ҳама:**

Бойчечак бойчечак.

Соҳибони ҳавлї, бештар кадбонувон, баъди поён ёфтани суруд барои гулгардонҳо аз рўи ҳиммат ва имконоти моли оилавї гандум, нахўд, наск, меваи хушк ва нону пул инъом менамуданд. Соҳибони хона гулро аз дасти сарбайтхон гирифта «Ба солу моҳи нав расем, гул барин беғам шавем, шукри Оллоҳ, ки ба баҳор расидем» барин суханони анъанавї мегуфтанд ва гулҳоро ба чашму абрўвони худ себорї молида, бўй намуда, сипас ба гулгардонҳо бармегардониданд. Маросими «Гулгардонї» то соатҳои 10-11 шаб давом мекард.

Фолклоршинос Р.Аҳмадов иброз медорад, ки «ин маросим (Маросими Гулгардонї А.Ш.) қариб дар тамоми гўшаву канори Осиёи Марказї, ки тољикон сукунат доштанд, бо баъзе тафовутҳо анъанавї баргузор мегардид[1].

Дар сурудҳои бойчечак аввалин гули баҳор будани он ифода меёбад. Сурудҳои бойчечак бештар ба вазъи ҳоли ҳамон хонадон равона карда мешавад. Бойчечакхонҳо орзў мекунанд, ки хонадони онҳо бартараф аз камбудиҳову норасоиҳо гардаду дар баҳори нав орзуҳои иљронагаштаи онҳо амалї гардад ва хўшнудиҳоро истиқбол гиранд.

**Наврўз.**Љашни Наврўз як бахши ниҳоят қадимаи фарҳанги тољикон мебошад. Ин љашн бузургтарин анъана ва иди солинавии мардум аз даврони кўҳан то рўзгори мо бо як силсила маросимҳои солинавї бо шукўҳу ҳашамат ва зебоиҳову дилрабоиҳои баҳорона баргузор мегардад. Љашни Наврўзро

[1] Аҳмадов Р. Фолклори маросими мавсимии тољикони Осиёи Марказї. –Душанбе, 2007, саҳ.157

мардумони мо дар масири таърихи дуру дароз бо як љаҳон орзу ва таманниёт барои беҳбудии рўзгор таљлил менамоянд. Ин љашн паёмовари фасли баҳор, навшавии сол, омадани фасли гармову марги сардї – зимистон ва бозоии табиат ва замони хурўљи инсон аз олами хамудагї ва пайвастан бо табиат ва шурўи ҳаёти иљтимоии дубора дар љомеа ва кори дастљамъї дар берун аз хона ва дар марзаъву боғу бўстон аст. Аз ин рў, Наврўз рўзи фархундаву мубораке мебошад, ки оғози бедории табиат ва фасли рўишу шукуфоии гулҳоро навид дода, намоише аз љовидонагии офаринишу хилқати такрори табиат мебошад. Гарчанде пайдоиши Наврўзро сарчашмаҳои бостонї рангу бори асотирї медиҳанд, вале зуҳури он марбут ба дигаргуншавї ва гардиши фаслҳои сол иртибот дорад.

Дар бораи таърихи пайдоиши Наврўз дар осори олимон ва шоирони замонњои гузашта, аз љумла дар «Осор ул-боќия»-и Абўрайњони Берунї, «Таърихи Бухоро»-и Наршахї, «Наврўзнома»-и Хайём, «Шоњнома»-и Фирдавсї ва осори бадеии шифоњиву хаттї маълумотњои судбахше мављуданд.

Дар ривоятњои бисёре давраи пайдоиши љашни Наврўзро ба шоњони Пешдодї нисбат медињанд ва гўё Љамшед чањорумин шоњи пешдодї бунёдгузори љашни Наврўз мебошад. Аз љумла олим ва файласуфи бузург Абўрайњони Берунї бунёди љашнгирии Наврўзро ба Љамшед нисбат дода, чунин менависад: «Чун Љамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рўз ба он савор шуд ва љин ва шаётин онро њамл карданд ва ба як рўз ба кўњи Дамованд ва Бобул омад ва мардум барои дидани ин амр дар шигифт шуданд ва ин рўзро ид гирифтанд»[1].

Абулқосим Фирдавсї дар достони «Падид омадани Наврўз» ёдовар шудааст, ки ҳангоме Љамшед аз корҳои давлатдорї биёсуд, бар тахти каёнї биншаст ва тамоми бузургони кишварї ва лашкарї бар атрофи тахти ў давра нишастанд ва бар ў гуҳар пошиданд. Шоҳ Љамшед он рўзро, ки нахустин рўзи Фарвардин ва оғози сол буд, «Наврўз» номид ва љашн баргузор кард:

[1] Берунї А. Осор-ул-боқия. –Душанбе, 1990, саҳ. 332

Ба Љамшед бар гуҳар афшонданд.

Мар он рўзро Рўзи Нав хонданд.

Сари Соли Нав Ҳурмузи Фарвардин,

Бар осуда аз ранљ тан, дил зи кин.

Бузургон ба шодї биёростанд,

Маю љому ромишгарон хостанд.

Чунин рўзи фаррух аз он рўзгор,

Бимонда аз он хусравон ёдгор[1].

Аз рўи нақли Ибни Балхї ривоят ва ё афсонаи бар тахт нишастани Љамшед дар фасли баҳор ва Наврўз номидани он рўз чунин аст: «ба фармони Љамшед ҳамаи бузургон ба шаҳри Истахр, ки дар наздикии Тахти Љамшед воқеъ буд, гирд омадаанд ва дар соате, ки «Шамс ба дараљаи эътидоли рабеї расид, вақти соли гардиш, дар он сарой бар тахт нишаст ва тољ бар сар ниҳод ва он рўз љашн сохт ва Наврўз ном ниҳод. Ва он сол боз Наврўз оин шуд. Ва он рўз Ҳурмуз аз моҳи Фарвардин буд ва дар он рўз бисёр хайрот фармуд ва як ҳафта мутавотир ба нишот ва хуррамї машғул буданд»[2].

Рољеъ ба Љамшед ва бо корнамоиву фаъолияти ў таъсис ёфтани љашни Наврўз қариб дар аксари сарчашмаҳои адабиву таърихї бидуни баъзе тафовутҳои љузъї иттилоот шабеҳи ҳамдигаранд. Аз ин рў, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳо аз як манбаи таърихии махсусияти устуравї дошта ибтидо гирифтаанд.

То ҳол Наврўзро қариб дар тамоми гўшаву канорҳои Осиёи Марказї, љашн мегиранд. Рўзи дохилшавии Наврўз ба ҳисоби солшумории Шамсї (деҳқонї) якуми моҳи Ҳамал ва ба ҳисоби мелодї 21-22- юми моҳи март, ба ҳисоби Сосонї 1-уми Фарвардин мебошад.

Мардум бо мақсади сазовор пешвоз гирифтани ин љашн пешакї тайёрї медиданд. Барои пешвоз гирифтани Наврўз бо хоки сафед (оҳак) хонаҳои

---

[1] Абулқосим Фирдавсї. Шоҳнома.–Душанбе: Ирфон, 1964, саҳ. 25-26

[2] «Форснома»-и Ибн-ал-Балхї. Ба чоп тайёркунандагон: Ҳ.Рауфов ва М.Љалилова. Душанбе: Дониш, 1989, саҳ. 27

худро сафед мекарданд, дар девори он ҳар гуна гулу нақшу нигорҳо мекашиданд. Ду ҳафта пештар гандум, љав ва ё ягон зироати дигарро дар зарфе месабзониданд. Аз як қисми он суманак мепухтанд, қисми дигарашро ба ягон зарфе бардошта, дар хони наврўзї мегузоштанд.

Дар Мовароуннаҳр мардум кўшиш мекарданд, ки пеш аз Наврўз ба ҳамдигар чизе ҳадя намоянд. Ду соат пеш аз таҳвили Соли Нав мизи наврўзиро тартиб медоданд, ки онро «Суфраи ҳафтсин» меномиданд. Мардумони доро барои тартиб додани хони наврўзї бо ҳам мусобиқа мекарданд. Ин як роҳи намоишдиҳии шукўҳ, ғановат ва тавоної дар назди дигар давлатмандон буд. Аз ин љиҳат рўи мизи наврўзии онҳоро шамъҳои ранга, оина, ғулунгоб, нонҳои қуббадор, самбўса, мураббоҳои гуногун, суманак, сабзаи гандум, гулоб, оши палав ва ғайра зинат медоданд. Қадбонувон дар рўзи Наврўз дегҳоро то гушакаш пур карда таом мепухтанд. Камбағалон кўшиш мекарданд, ки ақалан дар Наврўз таомҳои дўстдоштаи хонаводаро омода созанд. Наршахї иброз медорад, ки «ҳануз дар асри Х кишоварзон ҳар сол дар Соли Нав то фурў рафтани Офтоб дар назди қабри Сиёвуш яктої хурус оварда мекуштанд»[1]. Эҳтимол дорад, гўшти парранда, алалхусус мурғ барои тайёр кардани таоми маросимї дар Наврўз ниҳоят аз замонҳои кадим боқї монда бошад. Дар охирҳои асри ХIХ дар бозорҳои Самарқанд, Бухоро ва дигар шаҳрҳои марказии Осиёи Миёна дар арафаи Наврўз гўштҳои мурғ, кабк, бедона, моҳии зинда ва ғайраро мефурўхтаанд.

Дар шаҳрҳои марказї аввали сол ҳамаи хонаҳоро бо шамъҳои ранга фурўзон мекарданд. Дар вақти афрўхтани шамъ ба кабудї (сабза, оина, ба рўи зебо ва ба асп нигоҳ мекарданд, ки ин одат аз давраи Сосониён боқї мондааст. Дар болои «хонча», ки он дар байни дастурхон гузошта мешуд, сипанд, себ, санљид, сумоқ, сир, сирко, ва суманак (самону)-ро низ мегузоштанд. Инчунин гузоштани шири тоза ва тухмҳои рангаро низ фаромўш намекарданд.

[1] Муҳаммад Наршахї. Таърихи Бухоро. –Душанбе, 1990, саҳ. 14

Мардум чунин маросимҳоро гузаронида, орзу мекарданд, ки Наврўзро бедарду ранљ пешвоз гиранд, то Наврўзи оянда сиҳату саломат бошанд. Мувофиқи ақидаи онвақта агар шахсе дар арафаи Соли Нав гирифтори касалї ё ғаму кулфат бошад, то соли оянда аз он раҳої намеёфтааст. Бинобар ин бо созмон додани чунин маросимҳо одамон худро аз ҳар гуна нохушї ва бадбахтиҳо эмин нигоҳ доштан мехостанд.

Дар шаҳрҳои марказии Осиёи Миёна дар арафа ва рўзҳои наврўзї сайрҳои гуногуни халқї барпо мегардид. Устод С.Айнї ва Љ.Икромї ин гуна сайру гаштҳои мардумони шаҳри Бухоро ва гирду атрофи онро дар асарҳои худ хеле барљаста тасвир намудаанд. Устод С.Айнї дар қисмҳои дуюм ва чоруми «Ёддоштҳо» се бор гаштаю баргашта дар бораи Наврўз ва сайри гул тавaққуф намуда, халқї будани онро махсус қайд кардааст. Дар рўзҳои наврўзї сайргоҳи расмї-давлатї Ширбадан ном љое буд. Дар идгоҳ ҳаргуна мусобиқаҳои халқї баргузор мегардид. Паҳлавонон бо санъатҳои дастпечї, қалмоқї, қоқма, сари сурунг ва ғайра гирифта рақибони худро маглуб мегардониданд.

Идгоҳи асосии мардумони Самарқанд Афросиёб ном љое буд. Дар ин љо ба муносибати Наврўз дуконҳои гуногуни шираворфурўшї, чойхонаю ошхона барпо мекарданд. Дорбозҳо дор мебастанд. Бозиҳои гуногун, аз љумла намоишҳои аспак ва чархифалакбозї ташкил меёфт. Навозандагону ҳофизони машҳур дар љойҳои махсус маскан гирифта, аз суруду тарона ва оҳангҳои дўстдоштаи халқї Савту Шаҳноз, Наврўзй Аљам, Наврўзи Хоро, Ушшоқ ва ғайраҳоро иљро мекарданд. Гўштї, бузкашї, пойгаҳ, чаҳчаҳбозї, давдавакбозї барин бозиҳои оммавї барпо мегардид, ки дар онҳо љавонони чолоку далер ва пурзўру тавоно қувваозмої карда, тамошобинонро шод мегардониданд. Љашни Наврўз дар Самарданд як ҳафта давом мекард.

Ҳамин тавр, мардуми мо чунин маросимҳоро ба љо оварда, орзу мекарданд, ки дар Соли Нав ҳама шоду масрур бошанд. Пою қадами Наврўз мисли орд сафед бошад, ранљу кулфат ва ғаму андўҳ ба хонадонашон роҳ наёбад, ҳосили кишти деҳқониашон фаровон шавад.

Љашни фархунда ва ҳуљастапаи Наврўз барои мардумони мо, хосатан барои тољикон рамзҳои зиёдеро ифода мекунад. Ин љашн, пеш аз ҳама, рамзи бедории табиат, шукуфої ва ифодагари љавонии Оламу Одам аст. Наврўз дар назди мардумони мо пирўзии нур бар торикї, гармї бар сардї, хубї бар бадї, чавонї бар пирї, покиву назофат бар касифї, маърифат бар љаҳолат, доної бар нодонї, шарофат бар разолат ва дасткўтоҳї бар хайру саховат маҳсуб мешавад. Инчунин Наврўз љашни омад омади баҳор, иди такопўи Замин ва љунбиши зебоиҳои зиндагист, зоиш ва рўиши такрори табиат мебошад. Ягон иду маросимҳои мардумї чун Наврўз ба дилу дидаҳои мардум наздик намебошанд. Аз ин рў, мардуми мо ин мероси гаронмояи ниёкони бофарҳангии худро, ки се ҳазор сол қабл аз зуҳури оини зардуштї пайдо шуда буд, дар масири таърихи тўлонии фарҳанги хеш бо рангу бў ва таровату нигориши дилчасп ҳар сол таљлил менамоянд. Имрўзҳо бо шарофати истиқлолияти Ўзбекистон Наврўз бо як шукўҳ дар ҳама љои мамлакат баргузор мегардад. Рўзи Наврўз сайлҳои гуногун, мусобиқаҳо баргузор мегардад, таомҳои гуногун пухта мешавад ва тамоми мардуми мамлакат истироҳат менамоянд. Наврўз дар имрўз ба љашни умумхалқї мубаддал гаштааст.

**Сурудҳои** баҳорї баёнгари онанд, ки дар ҳар ҳолате баҳорро гиромї доштаанд ва ба ақидаи фолклоршинос Додољон Обидов «баҳор фасле аст, ки аз оғози соли нав, зиндагии нав, аз талошҳои тоза ва пурсамар ва махсусан аз оғози кору фаъолиятҳои нав ва љунбишҳои нав навиде меоварад ва мардумро ба сўи корнамоиҳои нав ва комёбии нав ҳидоят менамояд»[1].

Мардум, ҳамеша баҳор ва Наврўзро гиромї доштаанд ва фаро расидани ин арўси солро бо шодию хушнудї пешвоз гирифтаанд ва таровату зебогии баҳорро дар суруду таронаҳои худ бо самимият ифода намудаанд:

Фасли Наврўз омаду саҳро ҳама шуд лолазор,
Шодмонї дар дили пиру љавон шуд барқарор.
То шавад роҳат муяссар мардуми бечораро,

[1] Обидов Додољон. Таҳқиқи сурудҳои мавсимии тољикони Афғонистон. –Душанбе, 2009, саҳ. 20

Бо каланду љуфт деҳқон мешавад машғули кор.

Дар баҳор замин қолини сабзро ба бар карда, табиатро ҳусни дилангезу ботаровате мебахшад, гулҳои зарду сафед, сурху нилгуни баҳорї шукуфон шуда, табиатро боз ҳам рангинтару зеботар, оламро дилработар менамояд.

Устод Садриддин Айнї дар бораи баргузории љашни Наврўз дар Бухоро менависад: «...Ба сабаби дар аввали баҳор дар вақти ба ҳаракат даромадани рустаниҳо рост омадани ин ид (Иди Наврўз А.Ш.), табиати инсон ҳам ба ҳаракат меояд. Аз ин љост, ки тољикон мегўянд: " Ҳамал- ҳама чиз дар амал». Дар ҳақиқат Наврўз љашни растохези олами хуфта, бедории табиат, оғози корҳои кишоварзї ва пайванди ногусастании инсон бо замин мебошад:

Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Ба чўпон тўли мол омад.
Ҳама гулҳо қатор омад,
Гули савсан савор омад.
Баҳори нав муборак бод!

Воқеан ҳам, бо омад-омади баҳор марди деҳқон синаи заминро омодаи кишт мегардонад ва бо дастони нерўманди худ ба замин дона кишт мекунад ва дар дил барои беҳрўзї ва зиндагии навине ба кори самарабахш умеде мепарварад. Бинобар ин ў омадани баҳор ва Наврўзро бесаброна интизор мешавад.

Дар сурудҳои наврўрї ва баҳорияҳо масъалаи тараннуми баҳор ва тасвири хислатҳои он мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Масалан, дар сурудҳои поён баъзе аз љиҳатҳои умдаи табиат аз қабили тозаю тар гардидани димоғи андалебон, сабзу муаттар шудан ва либоси арўсї пўшидани табиат, бо омадани Наврўз дигар шудани оламу аз хок берун баромадани гиёҳҳо инъикос ёфтааст:

Баҳор омад, димоғи андалебон тозаю тар шуд,
Либоси наварўсони чаман сабзу муаттар шуд.

Ё ин ки:

Иди наврӯз омаду олам дигаргун мешавад,
Ҳар гиёҳе, ки бувад, аз хок берун мешавад.

Дар сурудҳои боло низ сухан, асосан, аз хусуси таърифу тавсифи хушгувориҳои баҳор ва фаро расидани он рафтааст. Дар ин суруд зимни шодмонии мардум аз фаро расидани баҳор, дамидани сабзаву аз хок берун шудани гиёҳҳои «бешумор» аз бӯи баҳор «тоза» шудани димоғи андалебон таъкид гардидааст. Ба ифодаи дигар, дар байтҳои болої масъалаи эҳёгари воқеии табиат будани баҳор, бо омад-омади худ ба олами ҳастї љони тоза ато кардан васеътар ифода ёфтааст.

Суруду таронаҳои ба љашни наврӯз ва айёми баҳор бахшидаи халқї, асосан, мазмун ва мундариљаи тавсифї доранд. Ин гуна шеъру сурудҳо табиати зебо ва манзараи сабзу хуррами баҳориро васф мекунанд. Инчунин, таронаҳои баҳорї ва наврӯзї тасаввури мардумро дар хусуси табиат, рӯидани сабзаву шукуфтани гул ифода менамоянд:

Себарга бигуфт: «Дар замин сабза манам»,
Бунафша бигуфт: «Љавони пурғамза манам».
Садбарг бигуфт: «Лофи беҳуда мазан,
Дар кокули ошиқони пурғамза манам».

Дар як қисми сурудҳо бо шодию нишот пазирої кардани мардум Наврӯзро, ғанимат донистани лаҳзаҳои хуше, ки Наврӯз ба армуғон овардааст, бозтоб гардидааст:

Наврӯз фаро омада бо ахтари фирӯз,
Бо ахтари фирӯз фаро омада Наврӯз.
Мутриб, биё сози дигар боз ба по кун,
Бошад, ки ҳар лаҳза ғанимат дар ин рӯз.

Сурудҳои баҳорї ва наврӯзї ба кас рӯҳияи тоза, қувват ва умед мебахшанд, дилҳоро ба љӯш меоваранд ва саршор аз шодмонї ва фараҳ месозанд. Дар онҳо на фақат ибрози табрику таманниёт, самимият ва

эҳтироми мардум нисбат ба якдигар, балки рӯҳияи хушбинї, шавқу завқ ва эҳсоси дӯстдорї нисбат ба табиат доштаи онҳо васф шудаанд.

Хулоса, сурудҳои ба наврӯз ва баҳор бахшидаи халқї сурудҳои нишотоваранд. Онҳо ба инсонҳо қуввату тавоної мебахшанд, ғаму андӯҳро аз дилҳо дур мекунанд, умед ва шавқу завқи одамонро нисбат ба зиндагї ва меҳнат афзун мегардонанд. Ин гуна сурудҳо шукӯҳи љашни Наврӯзро меафзоянд, онро ба базми тарабу сурур табдил мегардонанд ва умри ин љашни пуршукӯҳро бардавом месозанд.

***

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Мурғони ҳаво љумла бикарданд парвоз,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад.

Наврӯз расиду шоду хуррам гаштем,
Аз рафтани дай љумла беғам гаштем,
Дидему чашидем ба сад меҳнату ғам,
Охир ба гули баҳор ҳамдам гаштем.

Наврӯз шуду омад ба таманно гули раъно,
Пӯшида ба бар хилъати зебо гули раъно.
Дар мавсими гул бодаи рангин чй хуш омад,
Дар соғари зар рехт ба саҳбо гули раъно.

**Љуфтбаророн.** Маросими мавсимии дигар Љуфтбаророн мебошад. Ин маросим ҳам қадимї буда, низ дар аввали баҳор гузаронида мешудааст. Фолклоршинос Р. Қодиров қайд мекунад, ки «дар водии Қашдадарё вақти шудгори заминро мӯйсафедони пуртаљриба ва саркорони деҳа муайян мекардаанд»[1]. Ба маросими Љуфтбаророн ҳамаи аҳли деҳа-зану мард тайёрї медидаанд. Ҳар оила аз рӯи будааш таом мепухтааст. Мардон меҳмонхона ё

[1] Ќодиров Р. Фолклори маросимии тољикони водии Ќашқадарё. Душанбе, 1963, саҳ. 41

масљидро рўфта тоза мекардаанд ва аз мардуми деҳа палос чамъ карда, љои нишаст меоростаанд. Пагоҳии рўзи Љуфтбаророн ба он љо ҳар кас ҳар чй аз таомҳои пухтагиаш меовардааст. Пас аз љамъ омадани аҳли деҳа яке аз куҳансолони мўътабар «кушоиши кор, баракату барор, Бобои деҳкон мададгор, якашон ҳазор шавад» гуфта фотида медодааст ва таомҳои омадаро ба деҳқонон—љуфтронҳо тақсим мекардааст. Рўзи дигар деҳқонон ба барзаговҳо яктої нон мехўронидаанд, ба шохњои онҳо равғани зағир мемолидаанд. Инчунин барои зиён нарасидан ҳазориспанд дуд карда онро «дафъи бало, дафъи бало» гўён дар гирду атрофи барзаговҳо давр мезанондаанд. Баъд барои шудгор кардани замин барзаговҳоро ба саҳро мебурдаанд. Дар баъзе љойҳо ин маросим ба таври индивидуалї, дар ҳудуди як ё ду оила гузаронида мешудааст. Рўзи аввали заминронї танҳо ду-се хат заминро шудгор карда, ба он каме гандум ё љав кошта, бармегаштаанд.

**Суманак.** Маросими дигаре, ки дар байни мардуми тољик ва ўзбек бошукўњ гузаронида мешавад «Суманак» ба њисоб меравад. Аз замонњои ќадим мардуми мо, аз љумла занон ва духтарон ин маросимро ба ўњда медоранд.

Истилоњи «Суманак» дар фарњангњо ва луѓатномањо ба шакли «Саманў» омадааст, ки ба маънои њалвоитар, ки аз шираи гандуми сабзшуда тањия мешавад, эзоњ ёфтааст. Масалан дар «Фарњанги Муин» оварда шудааст: «Саманў» монанди њалво чизест, ки аз гандуми сабз пазанд ва дар Хуросон мутаориф аст ва гирдакон (чормаѓз) ва бодом ва писта дар он кунанд, дар урф «Суманак» гўянд[1]

Њамчунин дар «Бурњони ќотеъ» омадааст: «Саманў» чизест монанди њалвои тар ва онро аз шираи гандуми сабзшуда пазанд[2].

Истилоњи «Саманў» дар байни мардум ба шакли «Сумалак», «Суманак» талаффуз мешавад. Суманак ба аќидаи мардум љумлаи таомњои табаррук буда, пухтан ва иљрои маросими марбути онро амри савоб, фоли нек ва

[1] Луғатномаи Деҳхудо, љ. 8, 1373 ҳ., с. 123
[2] Дар ҳамон љо.

хушбахтї мепиндоранд. Аз њамин сабаб аст, ки суманакро дар дастурхони Наврўзї бо номи «Саманў» дар љумлаи себ, сир, санљид, сирко, самоќ ва сабзї ќарор медињанд ва ба гунаи таоми мутабаррук мехўранд ва агар як оила пухта бошад ба њамсоянњо ва наздикони худ мефиристонанд.

Дар бораи пайдоиши суманак дар байни халќ чунин ривояте мављуд мебошад, ки мазмуни он ба тарзи зайл аст: дар замонњои ќадим занаке будааст, он якчанд фарзанд доштааст. Онњо дар хона барои хўрдан чизе надоштаанд, дар гуруснагї ба танг омадаанд. Модар ба маќсади тасаллии хотири онњо дегеро рўи оташдон гузошта, ба даруни он як миќдор сабза ва чанд дона санг андохта асту сипас ба зери дег оташ афрўхтааст. Замоне занак вориди хона шуда дидааст, ки сї малоика (фариштањо) гирди дегро ињота кардаанд, њалвои дохили дегро бо ќудрати худованд омода гардида буд, «сималак» ё «сермалак» ном гузоштааст. Сипас малоикањо тартиби пухтани суманакро ба занак ёд додаанд. Ин истилоњ бо мурури замон дар талаффузи мардум ба «Суманак» табдил ёфтааст. Аз њамон ваќт то имрўз суманак гўё ба њайси як ѓизои табаррук шинохта шуда ва маросими пухтани он њамчун љашни оѓози бањор аз тарафи занон гузаронида мешавад.

Пухтани суманак имрўз яке аз суннатњои пурифтихор ва писандидаи мардуми мо буда, низ дар Наврўз ва ё дар оѓози бањор созмон дода мешавад ва солњост, ки њамчун анъанаи дўстї, њамкорї ва дилхушии занону духтарон гардидааст. Дар гузашта бештар суманакпазиро бо њамкорї мепухтанд. Хонаводае, ки пухтани суманакро пеш мегирад як миќдор гандуми пурмаѓз ва сафеду покро љамъ карда, онро мешўяд ва сипас ба зарфе, ки он дар шакли лаганд, карсон бошад меандозад ва андаке об мезанад. Баъдан болои онро бо дока мепўшонад ва њамарўза ба он об мепошад. Нињоят, дар давоми таќрибан як њафта-дањ рўз оњиста-оњиста месабзад.  Њангоме, ки сабзаи гандум ба миќдори 10-15 см нумў кард, замони гирифтани шираи он фаро мерасад. Хонаводае, ки маросими пухтани суманакро ташкил кардааст, занони њамсоя ва хешу табори худро ба хонааш даъват мекунад ва ба омадани мењмонон марњилаи суманаккубї ва гирифтани шираи гандум оѓоз

меёбад. Гандуми дар зарф сабзидаро ба миён мегузоранд ва бо корд реза мекунанд ва булакчањоро ба пеши занњои дар гирди дастархон љамъшуда мегузоранд. Сабзањои гандумро занњо ба уѓурчањо андохта мекубанд. Чанд нафар аз занони дигар порчањои куфташудаи гандумро дар элак гирифта дар зарфи бузург бо дастони худ фишурда, шираи онро берун меоранд. Кўбидан ва фушурдани сабзаи гандум чанд навбат иљро мегардад ва њар дафъа шираи он гирифта мешавад. Дар дохили шираи гандум ба миќдори муайян орди сифатнок андохта мешавад ва баъди ин ба таги дег оташ афрўхта, ќисме аз занону духтарон ба кори пухтани суманак банд мешаванд, боќимонда занон ва духтарон раќсу бозї намуда сурудњонї ва доиранавозї мекунанд. Суманакпазї аз шаб то субњ давом мекунад. Наздикињои субњ оби дег тамоман мепазад ва занону духтарон бо ниятњои нек ба дохили суманак чормаѓз, пиставу бодом мепартоянд ва ниятњои худро дар дил мегўянд.

Дар маросими «Суманак» сурудњои гуногун хонда мешавад. Аммо дар ин маросим суруди «Суманак» мавќеи асосиро ишѓол мекунад:

Суманак дар љўш, мо кафча занем,
Дигарон дар хоб, мо дафча занем.

Метавон гуфт, ки суруди мазкур ба ин маросим равобити ногусастание дорад ва аз муњимтарин љузъњои ин маросим ба њисоб меравад. Ин суруд аз аввал то охири маросими «Суманак» њамроњ ва њамнафас мебошад.

Маросимои дигари баҳорї, монанди**: сайри гули лола, сайри гули сурх, сайри гули биҳї** ва ғайра хусусияти маҳаллї дошта, дар ин ё он маҳал ба таври анъана гузаронида мешудаанд. Ба муносибати фаро расидани марҳилаҳои баҳор, яъне шукуфтани ин ё он гул созмон ёфтани ҳар гуна љашну дилхушї ва љашну маросимҳо яке аз одатҳои деринаи мардумони Осиёи Марказї мебошад. Масалан, дар Бухоро «Сайри Ширбадан», «Сайри Баҳоваддин», «Сайри чашмаи Айюб» ва «Сайри гули сурх», дар Самарқанд «Сайри оби раҳмат», «Сайри гули биҳї», дар Нурато, Панљакент, Тошканд «Сайри гули сурх» дар шаҳри Љалолободи Афғонистон «Сайри гули норинљ», ва дар шаҳри Мазори Шарифи ин кишвар «Сайри мазор» ва

«Сайри гули сурх», дар Қашқадарё «Сайри кўшчинор», «Сайри лаби дарё», «Сайри гули беҳї» барпо мегарданд.

Занҳо низ љойҳои махсусро сайр мекарданд. Дар бисёр маҳалҳо идгоҳҳои занона буд. Дар Бухоро занҳо дар љашни Наврўз сайри Чашмаи Айюб мекарданд[1]. Занони Самарқанд ба Оби Раҳмат мерафтанд. Занони деҳаи Ғазғони ноҳияи Нуратои вилояти Навої љашни Наврўзро дар кўҳи Чилдухтарон мегузарониданд. Ба сайргоҳи «Чилдухтарон», асосан, духтару занон ва инчунин бачаҳои ба балоғат ва воя норасида низ мерафтанд. Баъзе модароне, ки барои писаронашон арўс интихоб кардаанд, ба арўс «Сари кўҳї» гўён туҳфаҳо ҳадя менамуданд. Ҳангоми рақси духтарони номзадшуда тарафи домод туҳфаҳоро ба сару китфи арўсонашон мегузоштанд.

**Сусхотун.** Ин маросим ба қатори маросимҳои баҳорї, Наврўз ва ё соли нав дохил намешавад. Маросими Сусхотун гарчанде бо корҳои деҳқонї ва зироат алоқаманд аст, аммо ташкили гузаронидани он ба талабот вобаста мебошад. Солҳое, ки борон дар сари вақд намеборидаасту дар натиља киштукор, зироат ва ҳосилот дар зери хатар мемондааст, маросими «Сусхотун» гузаронида мешудааст. Мувофики ақидаи мардуми деҳот маросими Сусхотун борон меовардааст.

Маросими Сусхотунро занон ташкил медодаанд. Фолклоршинос Р. Қодиров қайд мекунад, ки дар водии Қашқадарё ҳангоми хушксолї занон љамъ шуда ва бо маслиҳат як нафар пиразани аз падару модар яккаву ягонаро ёфта, ўро розї мекунонидаанд, ки Сусхотун шавад ва ба мардум кори хайре кунад. Баъд як гурўҳ занон ба сари пиразан рўймол партофта, ўро сурудхонон кўча ба кўча ва дар ба дар давр мезанонидаанд. Як нафар аз занҳо, ки унвони «Сарбайтхон»-ро доштааст, бо овози баланд бандҳои суруди «Сусхотун»-ро мехондааст, дигарон баъди ҳар як банди суруд «Сусхотун-а, сусхотун» мегуфтаанд[2].

---

[1] Икромї Љ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. – Душанбе: Ирфон, 1969, саҳ. 449-451
[2] Ќодиров Р. Фолклори маросимии тољикони водии Ќашқадарё. Душанбе, 1963, саҳ. 45

Сурудҳои Сусхотун низ дар назми мавсимї мавқеи хос дорад. Образи асосии ин сурудҳо абру борон, замин ва кишти деҳқонї мебошад.

**Сарбайтхонҳо:**

Борон борад зебонда,

Алаф шавад бузонда!

**Ҳама:**

Сусхотун а сусхотун!

**Сарбайтхонҳо:**

Бузон хуран шир тиян,

Шира ба кампир тиян!

**Ҳама:**

Сусхотун а сусхотун!

Вақте ки суруди Сусхотун ба охир расид ҳама ба сусхотунхонҳо об мепошиданд, ба онҳо як миқдор хурокворї: чав, гандум, нон медоданд.

Дар сурудҳои Сусхотун мазмуни шикоят аз зиндагї, замона, ғарибї, қаҳтї ва марг низ ифода ёфтааст. Одамон маросими Сусхотунро қайд намуда бевосита аз зиндагии худ фикр мекарданд. Азбаски савдогарон ғаллаҳоро мавриди арзониаш харида дар анборҳо захира мемонданд ва онҳоро дар вақти хушкию қаҳтї ба нархи гарон мефурўхтанд, Сусхотунҳо ба инҳо нафрат мехонданд:

Сусхотун а сусхотун!

Хони анбордор сўзад!

Хони деҳқон пур шавад

Сусхотун а сусхотун.

Мардум борони баҳорро «борони найсон» меномиданд. Борони найсон барои деҳқонон оварандаи дурру гавҳар аст, дашту саҳроро файзбор гардонида ғалладонҳоро фаровон мекунад:

Эй абри найсон,

Борон фиристон.

Ҳосили моро

Фаровон гардон…

Маросими Сусхотун дар ҳар љо ҳар хел гузаронида мешудааст. Фолклоршинос Р. Аҳмадов накл мекунад, ки дар водии Сурхондарё Қашқадарё яке аз иштироккунандагони маросим либоси љанда пўшида ва хўсае ба даст гирифта, ба зери тарнов мерафтааст, дигарон:

Сустохотун, сусхотун,

Алафакон ташна монданд,

Кампиракон гушна монданд...

гўён суруд хонда ба сари он зан об мерехтаанд, Дар Кулоб ва Ғарм ин маросимро «Ашаглон» мегуфтаанд ва ҳангоми гузаронидани он суруди зеринро мехондаанд:

Ашаглони ростина,

Аста биљунбон остина,

Ғаллаи савзум қоқ, шид,

Як бор бирез боруна.

Дар баъзе љойҳо бо сурудхонї зани сусхотуншавандаро ба лаби дарё бурда, ба об пахш мекардаанд, Сусхотун кўшиш мекардааст, ки аз дасти занҳо халос шавад, вале ўро то гиря накунад, аз об берун намекардаанд. Гўё ҳар қадаре, ки Сусхотун бисёртар гиря карда, ашк резад, ҳамон қадар борон зиёдтар меборидааст. Агар баъди гузаштани маросим борон борад, ба зани сусхотуншуда пул ва ҳар чї љамъ карда медодаанд. Дар љойҳои дигар одате низ будааст, ки мувофиқи он одамон чизҳои пурқимати бойҳои хасисро дар дарё пинҳон карда, онҳоро ба хашму ғазаб меовардаанд ва он чизҳоро танҳо баъди боридани борон ба соҳибонашон бармегардонидаанд. Дар баъзе љойҳо дар рўзи маросим занҳо дар лаби дарё чамъ омада, «ҳалиса» («ҳариса») мепухтаанд ва онро «оши борон» меномидаанд.

Дар баъзе маҳалҳо маросими Сусхотунро мардон ташкил мекардаанд. Ба яке аз мардон либоси занона пўшонда, ба сараш рафида мегузоштаанд ва ин сурудро тараннум мекардаанд:

Сусхотун, султон хотун,

Синаҳош майдон хотун.

Ба сусхотун чӣ даркор?

Борони шарроси даркор!

Инчунин сангпуштеро ба пояш ресмон баста, ба об мепартофтаанду дар мех ё дарахт баста мемондаанд. Танҳо баъди боридани борон сангпуштро раҳо медодаанд. Гӯё бо талаби сангпушт борон меборидааст.

Суруди «Сусхотун» вариантҳои гуногун дорад, ки матни зерин низ аз љумлаи онҳост:

Борон борон, сусхотун,

Борон равон, сусхотун,

Гандумако ташна мондай,

Гудакако гушна мондай,

Алафако сӯзон шидай,

Бузғолако ҳайрон шидай,

Борон борон, сусхотун,

Борон равон, сусхотун.

**Маросими дарав ва хирманкӯбї.** Дарав ва хирманкӯбї маросими тобистонї буда, ба ғунучини ҳосилот вобастагї дорад. Маълум аст, ки дар замони қадим дарави гандум ва куфтани он яке аз марҳилаҳои душвортарини љараёни корҳои хољагии қишлоқ ҳисоб мешуд, ки онро бе дастљамъии ҳамдигар ва ҳашар анљом додан мумкин набуд. Бинобар ин маросими дарав ва хирманкӯбї дар бисёр маҳалҳо ба ҳукми анъана даромадааст.

Даравгарон ва ҳашарчиён ба сароидану нақл кардани асарҳои халқї машғул мешуданд, ки низ ба сабук ва осон шудани меҳнати онҳо ёрї мерасонид, илова бар ин сароидану нақл кардани асарҳои халқї одамонро рӯҳбаланду ғайратманд карда, ба онҳо завқи эстетикї мебахшид.

Яке аз сурудҳое, ки дар давоми дарав иљро карда мешудааст, «Ман доғ» мебошад. Ин суруд ҳам коллективона ва ҳам дар танҳої хонда мешудааст. «Ман доғ»-и коллективї одатан вақтҳои ҳашар хонда мешудааст

ва дар хондани он бештар шахсони хушовоз иштирок мекардаанд. Аз байни онҳо як нафар мегуфтааст:

Гандумаки худрӯй дарав мекардуме, ман доғам, ё дӯст!

Дигарон:

Ҳе, алло, ҳе, алло, ёре, ман доғам ё дӯст!...

Саркардаи суруд:

Ба холи сиёи ёр ҳавас мекардуме, ман доғам, ё дӯст!

Дигарон:

Ҳе, алло, ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дӯст!

Саркардаи суруд:

Ин беди баланд саргаҳаш корхонае, ман доғам, ё дӯст!

Д игарон:

Ҳе, алло, ёре, ман доғам, ё дӯст.

Саркардаи суруд:

Як љон дораме, фидои даравгароне, ман доғам, ё дӯст.

Дигарон:

Ҳе, алло, ҳе, алло, ёре, ман доғам ё дӯст!...

Суруди «Ман доғ» боз чанд вариант дорад, ки тарзи хониш ва иљрои онҳо низ тақрибан ҳамин гуна мебошад.

Дар замони гузашта ғалларо ба воситаи галагов мекӯфтанд, ки онро «ҳӯп» мегуфтаанд. Одатан ғаллаи даравидаро дар хирманљой ғарам карда, бандҳои онро гирдогирди сутуни хирманљой паҳн менамуданду чор-панљ барзагови ба ҳамдигар қатор аз гарданашон бастагиро аз болои пояҳои гандум ҳай мекарданд. Барзаговҳо гирдогирди сутун давр зада, бо пои худ донаҳои гандумро аз сарак људо ва пояҳои онро коҳ мекарданд. Аз паси барзаговҳо шахсе гашта, суруди «Майда, майда, ҳӯп»-ро мехонд:

Галаговам, говронаме, майдае, майдае,

Панљ рӯз будай давронаме, майдае, майдае,

Майда-майда хирманаме, майдае, майдае,

Аз дилу љон ҳайвонаме, майдае, майдае,

Тез-тез кўб, майда кўб, майдае, майдае,

Оҳ, хел-хел кўб, майда кўб, майдае, майдае,

Дони хирман ба ман фойдае, майдае майдае,

Бобои деҳқон бобомое, майдае, майдае,

Мана да кор фармудае, майдае, майдае.

Туро ба галагов фармудае, майдае, майдае,

Майда кунї, гул барин куне, майдае, майда,

Ба шамолҳо тайёр куне, майдае, майдае...

Ў дар суруди худ нобаробарии иљтимої, истисмор, беадолатї ва камбағалию нодории худро баён кардааст, ки аз мазмуни суруд ғулом ё хизматгори шахси давлатманд буданаш мушоҳида мешавад

Дар сурудҳои хирманкўбон мазмунҳои ишкї, шикоят аз бевафої, баёни ҳасби ҳол ва монанди инҳо низ ифода ёфтаанд. Одатан ин навъ сурудҳо дар асоси ин ё он жанри лирикии халқї (байт, рубої, ғазал ва ғайра) бо илова карда шудани суханони хоси анъанавии хирманкўбон «майда-майда ҳўп» шакл мегиранд. Масалан, асоси суруди зерин рубоиест, ки он дар шакли аслии худ низ суруда мешавад:

Нигоро, аз дур дидию ханда кардї-е

майдае, майдае, майдае,

Ба сад нозу карашма банда кардй-е,

майдае, майдае, майдае,

Накардй аз таи дил ошногй-е

майдае, майдае, майдае,

Миёни љўраҳо шарманда кардй-е,

майдае, майдае, майдае,

Аммо дар суруди зерин рубої ва дубайтиҳо ба таври алоҳида истифода шуда, байтҳои махсус ва доимии хирманкўбон ҳамчун нақарот баъди ҳар банд бо оҳанги анъанавиашон тараннум мешаванд:

Нақарот:

Майдо, э майдо,

Майдо кардї, майдо.

Майдо, э майдо, љонваронум, майдо!

Майдо, э майдо, ҳайвононум, майдо!

Рафтум ба саропушта, ба саҳрои љунун,

Дидум Лайло, нишаста дасто пури хун.

Гуфтум:-Лайло, чї доғ дорї дар дил?

Аҳволи дили Лайло бидонад Маљнун.

Нақарот:

Шави маҳтов ранљурї кашидум,

Чилими нуқрагї холї кашидум,

Чилими нуқрагї дар дасти мо нест?

Магар занљири ёр дар пои мо нест?...

Агар хирманкўб рубої ва дубайтиро ҳар чї ќадар зиёд донад, мумкин аст, ки суруд хамон қадар давомдор ва дароз шавад.

**Барфї.** Дар байни тољикон одате буд, ки баробари боридани барфї нахустин ёру љўраҳо, оилаҳо ба ҳамдигар мактуб-барфї фиристода, орзўи худро ифода мекарданд. Супоридани барфї қоидаю тартиби муайяне дошт. Барфиро шахсан ба касе супурдан лозим аст, ки он ба унвони ў навишта шудааст. Агар шахси супоранда бо барфии овардааш фош ва дастгир нашавад, дар он сурат шартҳои барфї иљро карда мешавад. Аммо дар акси ҳол нависандаи барфї ё супорандаи он қарздор шуда, шартҳои барфиашро бояд худаш иљро кунад. Ба рўи шахси бо барфї дастгиршуда сиёҳии дег мемолидаанд, ки ин исботи ба даст афтодани ў будааст. Барои қарздор нашудан ҳам шахси барфинавис ва ҳам касе, ки барфї ба номи ў навишта шудааст, баъзан аспҳои бидавро низ ба кор мебурдаанд. Барфиро ҳатто аз як деҳа ба деҳаи дигар, аз як шаҳр ба шаҳри дигар низ мефиристодаанд.

Матнҳои барфї хеле гуногунанд ва онҳо ба ихтиёри барфинавис вобаста аст. Аммо як матни халқии анъанавие ҳаст, ки онро қариб дар ҳама љо истифода мебурдаанд. Матни мазкур қарори зайл аст:

Барф меборад басе хуш, дилрабо,

Барфи нав аз мову барфӣ аз Шумо.

* * *

Лахта-лахта барф меборад сафед,
Як зиёфат аз Шумо дорем умед:
Сандалиро гарм созед аз алав,
Ширбиринљу шўлаву оши палав,
Нонҳои кунљидини қуббадор,
Себу ангуру дилафрўзу анор,
Ҳофизи хушхону танбуру дутор,
Наю ғижжак, љўраҳои беғубор,
Рўставу лавзу мураббою набот,
Пистаю бодому қанду қандалот,
Чормағзу тутмавизи соягї
Бањри мо тайёр бошад, љўраљон,
Бо салому эњтироми љўрагї.

**(Имзо).**

Аз ин матни машҳури халқї одамони босаводу бесавод, љавонону калонсолон истифода мебурдаанд ва дар фасли зимистон – дар рўзҳои аввали бориши барф барфї фиристодан расму одати халқї будааст.

Хулоса, маросимҳои мавсимї (календарї) ва эљодиёти бадеии ба онҳо алоқаманд хислатҳои миллї ва давраҳои таърихии халкро инъикос намуда, ба ҳамин восита аҳамияти махсуси илмиро молик гардидаанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Сурудҳои мавсимї дар кадом маврид иљро карда мешаванд?
2. Сурудҳои бойчечак ва гулгардонї кай ва аз љониби киҳо иљро карда мешавад?
3. Боз дар кадом фаслҳои сол сурудҳо иљро карда мешаванд?
4. Дар бораи доираи мавзўъ ва мундариљаи сурудҳои мавсимї маълумот диҳед.
5. Хусусиятҳои сурудҳои мавсимї аз чї иборат аст?

6. Дар бораи Иди Наврӯз ва  сурудҳо ба ин муносибат чї медонед?
7. Сурудҳои  мавсимиро навишта гиред ва аз ёд кунед.

Мавзӯи 6 **Фолклори маросими  тӯи арусї** **Маърӯза**

**Наќша:**

1. Маълумот дар бораи тӯи арӯсї ва марҳилаҳои он.
2. Даврахои  тайёрї ва гузаронидани он.
3. Љамъомади занону духтарон.
4. Истифодаи жанрњои гуногуни фолклорї дар раванди маросими арӯсии тољикон.
5. Мавқеи сурудҳо дар тӯйи тољикон.
6. «Саломнома», «Ёр-ёр» ва  дигар сурудҳои тӯёна.
7. Тарзи иљрои  сурудҳои тӯёна.

**Мафњумњои асосї:** *Маросими тӯй, марњилањои тӯй, сурудњои тӯёна, Саломнома, хостгорї, фотињатӯй, келинфурорї, њинобандон, раќсу бозию сурудхонї*

Маросими тӯй дар ҳамаи даврахои таърихї ва замонҳо як хел набудааст. Дар натиљаи табаддулоти ҳаёти иљтимої, иқтисодї ва маданї расму оин ва анъанаҳо низ тағйир ёфтаанд. Инкишофи љамъият ва робитаҳои гуногуни халқҳо ба расму оинҳо таъсир расонида, маросимҳои халқиро ҳам хеле тағйир додаанд. Ҳоло танҳо дар байни тољикон чандин шаклу намуди гузаронидани маъракаю маросими тӯи арӯсиро мушоҳида менамоем. Аз рӯи баъзе тадқиқотҳои илмї ва материалҳои зиёди фолклорї маълум мегардад, ки дар тӯи арӯсии мардуми маҳалҳои гуногуни тољикнишин баробари љой доштани ҳодисаҳои ҳамрангу муштарак тафовути зиёде низ мавчуд аст. Ин тафовутҳо махсусан дар вақти дида баромадани марҳилаҳои тӯй ба назар мерасад.

**Маросими тўи арўсии тољиконро асосан ба се марҳила људо кардан мумкин аст:**

**Пеш аз тўй**

Хостгорї, ноншиканон, фотиҳа, парчабуррон, љомабуррон, маслиҳатошї, тўйбарон ва сурфакушоён, љамъомади духтарон, ҳинобандон, тайёр намудани арўсу домод ба тўи калон: саршўёну мўйбофон, сартарошон, саллабандон, либоспўшон.

**Тўи калон**

Никоҳ, домодбиёрон, зиёфати тўй, ба хонаи домод гуселкунонии арўс, накшгўии мардон, ёр-ёргўии занон, рўбинон

**Баъди тўи калон**

Љойғундорон, тоғканон, домодталабон, келинталабон.

Дар гузашта рақсу бозию сурудхонї, яъне истифодаи фолклор одатан аз тўи фотиҳа сар мешудааст. Тўи фотиҳа баъд аз хостгорї ва ноншиканон гузаронида мешавад. Масалан, фолклоршинос Р. Қодиров қайд мекунад, ки дар водии Қашкадарё тарафи домод аҳли деҳаро ба хонааш даъват намуда зиёфат медиҳад[1]. Меҳмонон зиёфатро хурда, ба саҳни ҳавлии тўйдор мебароянд. Чизу чораи барои тўй тайёр кардаро ба хару аспҳо бор карда, ба хонаи арўс мераванд. Доирадастону сурнайчиён савту оҳанги шўхеро менавозанд, дигарон қарсакзанї карда, суруди «Ҳуй, бале»-ро мехонанд, се нафар љавонписар мерақсанд:

[1] Ќодиров Р. Фолклори маросимии тољикони водии Ќашқадарё. Душанбе, 1963, саҳ. 58

Ҳофизон: Кокулат андархаму ҳар як хамаш сад аљдаҳор.

Дигарон: Ҳуй, бале!

Ҳофизон: Рўи ту барги гулу чашмони ошиқ, интизор.

Дигарон: Ҳуй, бале!

Ҳофизон: Кокулатро дар сарат беҳтар аз он гул дидаам.

Дигарон: Ҳуй, бале!

Ҳофизон: Ҳар ду зулфони туро монанди сунбул дидаам.

Дигарон: Ҳуй, бале!

Ҳофизон: Љононаи нағзи ман.

Дигарон: Ҳўй, бале!

Ҳофизон: Бодоми думағзи ман.

Дигарон «: Ҳўй, бале!

Ҳамин ки ба хонаи арўс расиданд, дар љои васеъ давра гирифта, сурудхонию рақсу бозї, дойразанию сурнайнавозиро давом медиҳанд. Тарафи арўс онҳоро пешвоз гирифта: «Ба нияти нек, бахташон сафед, ризқашон фаровон шавад» гўён ба сари тўйовардагон орд мепошанд. Духтардор тўйи овардаашро зиёфат карда ба хешони наздики домод љома мепўшонад.

Љамъомади занону духтарон, ки ҳинобандон номида шудааст, дар арафаи никоҳ дар хонаи орододашудаи арўс мегузаштааст. Дар ин љамъомад рақсу бозию мусиқї, аскиягўї, шеърхонї мавқеи махсус доштааст. Аз ҳар кас, ки дар он љамъомад иштирок мекардааст, хоҳиш карда мешудааст, ки ё суруд хонад, ё рақс кунад ва ё ягон ҳунаре нишон диҳад. Ин корро аввал занони солхўрдаи шўхтабиату ширинкор сар мекардаанд.

Намунаи сурудҳои ҳазломез, ки дар ҳамин љамъомад хонда мешудаанд, ин аст:

Давидеме, давидем,
Усми сиёҳ харидем,
Ба қоши келин молидем.
Келин дар болохона,
Домод дар меҳмонхона,

Домод аспаша об дод.
Келин зулфаша тоб дод.
Келина бурдем сой катї,
Аспи алои бой кати,
Таги дари Ўғулой катї!
Сандуқчекои чой катї.

Фолклоршинос Р.Ќодиров қайд мекунад, ки дар деҳаи Ѓелони ноҳияи Шаҳрисабз арўс либосҳои нав пўшида, бо ду-се нафар дугонаҳояш деҳаро давр мезадаасту дугонаҳояш ва духтаронро ба тўй хабар мекардааст. Духтарон ба арўс ҳамроҳ шуда, аз пасаш дойразанї, сурудхонї, кафкўбї, рақсу бозикунон ба хонаи арўс меомадаанд. Дар ин вақт тарафи домод ҳам (љавонзанону духтарон) бо дойразанию рақсу суруд кўчаҳои деҳаро давр зада, духтаронро ба хонаи домод хабар мекардаанд. Дар хонаи домод ҳам базми занону духтарон ташкил мешудааст. Дар ин љамъомадҳо суруди зеринро мехондаанд:

Ҳофизон: ...Аз Қаробоғ омадї,
Сина ба доғ омадї.
Дигарон: Ҳо, Лайлї, Лайлї, Лайлї
Љонам фидои Лайлї.
Ҳофизон: Мўрчамиён духтарак,
Љигаркабоб омадї.
Дигарон: Ҳо, Лайлї, Лайлї, Лайлї
Љонам фидои Лайлї.
Ҳофизон: Ман меравам ба бозор
Гапата бигў, љўраљон.
Дигарон: Ҳай, лола, лола, лола
Ҳусни љавон пиёла.
Ҳофизон: Ҳалқи тилло оварда,
Ба гўшакам андозед.
Дигарон: Ҳай, лола, лола, лола,

Ҳусни љавон пиёла.

Ҳофизон: Ман меравам то Бухор

Гапата бигӯ, љӯраљон.

Дигарон: Ҳай, лола, лола, лола,

Ангур дар боғи хола.

Ҳофизон: Курти атлас харида,

Шоҳӣ, кимхоб биёред.

Дигарон: Ҳай, лола, лола, лола,

Ангур дар боғи хола.

Ҳофизон: Ман меравам то Ҳисор,

Гапата бигӯ љӯраљон.

Дигарон: Ҳай, лола, лола, лола,

Дар арафаи тӯй дар Кулоб, Ѓарм ва Дарвоз ҳангоми саршуён занҳое, ки вазифаи саршӯии арӯсро ба зимма гирифтаанд, суруди зеринро мехондаанд:

Занҳо: Гуларӯсак, сар бишӯй,

Пага ваъдай рафтанай.

Арӯс: Сарма шуста чӣ кунум?

Ношустагим беҳтарай

Занҳо: Гуларӯсак, курта бипӯш,

Пага ваъдай рафтанай.

Арӯс: Курта пӯшида чӣ кунум?

Нопуштанум бехтарай...

Баъд арӯс сарашро шуста истода мегуфтааст:

Шуяк-шӯяконуме, саршуяконуме,

Оста шона куне, нареза мӯякуме.

Чунон ки аз натиљаи љустуљӯҳои фолклоршиносон маълум мегардад, дар Ќаротегин ва деҳаҳои атрофи он вақти ба хонаи домод гуселонидани арӯс дар лаҳзаи хайрухӯшӣ ва видоъкунӣ аз тарафи хешовандону дугонаҳои арӯс суруди зерин иљро карда мешудааст:

Гул равонай, мерава,

Арўс меҳмонай, мерава,

Ёру дугонаш, гиря кунед,

Роҳати љонай, мерава.

Дар тўйҳои Кулоб чанд суруди махсус низ аз тарафи модар дар ҳамин лаҳза хонда мешудаанд, ки аз љиҳати мазмун андўҳгин ва хеле самимї мебошанд:

Ту меравї аз хона, хамира кї рост мекуна?

Ҳар лаҳза пеши оча кї шишта ноз мекуна?

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,

Аз миёни духтаро румолдузма бурдане.

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,

Аз миёни духтаро љомадузма бурдане.

Гулма бурдане, баргаки гулма бурдане,

Аз миёни духтаро тоқидузма бурдане...

Як қисми калони сурудҳои тўй ҳангоми маросими **тўи калон**, яъне **келинбиёрон** ё **келинфуророн, никоҳ** ва **базми тўй** хонда мешудаанд, ки ҳам сурудҳо ва ҳам вақти иљрои онҳо дар ҳар љо ҳар хел аст. Масалан, бегоҳии тўй, вақте ки домодро ба хонаи арўс мебурдаанд, мардон-љўраҳои домод, сурудхонон мерафтаанд, ки он сурудҳоро «Нахш», «Шаҳ омад» «Шаҳ муборак» меномидаанд.

Тарафи домод дар назди дарвоза ё дар рўи ҳавлї оташ даргиронда, гулхани калон мекардаанд, арўс ва ҳамроҳи арўс омадагонро бо тантана пешвоз мегирифтаанд ва онҳо арўсро «Ёр-ёр»-хонон се маротиба аз гирди гулхан давр мезанондаанд. Домод арўсро аз асп бардошта, даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар бурда мемондааст. Дар ҳамин вақт «Саломнома»-хонї шурўъ мешудааст. «Саломнома»-ро бибиотунҳо, бибихалифаҳо гоҳ аз ёд гоҳ аз рўи қоғаз мехондаанд. Дар баъзе љойҳо заноне ёфт мешудаанд, ки «Саломнома»-хонї ба онҳо касб будааст. Онҳо одатан «Саломнома»-ро ба шароит ва ба келину домод мувофиқ карда эљодкорона мехондаанд. Дар «Саломнома» оиди арўсу домод орзўҳои нек карда мешудаанд. Чунончи:

Саломномахон: Ба келину ба домод мо салом мегўем!

Ба Ширину ба Фарход мо салом мегўем!

Ҳозирон: Хазор алейк!

Саломномахон: Илоҳо, то ба пиритон умур бинед,

Ба хурсандї ҳаёти боҳузур бинед.

Шумо ҳам аз баччаҳотон тўю сур бинед,

Ба келину ба домод мо салом мегўем!

Ба Ширину ба Фарход мо салом мегўем!

Ҳозирон: Ҳазор алейк!

Дар баъзе маҳалҳо баъд аз хондани «Саломнома» суруди «Келиншинонї» хонда мешудааст. Ии сурудро одатан модаршўй (хушдоман) хонда, арўсро ба нпшастан таклиф мекардааст, ки як намунаи суруди мазкур ин тавр аст:

Таги савад ширу қаймоқ,

Келинмулло бодомқавоқ,

Хуш омадед, шинед, келин!

Таги чимилиқ нону мавиз,

Келинмулло эрка-азиз,

Хуш омадед, шинед, келин!

Пас аз ин арўсу домод ба таги чимилиқ медаромадаанд ва ба онҳо оина нишон медодаанд, то ки ҳаёташон мисли оина беғубору равшану дурахшон шавад. Баъд ба онҳо шарбат мехўрондаанд, ки ин рамзи ширин гардидани зиндагии занушўии онҳо мебошад.

Ба ҳамин тариқ, мавридҳои асосии иљро намудани сурудҳои тўи арўсї тамом мешудааст. Бояд қайд кард, ки сурудҳои ҳар як марҳила ва мавридҳои маросими тўй дар ҳар маҳал ҳар хел будаанд. Ҳамаи он сурудҳое, ки дар боло зикр шуданд дар ягон маҳал пурра иљро карда намешудаанд. Агар яке аз онҳо дар ягон маҳал дучор шавад, дар маҳалли дигар ба назар намерасад. Аммо ҳамаи онҳо дар тўйҳои арўсии тољикон хонда ва суруда мешудаанд.

Дар бораи хусусиятҳои шеърии сурудҳои тӯи арӯсӣ ҳаминро гуфтан лозим аст, ки аввал на ҳамаи матни сурудҳо ба лаҳзаҳои маросими тӯй ва мавзӯю мундариљаи онҳо бевосита алоқаманданд. Ҳофизон ва иштирокчиёни тӯй (занон, мардон) ҳар гуна шеър ё суруди нақаротдореро, ки ёд доранд, хондан мегирифтаанд. Масалан, дар тӯи фотиҳа суруди «Ҳуй, бале», дар љамъомади пешазтӯии занону духтарон, ки онро дар баъзе љойҳо «оши занон» меноманд, суруди «Ҳо, Лайлӣ» (Ҳай, лола), ҳангоми ба хонаи домод бурдани арӯс суруди «Ёр-ёроне»-ро мехондаанд, ки матнҳои онҳо хеле қадимӣ буда, қариб аз хотирҳо фаромуш шудаанд ва ҳоло аз ин сурудҳо танҳо «Тӯй муборак» ва «Ёр, Ёр, ёроне» барин нақаротҳо боқӣ мондаанд. Дар тӯй рақсу суруд, мусиқанавозӣ ҳатман лозим аст, бе ин хурсандиҳо базми тӯй ба вуљуд намеояд. Бинобар ин хоҳ ҳофизон бошанду хоҳ меҳмонону соҳибони тӯй кадом сурудро, ки донанд, ба мазмунаш эътибор надода хондан мегиранд ва дар ин хел сурудҳо нақарот ё байтҳои иловагие, ки ба мазмуни маросими тӯй вобастаанду ба таври импровизация хонда мешаванд, қимат ва аҳамият пайдо мекунанд.

Дуюм ин ки дар маросими тӯи арӯсӣ бисёр сурудҳо на танҳо дар мавриду мавқеи худ иљро карда мешаванд, балки мазмуни ин ё он лаҳзаи расму оинро инъикос мекунанд. Онҳо ба маросим ҳамчун як қисми људонашавандаи он ба таври табиӣ дохил мешаванд. Сурудҳои «Саршӯён», «Сартарошон», «Гул равонай», «Ту меравӣ аз хона», «Шаҳ муборак», «Барор-барор», «Саломнома», «Келиншинонӣ», рубоии «Ман ёри туам, намешавам ёри касе» ва ғайра аз ҳамин қабил мебошанд.

Мавзӯъҳои сурудҳои маросимии тӯй хеле гуногунанд. Ишқ, бевафоӣ, бовафоӣ, таърифу тавсифи арӯсу домод ва ҳаёти хушбахтонаи онҳо, оила ва мисли инҳо мавзӯъҳое мебошанд, ки дар сурудҳои тӯи арӯсӣ инъикос гардидаанд. Албатта, сурудҳои маросимии тӯй аз љиҳати вазн, қофия ва дигар санъатҳои шеърӣ бенуқсон нестанд, аммо азбаски матнҳо ба оҳанги мусиқӣ љӯр шудаанд ва бештар коллективона хонда мешаванд, нуқсонҳои

онҳо ҳис карда намешаванд. Ин ҳодиса умуман ба назми халқї, аз љумла, ба сурудҳо бисёр хос аст.

Дар тўйҳои замони гузашта аз ашъори шоирон низ истифода бурда мешуд. Дар он тўйхо на танҳо ҳофизони касбї, балки дигарон низ суруд мехонданд. Ҳоло ҳам ҳамин тавр аст ва репертуари сурудҳои маросими тўи замони мо махсусан аз ҳисоби шеърҳои шоирони муосири тољик хеле бой гардидааст. Худи маросими тўи арўсї низ тағйир ёфта, ба тараққиёти ҳаёти љамъиятии мо ва пешрафти маданият мутобиқ, гардидааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Маросими тўй ва марҳилаҳои он.
2. Дар марҳилаи пеш аз тўй кадом маросимҳо дохил мешавад.
3. Дар бораи сурудҳои маросими тўй чиҳо медонед?
4. Сурудҳои тўёна дар кадом марҳилаҳои тўй иљро карда мешаванд?
5. Хусусиятҳои сурудҳои «Ёр-ёр» ва «Саломнома»-ро гуфта диҳед.
6. Аз падару модар, бибию бобоятон сурудҳои халқиеро, ки дар тўю маросимҳо иљро карда мешаванд, навишта, аз ёд кунед.
7.

Мавзўи 7

**Фолклори маросими мотам ва марсияхонї**

**Маърўза**

**Наќша**:

1. Маълумот дар бораи расму оини марбути маросими мотам.

2. Ишорати Наршахї дар бораи сўги Сиёвуш ва хондани навњањо дар он замон (асри 1Х)
3. Хондани марсия ҳангоми вафоти пирон ва љавонон.
4. Марсия ва хусусиятҳои он.
5. Таҳлили марсияи «Абдулмаљидљонам балам»

**Мафњумњои асосї:** *маросими мотам, сўзу гудоз, марсия, расму оини марбути маросими мотам, марсияхонї, овозандозї, марсияњои халќї*

Дар маросими мотам аз замонҳои қадим то имрўз сурудҳои ғамангези босўзу гудоз гуфташуда ва инчунин марсияҳо иљро карда мешаванд. Муаррихи асри миёна Наршахї дар асараш «Таърихи Бухоро» маълумот медиҳад, ки дар вақти маросими дафни Сиёвуш навҳаҳо мехонданд. Намунаҳои марсия аз асри даҳум ин љониб дар адабиёти китобї бисёр дучор мешаванд.

**Марсия ба муносибати вафоти касе навишта ё гуфта шуда, дар он ғаму андўҳ, нолаву фиғон ва таъзияи муаллиф ё ягон хешованди марҳум баён мешавад. Дар баъзе марсияҳои адабиёти китобї санаи вафоти марҳум бо ҳисоби абљад зикр меёбад.**

Дар марсияҳо одатан хислату сифатҳои неки марҳум, орзую омол ва нокомию маҳрумияти ў ёдоварї мешавад ва зимнан аз беадолатию бедодии тақдир, фалак ва ғайраҳо сухан меравад. Дар баъзе марсияҳои адабиёти китобї ва эљодиёти даҳанакї оҳанги иљтимої ва љамъиятї гирифтани мазмун низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, марсияи Садриддин Айнї, ки вай онро ба муносибати аз тарафи амири Бухоро кушта шудани бародараш навиштааст, аз њамин гуна марсияҳо мебошад.

Дар маросими мотам асосан занон марсияхонї мекунанд ва аз байни онҳо касоне ёфт мешаванд, ки дар овозандозию суханварї маҳорати махсус доранд. Ин қабил занҳоро дар аксарияти маҳалҳо овозандоз ё гўянда меноманд. Роли овозандозҳо, гўяндаҳо дар маросим хеле бузург аст: онҳо ба

хондани марсияҳои таъсирбахш азохонаро ба мотамкадаи пуршўру пурҳаяљон табдил медиҳанд, барои ављ додани нолаю фиғон ба азодорон (модар, хоҳар, амма, хола, духтар, завља, келин ва ғайра) ва дигар занони љамъомада ба воситаи овозандозии худ мавзўъ, мазмун, ҳатто сухану иборaҳо ёфта медиҳанд. Овозандозҳо, ки дар рўзҳои мотам аз тарафи азодорон даъват карда мешаванд, суруд мехонанд, дигарон бошанд, бо овози баланд якбора «ҳуввв» гўён ва гирякунон ба онҳо љўр мешаванд. Чунончї:

**Гўянда:** Эй кошки, мурғак шуда, дар ҳаво пар мезадаме,
гўеде, Умриљоне...

**Умриљон:** Эй кошки, мурғак шуда, дар ҳаво пар мезадаме...
баччаякаме, баччаякаме...

**Гўянда:** Дар кофтуковат худама ба ҳар љар мезадаме,
гўеде, Умриљоне...

**Умриљон:** Дар кофтуковат худама ба ҳар љар мезадаме...
баччаякаме, баччаякаме...

**Ҳозирон:** Ҳуввв!...

**Гўянда:** Мо бе қуввати дил чї кор мекунем!

**Хоҳарон:** Мо бе додар акнун чї кор мекунем?
акаљоне, акаљоне... гўетоне хоҳароне...

**Гўянда:** Мо бе қуввати дил чї кор мекунем!
гўедотоне хоҳароне...

**Хоҳарон:** Мо бе қуввати дил чї кор мекунем,
акаљоне, акаљоне...

**Ҳозирон:** Ҳуввв!...

**Гўянда:** Ба ман меҳрубону ғамхор будї,
гўед, холаљонаш.

**Хола:** Ба ман меҳрубону ғамхор будї,
љигараме, љигараме,

**Гўянда:** Ҳамеша дилсўзу дастёр будї,
гўеде, холаљонаш...

**Хола:** Ҳамеша дилсўзу дастёр будї,
љигараме, љигараме...

Агар овозандоз аз худи оила ва хешу табори азодор бошад, ба овозандозу гўяндаи касбї, ки ба онҳо соҳиби мурда дар охири маросим тухфаҳо, (куртаборї, рўймол ва ҳоказо) медиҳад, эҳтиёљ намемонад ва овозандозї беёрдаму иштироки онҳо сурат мегирад.

Дар маросими мотам як лаҳзаи марсиягӯї будааст, ки онро љар кашидан, самаъ, садир рафтан мегӯянд. Љар кашидан намуди драмавї дорад ва аз расму оинаҳои қадимї ба шумор меравад. Маъракаи љаркашї, ки бо иштироки як гурӯҳ занон мегузарад, андаке воҳиманок аст: баъзе аз занҳо муйҳои худро пароканда карда, ба сари китфу сандуқи синаашон партофта, ҳаракати махсусе мекунанд.

Дар ташкилу иљрои љаркашї гӯянда, ки дар мобайни давра истода ҳамаро идора мекунад, роли асосиро мебозад. Вай кӯшиш мекунад, ки марсияи мехондагиаш пуртаъсир бошад, иштирокчиёни љаркаширо ба ваљд оварда, онҳоро саргарм кунад. Бо ҳамин мақсад гӯянда бо оҳанги ғамангези ба мотам хос, суханҳои гоҳ қофиядор ва гоҳ беқофия мегӯяд. Дигарон бошанд баъди ҳар сухани ӯ ҳаму рост шуда, такроран «облоҳу, облоҳ» мегӯянд.

Дар замони мо дар натиљаи тараққиёти илму маданият, табаддулоти бузурги ичтимої дар маросими мотам низ тағироти калоне ба амал омад. Бисёр расму оинҳои ин маросим, ки асрҳо боз вуљуд доштанд, аз миён рафтанд ва ба љои онҳо унсурҳои нав, ки нисбат ба марҳум иззату эҳтироми мардумро ифода менамоянд, љорї гардиданд. Бо вуљуди ин дар баъзе оилаҳо дар шаклу намудҳои пешинааш гузаронидани маросими мотам ҳанӯз ҳам љой дорад.

Марсияи «Абдулмаљидљонам, балам», ки яке аз марсияҳои машҳури халкї ба ҳисоб меравад, сӯзу гудози шахси гӯянда хеле пуртаъсир ва ҳаяљонбахш ифода гардидааст, ки бандҳои зерини он ин гуфтаҳоро пурра тасдиқ мекунанд:

Аз фироқат сӯхтам, эй нури чашмонам, балам,
Соя буди бар сарам, сарви хиромонам, балам,
Чок-чок аст, ин гиребон то ба домонам, балам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаљидљонам, балам!

Айни пирї бар сарам кӯҳи бало андохтї,

Сирри дил бо мо нагуфтї, кори худро сохтї.
Рафтї аз дунёю бо он бод хокам сохтї,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаљидљонам, балам!

Хељ ғамхоре  надорам, то ки ман ҳамдам шавам,
Қомати як хоҳарат аз бори ғам гардид хам,
Хонаи уммеди ман барбод шуд аз ин алам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаљидљонам, балам!

Хулқи хубат мерасад, сад оҳу афѓон мекунам,
Во балам, мегўяму сад шањра вайрон мекунам,
Аз ду чашмам љуи хунро мисли борон мекунам,
Нозанинам, қобилам, Абдулмаљидљонам, балам!...

Дар фолклори точик «Љони бобо», «Тарма», «Усмонљонуме» «Мотам» ва инҳо барин боз чанд марсияи дигар мављуданд, ки онҳоро низ аз намунаҳои беҳтарини марсияҳои халқї ҳисоб кардан мумкин аст. Бояд гуфт, ки одатан пас аз вафот дар рўзҳои якум, дуюм, сеюм, ҳафтум, бистум ва чилум, ки аз рўи расму қоидаҳо маросим гузаронида мешавад, дар мотамхона бештар занон гиряву нола ва овозандозї мекунанд, онҳо дар баробари истифода бурдани марсияҳои маълум ва маъмул худ низ ба таври импровизация сурудҳо эљод менамоянд, ки намунаи зерин аз љумлаи онҳост:

Диламро пора карда, оби чашмамро равон карда рафтиде,
дадаљонаме...
Чаро манро ба як дам ятиму нотавон карда рафтиде, дадаљонаме...
Ниҳол бишнонда аз сояи он бебаҳра монда рафтиде, дадаљонаме...
Шумо љў канда, аз обаш ягон қатра нахўрда рафтиде,
дадаљонаме...
Људо аз љураҳотон гашта, надонам, куљо рафтиде, дадаљонаме...
Ба болиши аљал сар монда, дигар сар набардоштиде, дадаљонаме...

Ин марсия ҳарчанд аз љиҳати вазну қофия нуқсонҳо дорад, вале аз нуқтаи назари мазмун, алоқамандию образнокии фикр ва ифодаҳои рамзї љолиби диққат аст. Хусусан дарибораҳои «ниҳол шинонда аз сояи он бебаҳра монда рафтан», «љў канда, аз обаш ягон қатра нахўрда рафтан», ки ишора ба роҳати фарзандро надидан мебошад, нолаю фиғони гўянда образнок ифода гардидааст.

Сурудҳои мотамии фарзандон, падару модарон, хоҳару бародарон ва дигар хешовандон ин гуна суханони образноки ғамангезу пур аз нолаву фиғонро дар бар мекунанд. Ба ин марсияи зерин низ мисоли хуб шуда метавонад:

...Аз боғи ман гулам рафт, гулам рафт,
вой гулам, вой гулам!
Ширинзабонам, булбулам рафт, булбулам рафт,
вой булбулам, вой булбулам!
Гули бехори ман бекор хазон шуд,
вой гулам, вой гулам!
Чаро бахтам беамон шуд?
вой гулам, вой гулам!
Дигар акнун ба ман умрам гарон шуд,
вой гулам, вой гулам!
Аз осмонам ситорам рафт,
вой гулам, вой гулам!
Чахон торик шуда аз ман мадорам рафт,
вой гулам, вой гулам!...

Дар марсияҳои халқї оҳанги мусиқии мотам, интонацияи ғамангезона ва гиряву нолаи дилхарош мавқеи асосї дорад. Қиммат ва аҳамияти ин гуна марсияҳо бештар дар ҳамин аст.

Аз суруди зерин, ки бунёдаш рубоии халқї мебошад, садои дилхароше ба гўш мерасад:

Чашмакам дар роҳатон чор шуд, дадаљонам, э-воее...

Гулҳои љаҳон дар назарам хор шуд, дадаљонам, э-воее!„.

Гулҳои  љаҳона бў кунам, бўи шумо несте, дадаљонамее...

Сад шаҳра ба шаҳр занам, монанди шумо несте,

дадаљонаме,  э-воее...

Хулоса, маросимҳои халқии тољикї аз замонҳои қадим бо фолклор алоқаи зич дошта, ҳамчун заминаи пайдоиш ва инкишофи эљодиёти даҳанакии халқ роли калон бозидаанд. Фолклори маросимҳои халқї расму оин ва тафаккури одамони давраҳои гуногуни таърихиро акс менамоянд. Сурудҳои маросимҳои халқї муносибати одамонро нисбат ба ҳодисаҳои табиат ва љамъият намудор сохта, нуқтаи назари эстетикии онҳоро ифода мекунанд. Ин гуна сурудҳо шоҳиди онанд, ки инсон чи дар лаҳзаҳои фараҳмандию хурсандиаш ва чи дар мавридҳои душвори зиндагиаш эљодиёти даҳанакии худро ҳамчун як љузъи зарурии ҳаёти маънавиаш ба ифодаи ғояҳои худ истифода кардааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Доир ба расму оини маросими мотам маълумот диҳед.
2. Дар бораи овозандозї ва љаркашї маълумот диҳед.
3. Хусусиятҳои асосии марсияҳоро нишон диҳед.
4. Мазмуну мундариљаи ғоявии марсияҳои халқї.
5. Сурудҳои маросими мотам  аз тарафи кї эљод мешаванд?
6. Сурудҳоеро, ки мазмуни ғамангез доранд ба хотир оварда, ба дафтаратон нависед.

## МАРОСИМЊОИ ДИГАР

Дар байни халќ боз маросимњои дигаре низ њастанд, ки онњо ба расму одат табдил ёфтаанд. Инњо «Бибисешанбе», «Бибимушкилкушо», «Гањворабандон», «Алас-алас» ва дигарњо мебошанд. Дар рафти иљрои онњо афсонаву ривоят ва суханњои анъанавие гуфта мешаванд, ки хеле

бофасоњату образноканд, сурудњо мехонанд, менавозанд, њар гуна њаракатњо мекунанд, ки унсурњои драмаи халќиро соњиб мебошанд.

Яке аз онњо гањворабандон аст. Бояд гуфт, ки гањвора аз ќадимулайём дар байни мардум маъмул мебошад. Онро аз чўби бед, чормағз, зардолу ва пояашро бештар аз чўби дарахти тут месозанд. Одатан дарозии гањвора 1 - 1,5 метр, бараш 35 - 45 ва баландиаш зиёда аз 50-60 сантиметр мешавад. Он дастбанду побанд дорад ва барои хушк хобидани кўдак мувофиќ гардонида шудааст.

Маросими гањворабандон яке аз анъанањои хуби мардуми Самарќанд аст. Дар ин шањри бостонї одатан кўдаки навзоди 7-10-рўзаро ба гањвора мебанданд. Дар ин маросим аз тарафи арўс ќудоњо – модару хола ва аммаву хешони дигар низ меоянд. Даъвати ќудоњо ва иштироки онњо дар гањворабандон яке аз омилњои асосии мустањкам гардидани оилаи навхонадорон аст. Ба туфайли фарзанд ќудо шахси аз њама наздики оила мегардад.

Дар бораи маросими гањворабандон Аълочии маорифи халќи Ўзбекистон, сокини дењаи Рустами нохияи Самарќанд Раъно Бойбекова чунин наќл кардааст: «Пеш аз кўдакро ба гањвора бастан кўдакро бо собун, обрезак, тағораи махсус оббозї медоранд. Одатан тифлро бибии табаррук ба гањвора мебандад. Ў аввалан муборакбодї менамояд. Яъне. муборакбодии амри хайр, сињату саломатии якдигар, ободии макон, хушнудии хонадон, рўзи муроду фирўзии ањли оила Худованд кўдаки навзодро бо умраш, ризќаш, бо пою ќадам дода бошад, хушаќлу хушрафтор шуда ба воя расад, падару модараш рохату фароғаташро бинанд. Илоњо, аз ин даргоњ ва њам аз хонадони њар яки мењмонњои азиз овози хуш, завќу шавќи кўдакон канда нашавад. Аллоњу Акбар.

Бибї мурғро ба рохи Худо хун карда, ба њаќќи пиру устодон, гузаштагони сарманзил, умедворон, ба њаќќи чилтан, яктан, сесаду шаст тан пирњои комили забардаст, хунаш ба хун, љонаш ба љон, пўсташ ба пўст,

гўшташ ба гўшт гуфта аввал пешона, сипас  кафу болои даст, пой, тахтапушти кўдак, гањвора, пас модари навзодро хун мекунад.

Модар андаке пиёзро хоида ба дохили ќошуќи сиёњидор оњиста мепартояд. Бибї онро омехта карда, як-як ба кўдак, гањвора, модар бо маќсади аз зараркунандањо, љинњо дур кардани Худованд мемолад.

Шодию хурсандии хурдтаракон њадду канор надорад, њама атрофи бибиро ињота мекунанд. Бибї оинаро, гўё, ки он кўдак бошад, ба даст гирифта, ин сў, он сў нодуруст гузошта, ин тавр монам-мї, он тавр монам-мї, мегўяд. Бачагон бо як овози шавќмандона «не», - гўён љавоб медињанд. Бибї ба тарзи дигар ва охиру охирон ба тарзи дуруст мемонад. Њама баробар «ња» мегўянд. Пас ў шонаро мисли оина як-як гирифта, амали пешинаи худро такрор намуда, ба таги болиштчаи сари кўдак мегузорад. Бо таманнои ризќу насиба – кулча, бо орзуи аз санг шудани сари он – ќайроќ, бо маќсади натарсиданаш – кордча, барои аз чашми бад эмин будан – ќаланфур, пиёзро низ зери сари тифл мемонад, ки њамаи ин бо ниятњои нек аст.

Сипас бибї Бисмиллоњир рањмонир рањим гўён кўдакро ба даст гирифта, ўро низ ин сў, он сў нодуруст гузошта, бастанї мешавад. Бачагон завќмандона ба тарзи дуруст ба гањвора бастанашро нишон медињанд. Баъзан занон њам ба онњо њамроњ мешаванд.

Рахти хобат муборак,
Бахту тахтат муборак.

Таќу туќаш овора,
Хоби хушаш гањвора,

- гўён бибї кўдакро ба гањвора мебандад.

Бибї ба болои сари гањвора чормағзро таќ-таќ зада шикаста мегўяд, ки падарат баланд гап зананд, хоњару бародаронат њазлу шўхї кунанд, натарс. Ба болои сари гањвора бо таманнои бисёр шудани фарзандон ва аз беморињо эмин будани кўдак дастурхони ќуроќ, бо орзуи хоболуд шудани тифл куртаи шахси серхоби яке аз ањли оиларо мепартоянд. Бо маслињати ў модари кўдак пеши гањвора мешинад. Модар ба кўдакаш шир медињад. Бибии

гањворабанд ба як лаби нон равѓан молида, ба ў газонида (бо маќсади ба ризќу насиба шудан) ба дасти яке аз бачагони далертар медињад. Вай нонро гирифта мегурезад. Њамаи хурдтаракон аз аќиби вай давида, ўро медоранд, нонро аз дасти ў гирифта, ба њамаи њозирон як луќмагї таќсим карда медињанд. Гўё ин нонро тановул кунанд, дарди дандон намешаванд. Пас модаркалонњои  кўдак, яъне модари навхонадоршудагињо ба њама – пиру барно шодиёна медињанд. Дар охир бибї боз дар њаќќи кўдаку ањли хонадон дуои нек мегўяд. Ба њаќќи њамсояњо ва хешу табор нону буѓурсоќњои гарму нарм таќсим мекунанд, ки хайри кўдак аст.

Чун анъана гањворабандон ба зиммаи волидони домод асту гањвора бо љињозаш (сари гањвора), чиллагурезон (гањворатўй) ба гардани падару модари келин. Дар мавриди гањворабандон бибї ва ё занњои дигар ба кўдак алла гуфта хобонданро низ ба келин гўшрас мекунанд. Агар надонад, худашон намуна нишон медињанд».

**Инак, як намуди маъмули алла.**

Калон шавї, аллаё алла,
Ба кўчањо давон шавї, аллаё алла.
Њамрољи љўрањо шавї, аллаё алла,
Рафиќи некрањон шавї, аллаё алла.

НАЌАРОТ:

Ман алла гўм, аллеш биёд, аллаё алла,
Мўнисљона хобаш биёд, аллаё алла.
Далеру љасур шавї, аллаё алла,
Закию зирак шавї, аллаё алла.
Чаќќону боѓайрат шавї, аллаё алла,
Ќобилу маъќул шавї, аллаё алла.

НАЌАРОТ:

Дастёри модар шавї, аллаё алла,
Шогирди падар шавї, аллаё алла.
Боаќлу хушрафтор шавї, аллаё алла.

Соњиби касбу кор шавї, аллаё алла.

НАҚАРОТ:

Сўи мактаб равон шавї, аллаё алла,

Хонию мулло шавї, аллаё алла.

Олиму доно шавї, аллаё алла,

Фахри хонадон шавї, аллаё алла.

НАҚАРОТ:

Посбони Ватан шавї, аллаё алла,

Ғамхори мардум шавї, аллаё алла.

Аз ту умедам калон, аллаё алла,

Малњами љони волидон шавї, аллаё алла.

Мавзўи **8** **Зарбулмасал ва маќол** **Маърўза 2 соат**

**Наќша:**

1. Мафњум ва маънидоди зарбулмасалу маќол њамчун жанр.
2. Инъикоси таърих, њусну таровати забон, афкори иљтимої, фалсафї ва ахлоќии халќ дар зарбулмасалу маќол.
3. Тафовут ва умумияти зарбулмасал ва маќол.
4. Мавзўъ, ѓоя ва хусусиятњои бадеии зарбулмасалу маќол.
5. Сарчашмањои пайдоиш, тараќќиёт ва интишори зарбулмасалу маќолњои халќї.

**Мафњумњои асосї.** *Зарбулмасал ва маќол, сухани кўтоњи образнок, хусусияти бадеии зарбулмасалу маќолњо, њусну таровати забон, зарбулмасалу маќол њамчун жанр, андешањои халќ, сухани суфтаю рехта*

**Зарбулмасал ва мақол – сухани кўтоҳи образноки ба итмом расидаест, ки дар он мушоҳида ва андешаҳои халқ дар бораи љиҳатҳои гуногуни ҳаёти воќеї ба таври хулоса ифода шудаанд.**

Зарбулмасалу мақол аз жанрҳои маъмул ва машҳури эљодиёти бадеии халқ буда, ҳам дар забони гуфтугўї ва ҳам дар адабиёти хаттї истифода карда мешаванд. Зарбулмасалу мақолҳо љиҳатҳои гуногуни муносибатҳои байни одамонро акс намуда, фикру зикри халқро оид ба ҳодисаҳои гуногуни иљтимої ва табиї ба таври кўтоҳ ва дар шакли рехтаю суфта ифода менамоянд. Чунончи, «Аввал андеша, баъд гуфтор»; «Аз дўсти нодон душмани доно беҳ»; «Дарро задам, девор кафид»; «Давидани гўсола то каҳдон»; «Буз дар ғами љону қассоб дар ғами чарбу»; «Оби дари хона қадр надорад; «Моргазида аз ресмони ало метарсад» ва ғайра.

Зарбулмасалу мақолҳо натиља ва љамъбасти таљрибаю мушоҳидаҳои ҳаётии оммаи халқанд. Дар онҳо, ки дар давоми асрҳои зиёд гаштаю баргашта таҳрир ёфтаю сайқал хўрда ҳамчун намунаи ҳайратангези осори адабиёти даҳанакї то замони мо боқї мондаанд, ҳикмати халқ, фазлу хиради

халқ ва љахонбинию фалсафаи халқ инъикос ёфтааст. Олимон ба зарбулмасалу мақолҳо баҳои баланд дода, гуфтаанд: «Маҳз зарбулмасал ва мақолҳо тафаккури оммаи халқро мукаммал, махсусан, пандомез ифода менамоянд... Умуман, зарбулмасал ва мақолҳо тамоми таљрибаҳои зиндагї ва иљтимої таърихии халқро ба таври ибратангез баён мекунанд».

Гарчанде ки зарбулмасал ва мақолҳо дар алоҳидагї ҳам фикри расо ва маънои муайянеро ифода мекунанд, вале аҳмияти онҳо, моҳият ва қимати онҳо дар нутқи гўянда ё матни нависанда бештар ва барљастатар аён мегардад. Бинобар ин зарбулмасал ва мақолҳоро аз фазилатҳои забон ва боигарию образнокии он ҳисоб кардан мумкин аст.

Воқеан, зарбулмасалу мақолҳо бо хусусияти бадеии худ аз ҳамдигар фарк мекунанд. Зарбулмасалҳо бештар дорои маънои маљозї буда, дар онҳо мақсад ва фикри асосї ба воситаи киноя ифода мегардад. Маънои зоҳирї ва бевоситаи зарбулмасалҳо ё калимаю ибораҳои дар зарбулмасал истифодашуда шакли бадеие мебошанд, ки танҳо барои ифодаи мақсад ва ғоя истиораомез хизмат мекунанд. Чунончї, «Забони мурғонро мурғон медонанд»; «Об аз сар лой»; «На сих сўзад, на кабоб»; «Як задани оҳангару сад задани, сўзангар».

Мо маънои зоҳирї ва бевоситаи ин зарбулмасалҳоро ба назар намегирем ва ба фаҳми мо маънои маљозї ва истиоравии онҳо зудтар мерасад. Дар ҳақиқат дар ин мисолҳо мақсад забони мурғонро донистани мурғон, аз сари љўй ё дарё лойолуд шуда омадани об, насўхтани сиху кабоб, ба як задани болғаи оҳангарї баробар будани сад задани болғачаи сўзангар набуда, он ба маънои аслї-маљозї ва ғоявї марбут аст: 1. бо роҳи ишорат, ё гуфтугўи махсус ба ҳамдигар маълум шудани фикри тарафайн; 2. аз ибтидо вайрон ё бад будани кор, амалиёт ва ғайра; 3. наранљонидани ду тараф (ё ду шахс), муросокорї, 4. муқоисаи қувва, кору амалиёт ва ҳоказо.

**Зарбулмасал.** Дар зарбулмасалҳо образи предметҳо, ҳодисаю амалиёт ба воситаи **тавсиф, ташбеҳ, истиора, киноя, маљоз, ташхис** ва дигар санъатҳои каломи бадеї ифода мешавад. Бинобар ин дар байни маънои зоҳирї

ва дохилӣ-маљозии онҳо муносибати мантиқӣ мављуд аст, ки он ҳамчун ҳодисаи поэтикӣ хусусияти жанрии зарбулмасалро муайян менамояд.

Масалан, зарбулмасалҳои «Сари дарахти мевадор ҳам аст» ё «Санги вазнинро об намебарад»-ро гирем. Пеш аз ҳама, дар ин ду зарбулмасал предметҳо ва ҳодисаҳои интихобшуда реалӣ мебошанд, яъне бе маънои маљозӣ ва киноявиашон ҳам равшан аст, ки сари дарахти мевадор хам асту санги вазнинро об намебарад. Дар баробари ин ҳодиса ва хислати монандшаванда, яъне маънои аслии зарбулмасал (маънои маљозӣ, киноявӣ) низ воқеӣ буда, ба мо мефаҳмонад, ки одами доною боақл, ки вай хоксор аст ва одами ботамкину бомулоҳиза, ки рафтори шоёни таҳсин мекунад, аз љиҳати аломату хислатҳо ва вазъияти ҳол ба дарахти мевадор ва санги вазнин монандие доранд. Бинобар ин метавон гуфт, ки маъноҳои зоҳирӣ ва дохилии зарбулмасалҳо бемуносибат нестанд, онҳо мантиқан ба ҳамдигар алоқамандаид.

**Мақол.** Аммо хусусияти мақол дигархелтар аст. Дар мақол маънои маљозӣ, киноявӣ мушоҳида намешавад. Мақол мақсад ва ғояро бидуни истифодаи монандкунӣ барин санъатҳои бадеӣ, ки хоси зарбулмасаланд, ифода мекунад. Дар мақол предмет, ҳодиса, амалиёт ва ғайра дар љои худ, дар маънои худ ошкоро, бепардапушӣ, бе хаёлоти бадеӣ ва берун аз параллелизми психологию предметӣ ва мантикӣ меояд. Бинобар ин мақол нисбат ба зарбулмасал аз љиҳати шакл ва мундариља содда, беобу ранги бадеӣ аст.

Баёни маќсаду ғоя дар мақол конкрет буда, қариб ҳамеша ба мазмун ва таркиби лексикии нутқ, ва матн пурра мувофиқат мекунад. Чунончӣ, **«Дар ҳама кор машварат бояд, кори бемашварат накӯ наояд»; «Дили нохоҳам, узри бисёр»; «Дидӣ, ки нашуд, мон, ки равад»; «Дили одаткарда балои љон»; «Кори имрӯзаро ба фардо магузор»** ва ғайра.

Вале зарбулмасал ва мақол аз љихати образнокии сухан ва санъатҳои бадеӣ аз ҳамдигар фарқ кунанд ҳам, аз лиҳози сохти синтаксисӣ ва хусусияти мазмунӣ (пандуҳикматнокӣ, ахлоқомузӣ, тарбиявӣ, фалсафӣ, ичтимоӣ ваҳоказо)

ба ҳам хеле наздиканд ва дар якљоягї як жанри мустақили фолклори тољикро ташкил медиҳанд. Онҳо инчунин аз нуқтаи назари вазифа низ ба ҳамдигар бисёр монанданд, яъне ҳам зарбулмасал ва ҳам мақол, хоҳ дар нутқи гуфтугўй бошаду хоҳ дар забони адабї, бештар бо мақсади пурқуввату нишонрас шудани сухан ва беҳтару гуворотар ифода гардидани фикр ба кор бурда мешавад.

Бояд гуфт, ки бисёр зарбулмасалу мақолҳои тољикї аз љиҳати маъно ва ғоя ба зарбулмасалу мақолҳои халқҳои дигар ҳамранг мебошанд. Масалан, зарбулмасали тољикї: «Дар хонае, ки офтоб надарояд, табиб медарояд». Зарбулмасали албанї (тарљумаи русиаш): «Куда не входит сонце, туда потом приходит врач», зарбулмасали тољикї: «Ба умеди худо нашаву буттаро дор». Зарбулмасали латыҳо (тарљумаи русиаш): «Бога дожидаясь, с голода умрёшь». Зарбулмасали тољикї: «Њар кас дарди худро гуфта менолад». Зарбулмасали русї: «У кого что болит, тот о том и говорит»: Зарбулмасли тољикї: «Дўст гирёнда гап мезанад, душман хандонда». Зарбулмасали узбекї: Дўст ачитиб гапирар, душман кўлдириб» ва амсоли инҳо.

Чунин монандї, агар аз як тараф, ба ҳамрангии тараққиёти сохти љамъиятї, шароитҳои умумии ҳаёт ва ягонагии фикрию психологии ин халқҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба робитаҳои маданї, таърихї. сиёсї ва иқтисодии онҳо зич алоқаманд аст.

Зарбулмасал ва мақолҳои тољикї таърихї ќадимї доранд. Таърихи зарбулмасал бо таърихи ташаккули халқи тољик ва забони тољикї алоќаманд аст. Як миқдор зарбулмасал ва мақолҳое, ки то замони мо мањфуз мондаанд, ҳазор сол пеш аз ин ҳам вуљуд доштанд. Мављудияти таърихии онҳоро аз рўи осори хатї ва эљодиёти классикони адабиёти тољик муайян кардан мумкин аст.

**Таърихи пайдоиши зарбулмасал ва мақолҳо.** Тамоми жанрҳои адабиёти даҳанакии халқ, аз қабили зарбулмасалу мақол, чистон, суруд, афсона, ҳамоса, рубоӣ, латифа, тамсил дар як замон ба вуҷуд омада бошанд ҳам ба ҳар ҳол шубҳае нест, ки зарбулмасал ва мақолҳо ба монанди тамсил аз

қадимтарин намунаи эҷодии бадеии халқ аст. Таърихшиноси Рим Курций Руф дар давраи якуми солшумории милодӣ дар китоби худ ду зарбулмасали аз забони зиндаи мардум шунидаи худро («Овози саги тарсончак аз газиданаш сахттар аст» ва «Чуқуртарин дарё ҳамон аст, ки ҳамвора ҷорӣ бошад») қайд намудааст.

Сабаби ба вуҷуд омадани адабиёти даҳанакӣ, аз ҷумла зарбулмасалу мақолҳо, ба инкишофи минбаъдаи тафаккури инсон, яъне ба тафаккури абстрактӣ ва дараҷаи олии он – тафаккури бадеӣ қобил шудани инсон вобаста аст. Сабаби дигаре, ки он боиси ташаккули адабиёти даҳанакӣ гардид, ин набудани хат буд. Хат кашфиёти бузург ва беҳтарини инсон аст, ки ба давраҳои нисбатан наздики ҷамъияти инсонӣ тааллуқ дорад.

Дар адабиёти хаттӣ андарзгӯӣ ҳанӯз дар давраи Сосониён (солҳои 224–621) оғоз ёфта, бисёре аз он андарзҳо мазмунан ба зарбулмасал ва мақолҳо наздик будаанд. Гумон меравад, ки бо мурури замон баъзе аз он андарзҳо, ки мазмунан ва шаклан халқӣ буданашон ба назар мерасад, сайқал ёфта, ба қатори зарбулмасал ва мақолҳо даромадаанд. Масалан, аз «Андарзҳои Озарподи Маҳраспандон"-и Анушервон (531—579), аз ҷумла, андарзҳои «Шабез бош, ки корраво бошӣ», «Ҳар кӣ дигаронро чоҳ канад, худ андар чоҳ афтад» ва ғайра мебошанд, ки аз онҳо мақоли «Шабхез бош, то комраво бошӣ»[1] ва зарбулмасали «Чоҳкан зери чоҳ», «Чоҳ макан, ки худ афтӣ, бад макун, ки бад афтӣ» ба вуҷуд омадаанд.

Бояд ки шакли аввалини зарбулмасал ва мақолҳо ба монанди ҳамин ҷумлаҳои кӯтоҳи пандомезе, ки дар онҳо ақида, мушоҳида ва хулосаҳои ҳодисаҳои гуногуни зиндагии ҳаррӯза ифода ёфтаанд, ба зуҳур омада бошанд. Аз ин ҷиҳат зарбулмасали то давраи сомонӣ овардаи Ҷоҳиз: «Ҳар кӣ раваз (равад) чараз (чарад) ва ҳар кӣ хуспад, хоб бинад» ҷолиби диққат аст. Албатта, на ҳамаи он пандия, балки қисме аз онҳо, хусусан онҳое, ки мазмунан ба ҳаёти оммаи васеи халқ мувофиқ буданд, бо мурури замон сайқал ёфта, ба зарбулмасал ва мақолҳо мубаддал гардиданд.

---

[1] Маликушшуаро Муҳаммадтақии Баҳор, Девони ашъор. – Теҳрон. 1945 ҷ. II, саҳ. 335—359.

Ҳар давр зарбулмасал ва мақолҳои хос ба вуҷуд меоварад. Бо мурури замон ин чакидаҳо табақа-табақа болои ҳам шуда, як ганҷинаи пурбаҳоеро фароҳам меоваранд, ки ҳар як табақаи ин ганҷина аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар зарбулмасал ва мақолҳо ақидаю ҷаҳонбинии офарандагони онҳо инъикос меёбад. Азбаски макон, замон ва ҳаёти маишӣ ва иҷтимоии одамон бо расидани замони дигар тағир меёбад, нуқтаи назари онҳо ҳам нисбат ба ҳаёт дигар мегардад.  Аз ин ҷост, ки зарбулмасал ва мақолҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳо аз зарбулмасал ва мақолҳои замони гузашта тафовут доранд, ҳатто чунин зарбулмасал ва мақолҳое офарида мешаванд, ки онҳо аз ҷиҳати ақида ва ғоя ба зарбулмасал ва мақолҳои замони гузашта муқобиланд.

Сабаби дигари гуногунии онҳо дар он аст, ки ақидаи худи офарандагони зарбулмасалу мақолҳо гуногун аст. Табиист, ки ба ҳамон як ҳодисаю воқеа аҳли илму дониш, арбобони дину сиёсат ва ғайра ба тарзи худ муносибат мекунанд ва он гуногунии ғоявӣ боиси ба вуҷуд омадани зарбулмасал ва мақолҳои мухталифмаъно мегардад.

Агар мазмуни зарбулмасалу мақолҳои китобатӣ ва ё даҳанакии форсу тоҷик аз назар гузаронида шавад, ба назар мерасад, ки дар онҳо воқиа ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти гузаштаи мардумони Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон ва ғайра акс ёфтаанд, ки ин барои омӯхтани таърихи он халқҳо аҳамияти хеле калон дорад. Аз ин рӯ, зарбулмасал ва мақолҳо воқиасклаҳо воқианомаи хеле муҳиме мебошанд, ки дар онҳо дар давоми садҳо сол аксари ҳодисаҳои ҷамъияти инсонӣ сабт ёфтаанд. Онҳо инчунин инъикоскунандаи мафкура, савия, ҷаҳонбинии мардумони давраҳои гузаштаанд. Маълум аст, ки халқи тоҷик аз сари худ давраи мудҳиши ғуломдориро дар давраи ҳохоманишиҳо (асрҳои VI—IV то милодӣ) гузаронидааст. Вуҷуд доштани ин факти таърихиро бо зарбулмасал ва мақолҳо тасдиқ кардан мумкин аст: «Ғулом аз ситам чӯб бар хар шикаст, ба подоши он хоҷааш сар шикаст», «Ғулом ба моли хоҷа нозад, хоҷа ба ҳар ду», «Ғуломи оқил беҳ аз шайхи ҷоҳил», «Ғулом мехарам, ки маро соҳиб бигӯянд», «Ғулом пир шавад, хоҷааш кунад озод» ва ғайраҳо. Бешубҳа, на ҳамаи ин зарбулмасал ва мақолҳо дар давраи

ғуломдорӣ ба вуҷуд омадаанд, вале онҳо вуҷуд доштани ғуломдориро тасдиқ менамоянд.

Миқдори зарбулмасал ва мақолҳои китобатиро зиёда аз даҳ ҳазор тахмин кардан мумкин аст, ки дар давоми асрҳои зиёд ба вуҷуд омада, бисёрашон то имрӯз вирди забонанд. Дар офаридани онҳо тамоми табақаҳои ҷамъиятӣ иштирок кардаанд, барои ҳамин ҳам доираи онҳо ниҳоят васеъ ва мазмунан гуногунанд. Дар онҳо муносибатҳои иҷтимоии давраҳои гузашта ва ҳозира инъикос ёфтаанд. Аксари он зарбулмасал ва мақолҳо дар бораи ҳаёт, давлат, дин, ватандӯстӣ, озодихоҳӣ, илму ҳунар ва дӯстиву рафоқат ва ғайраҳо акс ёфтаанд. Инчунин зарбулмасал ва мақолҳое мавҷуданд, ки дар онҳо ҳар гуна фикрҳои иртиҷоӣ ифода шудаанд. Онҳо бо мурури замон аз сабаби номувофиқ будани мазмунашон аз байн рафта, ба ҷои онҳо зарбулмасал ва мақолҳои нав ба вуҷуд омадаанд. Хулоса, ҳар зарбулмасал ва мақоле, ки эҷод карда мешавад, ҳақиқати ҳоли замон ва ақидаи офарандагони онҳоро инъикос менамояд.

**Намунаҳо аз зарбулмасалу мақол**

Гунљишкро кї кушад? – Қассоб.

Санги вазминро об намебарад.

Аз бекор ҳама безор.

То меҳнат накунї роҳат набинї.

Дӯст гирёнда гап мезанад, душман хандонда.

Олими беамал, замбӯри беасал.

Дара задам девор кафид.

Нодон ба кори худ ҳайрон

Аввал андеша, баъд гуфтор.

***Савол ва супоришот:***

1. *Мафњуми жанрии зарбулмасал ва маќолњоро шарњ дињед.*
2. *Чаро зарбулмасал ва мақолҳоро суханҳои пандомези халқї мегӯянд?*
3. *Фарқи мақол аз зарбулмасал дар чист?*
4. *Зарбулмасалу маќолњоро аз љињати мазмуну мундарињаи ѓоявї ва*

*истифодаи санъатњои бадеї шарњ дињед.*

5. *Дар кадом маврид гуфта шудани зарбулмасал ва мақолҳоро мушоҳида намоед.*
6. *Таърихи пайдоиши зарбулмасал ва маќолњо*
7. *Нақли мухтасар тартиб дода, дар он аз зарбулмасал ва мақолҳо истифода баред.*

Мавзўи **9** **Чистонњои халќї** **Маърўза 2 соат**

**Наќша**

1. Мафњуми истилоњї ва таърихии чистон.
2. Таърихи пайдоиш ва ташаккули чистон њамчун жанри бадеї.
3. Хелњои чистон.
4. Чистонњои манзум, мавзўъ ва санъати шеърии онњо.
5. Мавзўъ ва мундариљаи чистонњо.
6. Чистон-омили хушзењнї, њозирљавобї ва љањоншиносї.

**Мафњумњои асосї.** *Мафњуми истилоњии чистон, хелњои чистон, чистонгўї, предмети пинњондоштащуда, воситањои тасвири бадеї, таърихи пайдоиш ва ташаккули чистон.*

Чистон жанри қадимии эљодиёти даҳанакии халқ мебошад. Чистонро дар адабиёти классикї луғз номидаанд. Калимаи «чистон» аз «чист он» сохта

шудааст. Таърихи чистон аз асри X ба мо маълум аст. Дар байни осори то замони мо боқимондаи Рўдакї ду чистон дар бораи найқалам ва ревољ дучор мешавад.

**Чистон -** чизи пинҳон дошташуда, ба воситаи ташбеҳ, истиора, киноя, маљоз, муболиға, тасвир мешавад. Сифат, хосият, аломат, нишона, хислат, ҳолат, ҳаракат барин љиҳатҳои барљастатарини љавоби чистон – предмети пинҳондошташуда зикр мешаванд, то ки ёбандаи чистон аз рўи онҳо он предметро тасаввур карда тавонад.

Чистон аз савол ва љавоб иборат аст. Дар қисми савол сурати маљозии ашё ва ҳодисаҳои зиндагї тавсиф шуда, дар қисми љавоб маънии аслии ашё ва ё ҳодисаҳо ифода карда мешавад.

Чистонҳо, ки саволи басо нозуку оқилонаро дар замир доранд, барои инкишофи зиракї, ақлу заковат, нозукфаҳмї, ҳозирљавобї ва дигар хислатҳои неки инсонї ёрї мерасонанд. Чистонҳо аз таљрибаҳои бои халқ ҳосил шудаанд.

Чистонгўї дар гузашта бештар дар байни деҳқонон ва ҳунармандон одат буд. Одамон чистонро шабона-дар вақти истироҳат ва рўзона ҳангоми дамгирї мегуфтаанд.

Чистон дар байни бачаҳо низ хеле бисёр истифода мешавад. Ёбанда ва кушояндаи чистон бояд тамоми хосиятҳои предметҳоро донад.

Гоҳо барои ёфтани љавоби чистонҳои нисбатан мураккаб саволҳои иловагї талаб карда мешавад. Ёбанда ва гўяндаи чистон дар хусуси љондору бељон, хурду калон будани ашёи пинҳон дошташуда ва дигар љиҳатҳои ба худ хоси он як қатор саволҳо дода, бо ёрии онҳо аломат ва хусусиятҳои онро равшантар менамояд. Вақте ки љавоби ин саволҳо гирифта шуд, ёбанда фикрашро ба як тараф равона мекунад ва чизи пинҳоншударо пайдо карда метавонад.

Дар чистон баъзан масъалаҳои математикї ҳам дода мешаванд. Дар ин гуна чистонҳо ёбанда дар бораи ташбеҳу истиораҳо фикр накарда, бевосита ба муайян намудани ин ё он адади номаълум диққат мекунад.

Чистонҳои халқї одатан, аз ду-чор сатр зиёд нестанд. Чистонҳои дар як сатр гуфташуда зоҳиран наср бошанд ҳам, ботинан ба қонунҳои назм тобеъанд.

Дар байни бачаҳо як навъи чистонгўї ҳаст, ки онро чистон-булбулон мегўянд. Онро як навъ бозии бачагона гуфтан ҳам мумкин аст.

Рафти ин бозї чунин аст:

Саволдиҳанда бошандагони хонаеро интихоб карда, савол медиҳад:

— Чистон, чистон, булбулон хонаи кист?

Бачаҳои дигар мепурсанд:

— Чанд марду чанд зан?

Саволдиҳанда миқдори зану мардҳои хонаи дар назар доштаашро мегўяд. Дигарон хонаҳои деҳаашонро як-як ба хотир оварда, муайян мекунанд, ки саволдиҳанда кадом хонаро дар назар дорад. Каси љавоби аниқ гуфта навбат мегирад. Агар ёфта натавонад, ба чистонгўй «таслим шуда», қишлоқашро «пешкаш» мекунад, яъне «шаҳрашро медиҳад», яъне бозиро бой медиҳад. Чистонгўй: «Ман бихўрам қанду асал, шумо бихўред ғўраи талх, ман биафтам рўи зар, шумо биафтед ба поруи хар», гуфта ҳарифонашро мазаммат мекунад ва пас љавоби чистонро мегўяд.

Чистон аз љиҳати мавзўъ ва мундариљаи ғоявї ҳамеша ба ҳақиқати зиндагї, ҳодиса ва ашёҳо вобаста аст. Чистонҳо, асосан оиди олоту воситаҳои меҳнатї, асбобу ашёҳо, табиат ва ҳодисаҳои он, љирмҳои осмонї, зироату сабзавот, ҳайвоноту паррандагон, узвҳои одамї ва ғайра гуфта шуда, дар онҳо ташбеҳ, киноя, истиора барин воситаҳои тасвири бадеї истифода мегарданд.

Як қатор чистонҳое ҳастанд, ки онҳо хусусияти афсонавї доранд. Чунин чистонҳоро чистон-афсона мегўянд.

Ғайр аз чистонҳои хурдакаки кӯтоҳмисраъ боз чистон-шеърҳое низ мављуданд, ки ба тавсифи ин ё он предмет, ҳайвон ё инсон бахшида шудаанд. Ин гуна шеър-чистонҳо бештар дар адабиёти хаттї дучор мешаванд ва муаллифи муайян доранд. Онҳо нисбат ба чистонҳои халқї калонтар мебошанд. Ба ин чистонҳои Восифї «Шоҳмот», «Шафтолу», «Шатранљ», «Офтоб» чистони Лоҳутї «Тӯдаи булбулон», чистонҳои Деҳотї «Трактор», Латофат Кенљаева «Нилуфар» ва монанди инҳоро дохил кардан мумкин аст.

**НАМУНАҲО АЗ ЧИСТОНҲОИ ХАЛҚЇ**

Як суфача, панљ бибича.

(Кафи дасту панљаҳо)

Аз саг паст, аз асп баланд.

(Зини асп)

Худаш якта, чашмаш садта.

(Ғалбер)

Як чодари зангорй,
Шабҳо пуру рӯз холй.

(Осмон ва ситораҳо)

Мепараду болаш нест,
Мегардаду пояш нест,
Љингиласар, мӯяш нест,
Ранг дораду бӯяш нест.

(Абр)

Як саволе аз ту дорам, эй рафиқи боҳунар,
Дар биёбоне бидидам як аљоиб љонвар.
Морчашму мӯрпо, лайлакпару аждаршикам,
Шутурзону, филгардан, шерсина, аспсар.

(Малах)

Дар биёбон як гиёҳе ҳаст, ки онро хар хӯрад,
Гар ба дасти шоҳ афтад, мулки Искандар хӯрад.
Меравад роҳи сафед, қай мекунад хуни сиёҳ,

Гар зи раҳ рафтан бимонад, бар сараш ханљар хўрад.

(Қалам)

Ҳамдаме дорам, ки беовоз сўҳбат мекунад,

Бе даҳону бе забон нақлу ривоят мекунад.

Хуш ақлу завқ афзун мекунад гуфтори ў,

Аз кадомин фан, ки хоҳї ў ҳикоят мекунад.

(Китоб)

**Чистон-масъалаҳо**

Аз осмон як гурўҳ ғозҳо парида мегузаштанд. Як ғоз аз поён ба онҳо мурољиат карда гуфт:

- Ҳой, сад ғози паррон, маро низ ҳамроҳатон баред! Яке аз ғозҳо аз осмон гуфт:

- Рафиқ, мо садто нестем. Агар ба мо боз баробари худамон ва нисфи худамон ва нисфи нисфамон ғоз ҳамроҳ шавад ва боз ту ҳамроҳ шавй, баъд сад ғоз мешавем.

Шумо гўёд, ки ғозҳои парвозкунанда чандто буданд?

Љавоб:

Ғозҳо 36-то буд, ба онҳо боз 36, 18, 9 ва як ғози дигар ҳамроҳ шавад, миқдораш ба 100 мерасад.

**Рўзе аз як мўйсафед пурсиданд:**

- Бобо, канї гўед, писаратон чандсола шудааст?

- Набераам чандрўза, ки шуда бошад, писарам ҳамин қадар ҳафта зиндагй кардааст.

- Набераатон ба чанд расидааст?

- Ман чандсола, ки бошам, вай ҳамин қадар моҳ зиндагонй кардааст.

- Шумо чандсола шудаед?

- Ману писару набераам - ҳар се якљоя сад сол дорем. Ана акнун ҳисоб карда фаҳмед, ки синну соли ҳар яки мо чанд аст?

Љавоб:

Набераи бобо панљсола, писараш сиюпанљсола ва худи ў шастсола шудааст.

## ЧИСТОН АФСОНАҲО

### Духтари подшоҳ

Буд, набуд, як подшоҳ буд. Подшоҳ духтаре дошт, ки бо ақли расо ва ҳусни беҳамтои худ машҳури олам гардида буд.

Як вақт аз се кишвари бузург се шаҳзода ба духтар талабгор шуда омаданд. Духтар ҳар сеи онҳоро љеғ зада гуфт:

- Ман касеро ба худ шарики зиндагї интихоб мекунам, ки пурқиматтарин чизи дунёро ёфта, ба ман тақдим кунад.

Шоҳзодагон ба љустуљўи чунин чиз баромада рафтанд. Яке аз онҳо кофта-кофта як аспи парранда ёфт, ки дар як нафас оламро тай менамуд, шоҳзодаи дуюм оинаи љаҳоннаморо ба даст овард. Шоҳзодаи сеюм себе ёфт, ки себи ҳаёт мегуфтанд ва ҳар касс онро хўрад, умраш дароз мешуд.

Дар вақти бозгашт онҳо дар як шаҳр ба ҳамдигар вохўрда монданду аз чизҳои ёфтагиашон хабардор шуданд. Баъд онҳо хостанд, ки аз аҳволи духтар хабар гиранд. Ба оинаи љаҳоннамо назар андохта диданд, ки духтар ба бемории марговар гирифтор аст. Ҳамон замон ҳар се ба аспи парранда саво шуда, ба ёрии духтар шитофтанд.

Асп дар як нафас онҳоро ба манзил расонид. Себро зуд ба духтаре доданд. Духтар онро хўрда аз марг наљот ёфт.

Вақте ки духтар сиҳат шуд, ҳар се шаҳзода даъвои домодї карданд. Шоҳзодаи якум мегуфт, ки агар аспи ман намешуд, маликаро наљот додан мумкин набуд. Шоҳзодаи дуюм мегуфт, ки агар оинаи љаҳоннамо намешуд, бемории маликаро магар фаҳмида метавонистем? Шоҳзодаи сеюм мегуфт, ки агар себ намешуд, малика аз марг халосї надошт.

Пас малика кадом шоҳзодаро ба худ шарики зиндагонї интихоб кард?

**Љавоб:**

Духтар ба орандаи асп миннатдорї изҳор карда, аспро гардонда дод, ба орандаи оина ҳам ташаккур гуфта, оинаро гашта дод. Аммо себи ҳаётро, ки

хўрда буд ва гардонда дода наметавонист, орандаи себро ҳамболини худ интихоб кард.

**Савол ва супоришот:**

1. Мафњуми истилоњии чистонро шарњ дињед.
2. Таърихи пайдоиш ва ташаккули чистонњои халќї
3. Чистонњоро аз рўи мазмуну мундариљаи ѓоявиашон тањлил намоед.
4. Чистонњоро тањлил намоед ва мавќеи санъатњои бадеиро дар онњо муайян намоед.
5. Ањамияти чистонњо барои хушзењнї, њозирљавобї ва љањоншиносии бачањо.

Мавзўи **10** | **Байт, дубайтї ва рубоиёти халќї** | **Маърўза 2 соат**

**Наќша:**

1. Мафњуми луѓавї, истилоњї ва жанрии байт, дубайтї ва рубоињои халќї
2. Вазну ќофия дар байт, дубайтї ва рубоињои халќї
3. Мавќеи байт, дубайтї ва рубоињои халќї дар фолклор ва адабиёти хаттии форсу тољик.
4. Мавзўи ишќу ошиќї, људої ва ѓарибї, ватандўстї, фалсафї дар рубоиву дубайтињо

**Мафњумњои *асосї.*** *рубої, дубайтї, байт, ғарибї, ишқї, рубоиҳои халқї, адабиёти шифоҳї, вазну қофия, мундариљаи ғоявї, фарқи рубої аз дубайтї.*

***Байт*** аз забони арабї гирифта шуда, маънояш хона, хонаи истиқоматї гуфтан аст. Дар шеърият ду мисраъ як байтро ташкил мекунад. Ҳаљми шеърҳоро одатан бо байтҳо ҳисоб мекунанд. Зеро як мисраъ шеъри мукаммал шуда наметавонад. Шеъри думисрагии људогона ва мустақил фардбайт аст.

Дар адабиёти замони гузашта ин навъ шеърро “муфрад”, љамъашро “муфрадот” номидаанд.

Чунончи суруди зерини халқї аз ду байт иборат аст:

1. Баҳор омад, баҳор омад,
   Ба деҳкон вакти кор омад.
2. Ба бўстон гул қатор омад,
   Баҳори нав муборак бод!

**Рубой ва дубайтї.** Рубої аз жанрҳои паҳншудатарини адабиёти хаттиву даҳанакии халқи тољик мебошад. Он аз калимаи арабии «арбаа», ки маънии луғавиаш чоргона, чор гуфтан аст, сохта шудааст. Рубої жанри мўъљази лирикї аст, ки аз чор мисраъ ё ду байт ташкил меёбад. Аз љиҳати шакл рубої се мисраи ҳамқофия ва як мисраи беқофия (мисраи сеюм) дорад, ки инро дар шакли **ААБА** ифода намудан мумкин аст. Масалан, рубоии зерини халқї низ дар ҳамин шакл қофиябандї шудааст.

Ёри мана бин мошинаша мерона, (а)
Рўймолчаи дастакша меларзона, (а)
Рўймолчаи дастакша худум духта будум, (б)
Аз минаи шоферо хуш карда будум. (а)

Вале рубоиҳое ҳам ҳастанд, ки қофиябандиашон дар шакли **АААА** буда, онҳоро рубоиҳои тарона меноманд.

Вазни рубоии адабиётро ба ду шаљара људо кардаанд: шаљараи ахраб ва шаљараи ахрам. Ҳар шаљара аз дувоздаҳ навъ иборат буда, ҳамагї бисту чор навъ вазнро дар бар мекунад.

Мазмуни рубоиҳои халқї гуногун мебошад. Рубоиҳои халқиро ҳангоми мувофиқи мавзўъ бо мавзўъҳои иљтимої ва маишї тақсим намудан мувофиқи мақсад аст. Дар рубоиҳои китобатї низ мазмуни фалсафї, иљтимої, ишқї, панду ҳикмат ва ғайра ба назар мерасанд. Рубої дар давоми асрҳо қариб дар тамоми эљодиёти шоирони гузаштаамон дида мешавад. Рубої дар назми имрўза ва эљодиёти даҳанакии халқи тољик низ мавқеи калон дорад.

Аз рўи масъалаҳои асосии љамъиятї ва ҳаётї, ки рубоиҳо дахл кардаанд, онҳоро ба якчанд гурўҳ људо кардан мумкин аст, ки ин гурўҳҳо дар навбати худ боз ба як қатор қисматҳои алоҳида људо мешаванд:

1. Рубоиҳои ишқї.

2. Рубоиҳои оид ба камбағалї.

3. Ғарибї.

4. Дар бораи марг.

5. Оид ба тақдир.

**Рубоиҳои оид ба ишқу оила.** Рубоиҳои ишқиро аз љиҳати изҳори ҳиссиёт, орзу ва умеди одамї, аз љиҳати ба љилва овардани ҳолатҳои гуногуни рўҳї қисми бойтарини сурудҳои халқї шуморидан мумкин аст. Норизоии инсон аз зиндагии худ, ҳасрати ў аз номуродї, фикр, андеша, талаб, кўшиш ва хитобҳои тезутунди ў дар ин қисми рубоиҳо хеле васеъ ва барљаста ифода гардидаанд.

Яке аз калонтарин мавзўъҳои рубоиҳои ишқиро шартан изҳори муҳаббат номидан мумкин аст. Изҳори муҳаббат аз ду тараф ба амал меояд. Аз як тараф, љавонписар ба духтари дўстдоштааш ишқи худро маълум мекунад. Вай ба духтар мурољиат карда, ҳусни ўро ситоиш намуда, ё бо як эҳтиёти шармгинона ва ё кушоду равшан, ҳисси дили худро ошкор менамояд.

Ай зулфи сиё бўса ба нодон надиҳї,
Лабҳои ту қиматанд, арзон надиҳї.
Як бўса агар бар мани ғамнок диҳї,
Гўё, ки ҳазор ташнаро об диҳї.

Дар гурўҳи рубоиҳо фақат орзўи дидор баён мегардад:

Эй куртасафед, сафед напўшї, чї шавад,
Моро ба сари зулфат насўзї, чї шавад
Мо раҳгузарем, ба роҳи худ мегузарем,
Аз раҳгузарон рўта напўшї, чї шавад.

Дар мавзўи лаззати дидори ёр бисёр рубоиҳои аљибу ғариб эљод шудааст:

Ќадди алифи алифнамота садқа,

Дандони дури садафнамота садқа.

Раҳ мегардие, баргаки гул меларза,

Хокой қадаму қафои пота садқа.

Рубоии ишқї, бо вуљуди ҳамаи ин асосан шикоятомез, ғамгинона ва пурэътироз аст. Мавзўи асосии он азоби ишқ, ғами фироқ, душвории мулоқот бо ёр, сарсонї ва ноумедї, сўзу гудози дил, дарду ҳасрат, изтиробу беқарорї ва монанди инҳост. Ошиқон худро Маљнун номида, шикоят мекунанд, ки зиндагї барояшон пурмашаққат аст, аз дили зорашон хун мечакад. «Об аз ду рухам резаду хун аз љигарам» мегўяд љавони ошиқ. Ў бедармон будани дарди дилашро таъкид карда, раҳмовар будани ҳоли худро изҳор менамояд:

Офтоб расид дар лаби љу вақти саҳар,

Аз сўзиши дил пора шудас ними саҳар.

Ёрам мегуфт: љигари садпората дўз,

Ман дўзам агар, пора шавад љои дигар.

Мавзўи қисми калони рубоиҳо муҳаббати бебарор аст. Љавоне аз он менолад, ки муҳаббаташро духтар қабул накардааст. Духтаре навмедона рад шудани муҳаббаташро изҳор мекунад.

Пушти хони очаљон регистонай,

Ишқи бачаи мардум балои љонай.

Мардум мегўн: ошуқї осонай,

Гўр осонай! Дардаки бедармонай!

**Шикоят аз камбағалї**. Аксарияти рубоиҳои ин гурўҳ аз мурољиати љавонон ба духтарон оғоз меёбад. Љавоне ба духтаре мурољиат карда, масти ишқ будани худро маълум мекунад ва ба ғаму ҳасрат изҳор менамояд, ки бинобар камбағалиаш ҳатто орзўи дидори ўро карда наметавонад: «Моле мара нест, падарта розї кунум, Мўбоф шавум ба қадакат бозї кунум».

**Ѓарибї.** Силсилаи калони рубоиҳое, ки дар назми халқии тољик мақоми махсус доранд, рубоиҳои ғарибианд. Рубоиҳои ғарибї ҳаёт ва фикру орзўи аз ватан дурафтодагон ва хешу табори онҳоро акс менамояд. Тарки ватан

карда, дар мамлакатҳои бегона азоби ғарибиро аз сар гузаронидани мардум аз замонҳои қадим вуљуд доштааст.

Бешубҳа, сурудҳои ғарибї таърихи дуру дароз доранд. Ҳанӯз дар дубайтиҳои Бобо Тоҳири Ҳамадонї дар бораи ғарибї сухан меравад.

Ѓарибї сахт маро дилгир дора,
Фалак бар гарданам занљир дора.
Фалак, аз гарданам занљир бардор,
Ки ғурбат хоки домангир дорад.

Рубоиҳои ғарибї мувофиқи мазмунашон, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳ, људо мешаванд:

1. Рубоиҳое, ки ба тасвири ҳасби ҳоли худи мусофирон – ғарибон бахшида шудаанд.

2. Рубоиҳое, ки ҳолу аҳволи хешу табор ва ёру ошноҳои ғарибонро ифода мекунанд.

Насиби мусофир ғаму кулфат, ҳоли табоҳ ва ранги зард буд:

Ай хона баромадай љавони гули нор,
Дастори калон дораду рангаш гули хор.
Гуфтам ки: Љавон ранги ту ай чї зардай?
Гуфто ки: мусофирему кулфат бисёр!

Орзӯи ягонаи вай халос шудан аз ғарибї, расидан ба дидори ёру дӯст ва баргаштан ба ватан аст:

Сарчашмаю боғи булбулонай ватанам,
Хушбодуҳавои бӯстонай ватанам.
Як бор агар боз бarad бар ватанам,
Дил пора кунам, ёди ғарибї накунам.

Дар бисёр рубоиҳо ба орзӯяш нарасида, мурда рафтани ғариб қайд мегардад:

Ҳар гоҳ бимурам, хок кунед зуд ба зуд,
Хоктудаи ман нақш кашед нилу кабуд.
Корвон гузарад, бипурсад: «Ин хоки кї буд?»

«Ин хоки ғариби нављувон», - гўед зуд.

Барои ғариб ватан аз тахти бузургтарин ва машҳуртарин подшоҳон, аз ҳама гуна боғу чаманҳои биҳиштосо хуштар аст. Мусофир ватанашро омили зиндагї, манбаи рўҳу қувваи дили худ медонад.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳї мекард,
Сад кош гадо буд ба Канъон хуштар.

Рубоиҳое, ки ҳолу аҳволи хешу табор ва ёру ошноҳои ғарибонро ифода мекунанд, низ дар лирикаи халқии тољик мавқеи хосе доранд. Падару модарро ба ким куљо мусофир шуда рафтани фарзанд азоби зўрист:

Бача дорум, ай инља ғофил шуду рафт,
Бо мардуми Ховалинг моил шуду рафт.
Гуфтум: биравум ура суроғуш бикунум,
Кима ба кадом куча мусофир шуду рафт.

**Марг.** Марг яке аз мавзўъҳои қадимї ва доимии лирикаи тамоми халқҳои дунёст. Ҳар як халқ дар сурудҳои худ муносибати худро ба марг ифода мекунад.

Пеш аз он ки ақидаҳои дар ин хусус дар рубоиҳои халқї аксгардидаро аз назар гузаронем, ҳаминро бояд қайд кард, ки қисми асосии ин рубоиҳо як навъ марсияҳоеанд, ки аз забони модар, зан, хоҳар, духтар, падар, бародар ва наздикони фавтида гуфта шудаанд. Дар ин сурудҳо, асосан, нисбати марҳум, мавқеи ў дар оила, воқеаҳои назарраси рўзгори ў сухан меравад, фикру зикри наздикони марҳум нисбати ғаниматии дунё, бешафқатии марг, бераҳмии Худои Мутаол тариқи оҳу нолаи мотамзадагон ифода меёбад. Мавзўи ин хел рубоиҳо асосан характери шикоятї дошта, аз људоиву зиндаљудої ҳикоят менамояд.

Дар рубоиҳои мазкур вафоти бемаҳали наздикони худро аз тақдир ва аз фалак дониста бар зидди фалак эътироз мекунанд:

Бишканад чархат фалак, муҳтољу зор кардӣ маро!

Аввалан саршор кардї, пас хазон кардї маро!

Мафҳуми «фалак» дар рубоиҳову дубайтиҳои тољикї, пеш аз ҳама ба сифати қазову қадар, сарнавишт, мусаннифи тақдири инсон намоён шудааст. Онҳое, ки дар ҳаёт рўзи нек надидаанд ва азобу уқубати зиндагї бар дўш кардаанд нисбати фалак суханони пурэътироз гуфтаанд. Ибораҳоеро мо дар рубоиҳои халқ во мехўрем, ки бо «бишканад чархад фалак» «фарёд аз дасти фалак», «эй вой аз дасти фалак», шурўъ мешавад, барои пурқувват шудани оҳангҳои эътирозї, норизої, шиковаї ва сарнавишти талху пурсўзи худро аз фалак донистан, вазъияти аламзадагон хеле ҳузнангез зоҳир мегардад. Ба андешаи академик Раљаб Амонов «ҳамин фалак аст, ки қаноти одамро мешиканад ва қомати ўро хам мекунад».

Академик Раљаб Амонов дар љои дигар қайд мекунад, ки «фарзанде аз дидори модараш маҳрум шудани худро кори фалак дониста, ин корро кори носазо ҳисобида, фалакро золим донистааст»[1]. Мардум фалакро оварандаи ғаму кулфат меҳисобанд. Ба фалак хитоб карда, арзи ҳол намудаанд, ки маҳз фалак онҳоро аз ҳам пош дода, љигарашонро кабоб, ҳолашонро хароб ва дидаашонро пуроб кардааст. Дар натиља фалак ба тақдири инсон бераҳму бепарво буданаш таъкид меёбад. Мардум худову фалакро дар як љо монда ба ҳардуи онҳо баробар эътироз кардаанд.

Дар рубоии дигар, шикоят аз ҳаёти пурмашаққат ва дар доғи марҳум афтидани худро изҳор мекунад, ифода ёфтааст:

Мусулмонон, дили озурда дорам,
Фироқи зинда, доғи мурда дорам.
Ба ин толеи пасти бемурувват,
Хазорҳо наълату нафрат бихонам!

Бародар, ки ба доми марг афтидаасту ўро аз марг халосї нест, бо оҳу афсуси дилхароше ин аҳволро хоҳар изҳор мекунад:

Дар хирмани тоза донае нест акама,
Аљал омадай, баҳонае нест акама.

[1] Амонов Р. Лирикаи халқи тољик. –Душанбе, 1963, саҳ. 62

Аљал омадай, љони акам дар тапу тез,
Сад вою дареғ, нишонае нест акама.

Ҳаминро бояд гуфт, ки ҳељ як муносибати хешовандон, ҳатто модар ҳам ба марҳум дар рубоиҳо амсоли хоҳар амиқ ва ҳартарафа акс наёфтааст. Дуруст, баъзе рубоиҳо ғаму алами модар ё духтарро акс менамоянд, аммо мавқеи хоҳар дар рубоиҳои халқї хеле баланд аст. Ҳамаи ин яқинан ба он вобаста аст, ки бародар дар ҳаёти хоҳар ва фарзандони ў мавқеи махсус доштааст. Духтаре, ки дар ҳаёт беака бошад худро ољизу нотавон ҳис мекардааст:

И пуштаву у пушта, пушти дастам,
Акам, ки будак, ба қаноташ мегаштам.
Акам мурдай, қанотакаш дар даштай,
Ай аламои у шикаст шасту бастам.

Агар ин хел рубоиҳо як навъ марсия бошанд ба хулоса омадан мумкин аст, ки марсияҳоро бисёртар хоҳарон нисбати бародар мегуфтаанд. Аз ин рў мо бевосита гуфта метавонем, ки мавқеи ака дар ҳаёти хоҳар баланд аст. Рўзҳои сахтї, танҳої, бенавої хоҳар акаи худро пушту паноҳ меҳисобад. Инро мо дар рубоиҳои аз тарафи зани ба рўзи сахт гирифторшуда суруда шудааст хеле нағз мушоҳида карда метавонем.

Дар лирикаи халқї рубоиҳоеро мо мушоҳида мекунем, ки муносибати халқ нисбати марг (аљал) акс ёфтааст. Аљал гўё дар тасаввури одамон махлуқест, ки онро ҳељ кас мағлуб карда наметавонад. Марг чун ҳодисаи даҳшатнок ва хонумонсўз қайд гардида, қувват гирифтани дарду алами одамй ба саргардонию парешонҳолй ва вайрон шудани оила бо эътироз қайд мегардад.

Ин моҳа бубин дар осмон кам будас,
Сад дарду алам бар сари одам будас.
Сад дарду алам бар сари шахсе нарасид,
Ин мурдани одамї ба як дам будас.

Қисми зиёди сурудҳои халқӣ дар шакли рубоӣ гуфта шудааст. Зеро ин шакл дар эљодиёти даҳанакии халқ, яъне фолклори тољик хеле қадима буда, бинобар ин ҳам дар мавзўъҳои гуногуни ишқӣ, оилавӣ фаровон истифода бурда мешавад. Аз ин љихат рубоӣ барои ифода намудани ҳиссу фикри одамон бисёр мувофиқ буда, дар байни халқ хеле васеъ паҳн шудааст. Онро ба осонӣ эљод кардан, ба тезӣ ба хотир гирифтан мумкин аст. Рубоиҳоро ҳама – хурду калон медонанд. Дар љамъомадҳо онро одатан бо дутор, думбура барин асбобҳои (созҳои) мусиқӣ месароянд. Мардум ба воситаи рубоиҳо дар бораи масъалаҳои гуногуни замона ва зиндагӣ фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд.

Дар давоми асрҳо бисёр шоирони форсу тољик низ дар рубоисароӣ шўҳрат пайдо кардаанд. Аз љумла, Умари Хайём, Бедил, Аминљон Шукўҳӣ, Лоиқ ва дигарон бо рубоиёти худ хеле машҳуранд, ки он рубоиҳо имрўз низ вирди забони мардуми шеърдўсти мо мебошанд.

**Дубайтӣ** ҳам жанри лирикӣ мебошад. Ба мисли рубоӣ дубайтӣ ҳам аз чаҳор мисраъ (ду байт) иборат аст. Аз нуқтаи назари қофиябандӣ ҳам дубайтӣ ба рубоӣ монанд аст. Яъне аксаран сохти қофияи дубайтӣ ҳам ААБА мешавад.

Дубайтӣ аз рубоӣ дар масъалаи вазн фарқ мекунад. Мисраъҳои дубайтӣ ҳамеша бо **мафоилун** сар мешавад. Мисраъхои  дубайтӣ ҳељ гоҳ бо ҳиљои дароз оғоз намеёбад. Дубайтӣ дар як вазни анъанавӣ навишта мешавад. Ин вазни **ҳазачи мусаддаси мақсур** (ё маҳзуф) мебошад, ки баробари мафоилун // мафоилун// фаўлун (У---//У---//У--) ду бор дар ҳар байт мебошад. Рубоӣ бошад, баръакс асло бо ҳиљои кўтоҳ сар намешавад. Одатан рукнҳои аввали мисраъҳои он дар шакли **ахрам ё ахраби баҳри ҳазач** сурат мегирад. Ҳамин тавр, дубайтӣ ва рубоӣ дар як баҳри шеъри арўзӣ - ҳазаљ гуфта шаванд ҳам, аммо дар шохаҳои тамоман мухолифи ҳамдигар эљод мешаванд.

Дубайтӣ дар таъсирбахш ифода намудани эҳсосоти қалбию андешаи қаҳрамони лирикӣ хеле мувофиқ аст. Дубайтӣ асосан мазмуни ишқӣ дорад. Вай дар адабиёти мумтози форсу тољик низ мавқеи калонро соҳиб буд. Шоири маъруфи асри Х1 Бобо Тоҳири Урён дар ин дубайтӣ ҳиссиёти

самимонаи худро дар мавзӯи ишқу муҳаббат ин тавр таъсирбахш баён кардааст:

Диле дорам харидори муҳаббат,
К-аз ӯ гарм аст бозори муҳаббат.
Либосе бофтам бар қомати дил
Зи пуди меҳнату тори муҳаббат.

Ин жанри кӯҳна, ки асосаш халқӣ аст, дар лирикаи садаи XX-и тоҷик ҳам мавқеи калонро соҳиб буд. Аз шоирони ин давр махсусан Абулқосим Лоҳутӣ, Аминҷон Шукуҳӣ, Лоиқ Шералӣ, Гулназар дар ин жанр муваффақият пайдо кардаанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Доир ба маънои луғавӣ ва истилоҳии байт, рубоӣ ва дубайтӣ маълумот диҳед.
2. Фарқи рубоиро аз дубайтӣ нишон диҳед.
3. Мазмуну мундариҷаи рубоиву дубайтиҳо кадомҳоянд.
4. Доир ба рубоиҳои ишқӣ, ғарибӣ, шикоятӣ, марг маълумот диҳед.
5. Мавқеи жанрҳои рубоиву дубайтӣ дар осори шоирони имрӯзи тоҷик.

Мавзўи **11** **СУРУДҲОИ ХАЛЌЇ** **Маърўза 2 соат**

**Наќша:**

1. Мафњуми суруд њамчун савту наво ва матни бадеї
2. Сурудњои халќї, мавзўъ ва шакли шеърии оњњо
3. Шодиву фарањ, њаљв ва ѓаму андўњ – мавзўи сурудњои мардумї
4. Санъатњои бадеї, вазн, ќофия ва наќароти сурудњои лирикї ва таърихї
5. Сурудњои таърихї, мавзўъ, ѓояи иљтимої ва шакли шеърии оњњо.

**Мафњумњои асосї:** *сурудҳои шодї, сурудҳои ҳаљвї, сурудҳои ғамангез, сурудҳои таърихї, эљодиёти бадеии халқ, жанри суруд, лирикаи халқї, шодиву фараҳ, ғаму андўҳ, ҳазлу шўхї*

Калимаи «суруд» дар матни китоби «Авесто» ба шакли Sraata ва дар осори паҳлавї ба сурати srot ва srut истифода шудааст[1], ки ин аз замонҳои қадим дар байни мардуми мо роиљ будани калимаи мазку рва аз ҳама муҳимтаринаш масъалаи таърихи тўлонї доштани шеъру суруди тољикиро ба субут мерасонад.

Калимаи суруд дар луғатҳо ва осори адибони классикии тољику форс ба маънои калом, сухан, гуфтор, тағаннї, самоъ, рақс, овоз ва амсоли инҳо эзоҳ ёфтааст[2].

Агар дар луғатҳо ва дар осори адибони гузаштаи форсу тољик калимаи суруд ба маънои калом, сухан, тағғаннї, самоъ ва ғайра эзоҳ ёфта бошад, дар истилоҳ суруд иборат аз шеъре ё манзумае аст, ки сарояндагон ва ҳофизони маслакию ғайримаслакї онро тавъам бо оҳанге месароянд ва ҳофизони

[1] Ниг.: Соколов С.Н. «Язык Авесты». Л., 1964, саҳ. 216-317
[2] Ниг.: Фарҳанги Нафисї. Таълифи Алиакбар Нафисї, Бурҳони қотеъ, Фарҳанги забони тољикї.

маслакию ғайримаслакї онро тавъам бо оҳанге месароёнд ва замзама мекунанд.

Суруд яке аз намудҳои қадимаи санъати бадеии халқ буда, бо як қатор хусусиятҳои худ аз рубої, байт ва ашўла барин навъҳои назм фарқ мекунанд. Бисёр сурудҳо аз љиҳати ҳаљм нисбатан калон, шаклан гуногун ва аз љиҳати сохт нисбат ба жанрҳои мазкур мураккабтаранд. Сурудҳо аз 4-10 то ба 30-40 мисраъ мерасанд. Баъзе сурудҳо дорои сюжети мукаммал буда, ба достонҳои хурди лирикї шабоҳат доранд.

Сурудҳоро аз рўи мундариљаашон ба чор гурўҳ људо кардан мумкин аст:

- Сурудҳои шодї,
- Сурудҳои ҳаљвї,
- Сурудҳои ғамангез,
- Сурудҳои таърихї.

**Сурудҳои шодї**. Суруд яке аз омилҳои дилхушии мардум аст. Чи дар вақтҳои базму зиёфат, тўю сур ва гапхўрию гаштакҳо ва чи дар маъракаҳои мавсимї сурудҳое иљро мешаванд, ки бо мазмуни хурсандибахш ва оҳанги шўху шавқангези худ ба иљрокунандагон ва шунавандагон шавқу фараҳ мебахшанд.

Оҳанги шўху шўрангези бисёр сурудҳо шунавандаро ба рақс моил мегардонад, бинобар ин бисёр сурудҳоро рақсї ҳам гуфтан мумкин аст, вале ин истилоҳ танҳо як љиҳати ин қисми муҳими лирикаи халқиро ифода мекунад.

Сурудҳои шодї аз љиҳати мазмуну оҳанг ба ҳамдигар наздик бошанд ҳам, аз љиҳати шакл, махсусан аз љиҳати сохти худ гуногунанд. Аз ин рў аз рўи сохт ва таркиби худ сурудҳои мазкурро ба ду қисм људо кардан лозим мешавад:

1. Сурудҳое, ки матни нисбатан устуворе дошта, дар шакли монолог ва ё муроҷиат гуфта шудаанд.

2. Сурудҳое, ки аз рубої, ашўла ва дубайтиҳои халқї (бештар ба воситаи нақаротҳои сайёре, ки мазмуни шўх доранд) таркиб ёфтаанд.

Ин ду навъи сурудҳо, бо вуљуди тафовути шаклї, аз љиҳати мавзўъ ва мазмун байни худ шабоҳати муайян доранд, бинобар ин тафовути шаклї дар таҳлили мундариљаи ѓоявии онҳо аҳамияти махсус пайдо намекунад. Чи мавзўе дар онҳо тасвир нашуда бошад, мазмунашон сурурангез ва шўх аст. Барои мисол мехоҳем як суруди халқиро аз назар гузаронем, ки дар вариантҳои он дар бораи азоби шахси ранљуре сухан меравад. Яъне дар суруд ҳодисаи ногуворе тасвир шуда бошад ҳам, ин тасвир бо вуљуди он аз рўи шавқ ва ҳазлу шўхї сурат гирифтааст. Шахсеро дар саҳро каждум мегазад. Ў суханони хандаовар ба сўи хона раҳ пеш гирифтани худро нақл мекунад.

Зорї гуфтам нагазад,
Зоре яке газидам.
Љошам маҳкам қапидам,
Бибиљунам бубине!
Чангак-чангак давидам,
Бехи ѓанак ѓалтидам,
Паша кофта наёфтам,
Бибиљунам бубине!

Аҳволи он шахс, муносибати ў дар ин аҳвол ба хешу табор ва ба муолиљакунандагон дар суруд бо оҳанги ҳазл баён шудааст. Ҳазл аз баёни соддадилї ва ҳатто соддалавҳии ҳам шахси зарардида ва модару зани ў ва ҳам табибу мулло тавлид мешавад. Табиб ба заҳри каждум пашшаи модаро даво медонад:

Э холаи Давлатбї,
Тура меган табибї,
Луч ку, љоҳакша бубї,
Бибиљунам бубине!
Давлатбибии содда,

Фармидаї пашшаи мода,

Сур кунед деволода,

Бибиљунам бубине!

Сурудҳои шодї шавқу ғайрат, зиндадилї ва мароқи зўри мардумро ба ҳазлу шўхї нишон медиҳад ва собит мекунад, ки мардум ба тасвири љиҳатҳои дилкушои ҳаёташон ҳамеша кўшиш мекарданд ва дар ногувортарин ҳодисаҳои зиндагї низ лаҳзаҳои хушро мељустанд ва ноумед намешуданд.

Шавқи дили ошиқони хушбахт, хуррамиҳои зиндагї, зебоиҳои табиат ва ҳазлу шўхиҳои одамони вақтчоқ муҳимтарин мавзўъҳои сурудҳои шодї қарор гирифтаанд.

Бисёр сурудҳои шодї бо рақс иљро мешаванд. Дар хусуси рақсї будани як қатор сурудҳои халқї ва дар маъракаҳои хурсандї ҳангоми иљрои рақс хонда шудани онҳо ва ё ба муносибати иљрои ин сурудҳо ба шавқ омада, ба рақс даромадан ё ба рақс даровартда шудани ҳозирон дар тавзеҳоти маљмўаи «Таронаҳои Самарқанд» маълумоти муҳим гирд оварда шудааст. Дар Самарқанд ва дигар маҳалҳои тољикнишини ин вилоят сурудҳои «Эй љони ман љонони ман», «Аз ман чаро ранљидаї», «Бар љонам занад», «Ту садбарги кадом боғї», «Сокина», «Фармоед» ва ғайраҳо машҳуртарин ва маъмултарин сурудҳои рақсї ба шумор мерафтаанд. Б.Шермуҳаммедов дар тавзеҳот ба ҳавои рақс дар маъракаҳои занон ва духтарон иљро шудани бисёрии ин сурудҳоро қайд карда, дар бораи суруди «Сокина» ин тавр менависад: «Гурўҳи духтаракон ҳар банди онро месароянд ва яке аз дугонаҳояшон ба рақс даромада, нақаротро мегўянд ва тарзи раҳ рафтан, курта пўшидан, рўймол бастан, ҳалқа овехтан ва ғайраҳоро бо ҳаракат ва ишораҳои дасту по, сар ва китф намоиш медиҳад»[1].

Дар воқеъ, ҳатто аз мутолиаи матни ин суруд манзараи рақсу бозї равшан тасаввур мешавад:

Э Сокина э Сокина

[1] Таронаҳои Самарқанд. Бо таҳрир ва такмили ва иловаҳои А.Қамарзода. –Тошканд, 2013, саҳ. 15

Бозорба рафтас Сокина.
Усма овардас Сокина,
Чутур мемолад Сокина?
-Интура мемолад Сокина,
Интура мемолад Сокина…

Э Сокина э Сокина
Бозорба рафтас Сокина.
Ҳалқа овардас Сокина,
Чутура мекунад Сокина?
-Интура мекунад Сокина,
Интура мекунад Сокина…

**Сурудҳои ҳаљвї.** Як қисми сурудҳо, мазмунан хандаоваранд. Барои ин гуна хусусият пайдо кардани онҳо чизе ё ҳодисае мавзўи тасвир қарор гирифтааст, ки моҳиятан қобили ҳазлу шўхї ва ҳаљву тамасхур аст.

Сурудҳои ҳаљвї барои вақтхушкунии мардум, фаромўш намудани ғаму ғурбати рўзғор, фароғат ва дамгирї воситаҳои муҳим ба шумор мераванд. Қисме шавқи рақс, қисми дигар шавқи ҳазлу шўхиро ба амал меоваранд ва дар ҳар сурат шунавандагонро дилхуш ва фараҳманд мекунанд. Зимнан бояд қайд кард, ки ин гарўҳ сурудҳо мазмунан бо ҳаёти иљтимої алоқаи зич дошта, пеш аз ҳама, муносибати љамъиятиро акс намудаанд.

Вазъияту лаҳзаҳои қобили масхара ва хандаву ҳазл дар муносибатҳои оилавї, алалхусус, дар муносибати байни зану шавҳар бештар заминаи иљтимої доштанд ва ба аҳволи зиндагии мардум реша андохта буданд.

Дар суруди «Нимча ресмон», ки мавзўяш мољарои зану шавҳар аст, орзуи ба амал набарояндаи зани камбағал тасвир ёфтааст. Орзуи зан, ки аз ҳадди оддитарин чизҳои зарурии рўзгор берун намеравад, дар шароити гузашта ба назар аз ҳад зиёд намуда, моҳияти ҳаљвї пайдо кардааст. Зан ба шавҳараш нимча ресмон дода, хоҳиши худро изҳор мекунад:

Гуфт бо мард, ки «Дор дар сар ҳуш,

Ресмонро ба нархи хуб бифрӯш.

Аввало, гир се либоси чит,

Дуюмин гир наботу ҳам қанфит,

Косаю кӯзаю табақ ҳам гир,

Набарорӣ зи хотират кафгир.

Сабадчӯбу қаламфуру ишқор,

Кун хариду зи хотират набарор.

Мӯҳраю гӯшвору чала ҳам бихар».

Ресмон бар даруни лой афтод,

Рафт он мояи «калон» барбод.

Зани камбағал хислатҳои муқаррарии инсониро зоҳир намуда, хостааст, ки чун одами муқаррарӣ зисту зиндагии мӯътадил дошта бошад. Аз ин рӯ, дар суруд на хислати ӯ, балки вазъияте, ки муносибатҳои љамъиятӣ ба миён овардааст, мавзӯи ҳаљв қарор гирифтааст.

Мавзӯи як қатор сурудҳои ҳазломез, ки дар бораи ҳайвоноти хонагӣ (буз, хар, гов, мурғ, шутур ва ғайра) гуфта шудаанд, низ ҳамин орзӯи хом аст, вале ин сурудҳо бо услуби хоси худ аз дигар сурудҳои ҳазломези халқӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Онҳо дар шакли мотам-марсияҳо гуфта шудаанд. Чунон ки дар марсияҳо ҳамаи фазилатҳои марҳум номбар мешавад, дар ин сурудҳо фазилатҳои гуногун, аз љумла, манфиате, ки мардум аз ҳайвони хонагӣ доштанд, таъкидан, бо муболиғаву иғроқ қайд мегардад ва ба муносибати фалокати ногаҳонӣ такрор ба такрор оҳу афсус изҳор мешавад. Дар суруди «Бузи кабуд», ки воқеаи талаф шудани буз аз номи соҳиби он нақл мегардад. Сӯзу гудози гӯянда ба ҳадде зӯр аст, ки кас гумон мекунад, ки ӯ давлати бисёреро бе бозгашт талаф додааст.

Суруди «Бузи кабуд» аз 14 банд иборат буда, дар поёни ҳар банд нақароти «Вой алами бебузим» такрор меёбад ва танҳо худи ҳамин нақарот ҳам аҳволи шахси аламрасидаро бахубӣ нишон медиҳад. Соҳиби буз аввал фазилатҳои бузашро васф мекунад:

Буз харидум ай Боқӣ,

Синаҳош мисли тоқї.

Шир медодак қаймоқї

Вой алами бебузим!

Баъд хабари талаф шудани онро шунида, мисли шахсе, ки аз ҳалокати ягон хеш ва ё дўсти наздикаш хабар ёфта бошад, бо дили пурандўҳ ба љои воқеа рафтани худро нақл мекунад:

Рафтум, кофтум љоҳоша,

Ёфтум љои поҳоша.

Зоғо кофтан чашмоша,

Вой алами бебузим!...

Пас аз ин дар суруд бисёр сифаҳои дигари буз: мисли гов бузург будани он, чолокию ҳушёриаш, манбаи фаровонии зиндагї будани шираш бо муболиға баён мешавад. Ба тарзи тасвир муносиб афтодани муболиға, ба мояи орзўи шахси камбағал мансуб шудани он ҳаљвро ба дараљаи мазоҳу писханди нешдор мерасонад.

Суруди «Бузи кабуд» инчунин бо номи «Хари кабуд», «Хараки ман», «Харам-е!»¸ «Бузакам-е!» назира дорад. Мавзўи назира ҳам аз даст рафтани хар ва оҳу афғони соҳиби он аст.

Ҳамин тариқ, халқ ба шўхию бозию ҳазлу мазоҳ ва кинояву тамасхўр майли тамом зоҳир намуда, бо ин мақсад дар сурудҳои ҳаљвии худ санъатҳое ба кор мебарад, ки дорои обу ранги ба худ хосанд ва завқи баланду табъи равонро муљассам мекунанд.

**Сурудҳои ғамангез.** Як љузъи муҳимми сурудҳои халқї, чун қисми калони байту рубої ва ашулаҳо, оҳу нола ва арзи ҳоли ошиқони ноком, аҳволи ситамдидагон ва кулфатзадагонро тасвир менамояд. Дар назми халқ, сурудҳое, ки дар бораи ишқ, фироқ, бевафої ва бераҳмии ёр ва монанди инҳо гуфта шудаанд, мавқеи махсус доранд. Дар ҳамаи ин сурудҳо ҳисси дили ашхоси номуроду ноком изҳор мешавад. Қаҳрамони лирикї аҳволи зори худро баён намуда, аз маҳбуба хоҳиш мекунад, ки ба сўи ў назаре андозад:

Рафтам ба кўят борҳо,

Бо нолаю зориҳо.

Бар ман нигаҳ кун дилрабо,

Сад бор гардам ас сарат.

Садоқату вафодорї, љону дилро нисори ёр кардан, зебоии ҳусну фазилатҳои беназири ў ва орзўи висол барин мавзўъҳои анъанавї дар сурудҳо бо оҳу фиғон ва яъсу андўҳ тасвир мешавад. Ошиқон, ҳам мақсаду орзў ва ҳам мафтун шудани худро ба ҳусни ёр бо дидаи гирён арз мекунанд:

Ошиқи покам ба рўят, эй маҳи тобони ман,

Хоки поят тутиё, эй сурмаи чашмони ман.

Ошиқ шахси овораи кўи ишқ, шайдои ҳусну љамоли ёр, муљассамаи меҳру вафо, дилдодаи љафокашу фидокор аст, ки одатан ҳоли парешону дидаи гирён дорад.

Як қисми сурудҳои ғамангези халқї дар мавзўъҳои ғарибї гуфта шудаанд. Ин қисм ҳам мисли сурудҳои ишқї дар шаклҳои тарона, ғазал, мухаммас, маснавї эљод шуда, љиҳатҳои гуногуни ҳаёти ашхоси мусофириву ғариброро тасвир мекунанд.

Яке аз ин хел суруд, ки бо номи «Ғарибї» машҳур аст ва борҳо дар маљмўаҳои фолклорї чоп шудааст, чанде аз вариантҳои машҳури ин суруд ба шакли ғазал буда, дар онҳо аз забони мушоҳиде дами вопасини як нафар љавони ғариби барљомонда тасвир мешавад:

Ғарибї кўи сахт аст, эй бародар,

Ғарибонро накў дору маёзор!...

Аљаб расмест расми одамизод,

Ғарибафтодаро кай мекунад ёд!

Ғарибафтода ҳукми мурда дорад,

Ки хоки мурдаро кай мебарад бод.

Дар суруд чї навъ ва дар чї шароит фавтидани ғариб ва оқибати дилрешкунандаи он амиқтар ва пурратар акс ёфтааст. Љавоне дар кунљи хона бемору нотавон хобидаасту мурдани худро яқин медонад ва хешу табори интизорашро ба ёд оварда илтиљокунон мегўяд:

Биродар бишнавад, ғамнок гардад,

Бигиряд хоҳари мискини ман зор.

**Манзараи марги ғариб равшан ва ҳаққонӣ тасвир шудааст:**

Љавон мурдаст, рӯҳ аз вай паридаст,

Танаш пурҳасрату рӯяш ба девор.

Ба зери паҳлуяш чизе надидам,

Ба тори сар ниҳода кафшу дастор.

Ба пешаш косаи бишкаста дидам,

Ду пора нони қоқу нимаи нор.

**Сурудҳои таърихӣ.** Дар назми халқӣ як навъ асарҳое хастанд, ки онҳо дар илми фолклоршиносӣ номи сурудҳои таърихиро ба худ гирифтаанд. Дар гузашта мардуми мо на танҳо дар бораи бахту саодат ва ҳаёти осоишта орзуву умед кардааст, балки барои ба даст овардани он мубориза бурдааст. Аз љумла халқи мо ба муқобили истилогарони аљнабӣ, барои ҳимоя ва озодии Ватан, барои адолат бар зидди золимон љангидааст, шӯришу ошӯбҳо бардоштааст, ки қисме аз онҳо дар сурудҳои таърихӣ акси худро ёфтаанд.

Хусусияти ба худ хоси сурудҳои таърихӣ ин аст, ки онҳо хислати афсонавӣ надоранд ва ба ҳақиқат хеле наздиканд. Дар онҳо воқеаҳои таърихӣ хеле равшан ифода ёфтаанд. Аз онҳо рафти воқеаҳои таърихиро фаҳмидан мумкин аст. Ин сурудҳо бо ҳамин хусусияташон аз дигар асарҳои эљодиёти даҳанакии халқ фарқ мекунанд.

Дар сурудҳои таърихӣ ҳам унсурҳои асарҳои эпикӣ ва ҳам унсурҳои назми лирикӣ ба назар мерасанд. Сурудҳои таърихӣ аз асарҳои эпикӣ, масалан, аз достон, аз он љиҳат фарқ мекунанд, ки дар онҳо сюжети яклухт ва устухонбандии воқеаҳо дида мешавад. Дар сурудҳои таърихӣ масъалаҳои иљтимоӣ барљастатар ифода гардида, нуқтаи назари халқ, дар бораи ҳодисаҳои љамъиятии ҳаёт ва амалиёти таърихии ашхоси људогона конкреттар ва реалитар инъикос меёбанд. Ќисме аз қаҳрамонони сурудҳои таърихӣ сардорони шӯришҳои халқианд, одамонеанд, ки дар роҳи мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти халқ, љони худро фидо кардаанд. Халқ

мувофиқи одати худ дар бораи сардори муборизони зидди Искандари Македонї, дар бораи Муқаннаъ, Темурмалик ва бисёр баҳодурони дигар яқинан сурудҳо эљод кардааст, ки мутаассифона гузашти рўзгор ин гуна осори пурқиматро аз байн бурдааст. Меросе, ки аз сурудҳои таърихї ба мо расидааст, чанд намунаи сурудҳои оиди «Шўриши Восеъ», «Шўриши Ќаландар», «Шўриши Усмон» ва амсоли инҳо мебошанд, ки таърихи пайдоиши онҳо ба давраҳои нисбатан хеле наздик, ба охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX рост меоянд.

Дар эљодиёти даҳанакии халқи тољик, хусусан, дар байни асарҳои манзуми он суруди «Шўриши Восеъ» мавқеи махсус дорад. Гуфтан мумкин аст, ки суруди «Шўриши Восеъ» ягона суруди нисбатан мукаммали таърихї дар фолклори тољик мебошад. Ин суруд аз 318 мисраъ ва ё аз 100 банди семисраъгию чормисраъгї, ки ҳар кадом дорои мазмуни томе буда, бо ѓояи умумии суруд комилан мутобиқат мекунад, таркиб ёфтааст.

Силсилаи ин сурудҳо дар охирҳои асри XIX ба муносибати рух додани шўриши халқие, ки бо сардории Восеъ ном марди љувозкаш дар Балљувон (вилояти Хатлони Тољикистон) ва атрофи он сар зада буд, гуфта шудааст.

Ин шўриш аз калонтарин шўришҳои халқї буда, дар байни солҳои 1883-1885 дар кўҳистони тољик рўй додаст ва ҳокимияти амири Бухороро ба ларза оварда буд.

Шўришгарон аскарони амир ва ҳокими Балљувонро гурезонда, қалъаро соҳибї карданд. Таъсири шўриш ба ноҳияҳои дигари Кўлоб ҳам расид. Лекин ба туфайли љосусї ва хоинї шўриш пахш карда шуда, сардори он – Восеъ ба дор овехта мешавад.

Ана ҳамин воқеаи аламнок асоси сурудҳои халқиро дар бораи шўриши Восеъ ташкил кардааст, ки дар он ҳиссу ҳаяљони мардум нисбат ба беадолатї ва зулм ифодаи худро ёфтааст. Бесабаб нест, ки ҳоло ҳам порчаҳои ин суруд дар байни мардум иљро карда мешавад:

*Ай љавру зулми мирон,*
*Гардида мулк вайрон.*

*Љазир гаштан факирон.*

* * *

*Чӣ туфонай имрӯзо?*

*Даргирифт кӯҳу санго*

*Офтоб наздики моҳо.*

* * *

*Кӯҳо читу нолонай,*

*Офтоб гирифт зулмонай,*

*Охири зулм вайронай.*

**Хусусиятҳои шаклии сурудҳо.** Сурудҳои халқӣ шаклан гуногунанд, вале ин шаклҳо дар ифодаи мундариља аҳамияти махсус надоранд, бинобар ин хусусиятҳои жанриро акс намекунанд. Як қисми сурудҳои халқӣ дар шакли ғазал, қисми дуюм дар шакли мусаммати мураббаъ (шеъри ҳар бандаш чор-мисраъгӣ) эљод ёфтаанд. Сурудҳои лирикии дар шакли мусаддас эљодшуда нисбатан кам дучор мешаванд. Ин шакл, аз рӯи кор, бештар ба сурудҳои таърихӣ хос аст. Мусамматҳои бандашон шаш ё ҳафтмисраъгӣ (мусаддас ва мусаббаъ) ва як қатор шаклҳои дигар, ки мансуби адабиёти хаттӣ мебошанд, дар назми лирикии халқ, мавқеъ надоранд.

Як қисми сурудҳо таркиби нисбатан устувор дошта, аз миқдори муайяни бандҳои робитадори мавқеашон устувор иборатанд, ки љой иваз кардан ва ё ихтисор шудани банд ба маъно халал ва ба сохти суруд вайронӣ меоварад. Ин хусусият бештар ба сурудҳое хос аст, ки сюжете доранд. Сюжет банду басти матнро яклухт ва устувор мекунад.

Устуворӣ дар банду басти бисёр сурудҳо дар натиљаи силсилаи муайяни санъатҳои тасвирро дарбар гирифтани онҳо ва бо тақозои мавзӯъ ва мазмун ҳатмӣ будани истеъмоли ин санъатҳо ба амал меояд. Аз ин љиҳат дар сурудҳои халқӣ санъати такрор махсусан роли муҳим мебозад. Ба тавассути ин санъат одатан сохти ба худ хоси суруд ҳосил мегардад.

**Роли нақарот дар сурудҳо.** Аксарияти сурудҳои халқии тољикӣ ба воситаи нақарот ташкил ва тартиб меёбад. Ба воситаи нақарот қариб ҳамаи

сурудҳои тўй, мотам, суруди модарон - «алла», сурудҳои ишқї ва ҳаљвї, бадеҳа ва ғайраҳо шакл гирифтаанд. НақароТро муҳимтарин љузъи сурудҳои лирикии тољикї шуморидан мумкин аст.

Нақаротҳо аз љихати шакл, мазмун ва вазн басо гуногунанд. Ин гуногунї ба он мавқее, ки нақарот дар суруд дорад, ба он вазифае, ки он дар суруд иљро мекунад, алоқаманд аст. Дар замонҳои қадим, вақте ки бисёр сурудҳо аз нидою хитоби такрорёбанда иборат буданд, нақарот дар айни замон вазифаи матнро ҳам адо менамуд. Минбаъд, бо мурури инкишофи матни суруд нақарот шакли махсусро соҳиб шуда, дар суруд чї аз љиҳати маъно ва чї аз љиҳати вазн хизмати муҳиммеро ба зимма мегирад.

Шакли қадимии нақарот, ки аз маљмўи такрорёбандаи нидоҳо ва ё калимаҳои якхела иборат аст, дар сурудҳои маросимї боқї мондааст. Чунончї, сурудҳои мотам аз рубоиҳо ва порчаҳои машҳури шеърї: байт, китъа, дубайтиҳои маъмул тартиб меёбанд. Нақарот дар онҳо дар шакли нидоҳо ва калимаҳои људогона, монанди:

Ҳей, ҳей, ҳей, ҳей, ҳей,
Ой, ой, ой-ой-ой-ой.

Ё ки:

Гулумой, гулумой, гулумой,
Воҳ, балам, воҳ балам, воҳ балам,

омада, шиддати ғаму андўҳро равшан ва ҳаяљонбахш акс менамояд.

Тадқиқотчиён нақаротҳоро ба ду гурўҳ тақсим мекунанд: 1). Нақаротҳое, ки бо мундариљаи суруд алоқаи мантиқї надошта, барои ороиши суруд ва қувват додани таъсири он ба ҳиссиёти одамї хизмат мекунанд; 2). Нақаротҳое, ки як љузъи суруд буда, бо матн шаклан ва мазмунан алоқаи узвї доранд.

**Ќофия дар сурудхо.** Ќофиябандї дар сурудҳо асосан аз рўи хусусияти ин ва ё он намуди шеърї: ғазал, мухаммас, мураббаъ, маснавї ва монанди инҳо ба амал меояд, вале худи қофия, чун дар рубої, байт ва ашула на ҳамеша аз рўи қоидаҳои мустаъмали назми хаттї, яъне мутобиқати пурраи овозҳо ва

ҳарфҳои охири калимаҳои ҳамқофия такя мегирад. Аз ҳисоби ҳамоҳангї, шабоҳат ва љўршавии овозҳои дохилї мисраъ ҳосил шудани қофия ва ҳамаи навъҳои қофия, ки дар байту ашуллаву рубої мушоҳида кардем, дар сурудҳо низ љой дорад.

Ба ҳамин тариқ муҳимтарин хусусиятҳое, ки дар мундариљаи ғоявї ва услуби бадеии сурудҳо зоҳир мегарданд, сурудро аз рубої, байт, ашула ва бадеҳа барин жанрҳои лирикаи халқї фарқ мекунонанд.

Ба ҳамин тариқа, сурудҳо шаклан ва мазмунан ба он вазифае, ки дар назди омма адо мекунанд, мувофиқ шудаанд. Суруд барин жанре, ки бо назми китобї алоқаи васеъ дошта, таъсири ин назмро аз дигар жанрҳо дида зиёдтар қабул кардааст, дар замони мо, љои худро торафт бештар ба эљодиёти аҳли қалам дода истодааст.

**Савол ва супоришот:**

1. Доир ба мазмуну мундариљаи ғоявии сурудҳо маълумот диҳед.
2. Оиди сурудҳои шодї, ҳаљв ва ғаму андўҳ маълумот диҳед.
3. Мавзўъ, ғоя ва шакли сурудҳои таърихї
4. Мавқеи нақарот ва қофия дар сурудҳои халқї

Мавзўи **12** **Маърўза 2 соат**

## БАДЕҲА

**Наќша:**

1. Хусусияти жанрї ва тарзи иљрои бадеҳа
2. Мавзўъ, ғоя ва шакли шеърии бадеҳа
3. Шаклҳои гуногуни шеърї – ғазал, рубої, мусаммати мураббаъ ва дуюайтї бунёди бадеҳа
4. Бадеҳаҳои халқї ва китобї

**Мафњумњои асосї:** *хусусияти жанрї, иљрои бадеҳа, шакли шеърии бадеҳа, мавзўъ ва ғояи бадеҳа, бадеҳаҳои халқї ва китобї*

**Хусусияти жанрии бадеҳа ва тарзи иљрои он.** Бадеҳа суруди ҳазломезу шўхест, ки аз гуфтугў фароҳам омада, мавзўъҳои мансуби ҳодисаҳои ќобили ҳаљву мазохро дар бар мекунад ва дар иљрои худ иштироки бештар аз як нафарро талаб намуда, ҳатман дар саҳна, дар ҳузури тамошобин бо раќсу бозї сароида мешавад. Ба сабаби он, ки аксарияти бадеҳаҳо дар мавзўъҳои ишќ бо оҳанги ҳазлу шўх  гуфта шудаанд, инҳоро сурудҳои ишќии ҳазломез низ номидан мумкин аст. Р.Амонов дар китоби «Лирикаи халќии тољик» доир ба жанри бадеҳа сухан ронда чунин иброз медорад:  «Маъсумї аз хусуси вазифаи ин гурўҳ сурудҳо сухан ронда, ќайд мекунад, ки «бадеҳаҳо рўҳияи хурсандиро ба амал меоваранд, зеро аксарияти онҳо мазмунан ба ишќу муҳаббати љавонї бахшида шудаанд»[1]. Дар мавриди ба эътибор гирифтани тарзи иљрои бадеҳа ин масъала ба хубї равшан мегардад.

Бадеҳа, одатан, аз тарафи ду кас дар маъракаҳои хурсандї: тўю зиёфат, яъне дар ҳузури тамошобинон, дар «саҳна» иљро мешавад. Иљрокунандагон бояд зану мард бошанд, яъне иљрои бадеҳа як лавҳаи драмавиест, ки манзараҳои мулоќоти дилдодагон, муносибатҳои оилавї, талошу мољароҳои ишќию маиширо муљассам менамояд. Дар иљрои бадеҳа раќс ва ҳар гуна ҳаракатҳои шавќовару сурурангез, ишораҳои маънидор ба воситаи чашму абрўю даст ва ҳаракати пайкар ва мусиќии шўх љихати ҳатмї ба шумор меравад.

Дар гузашта, чун дар драмаҳои халќї, роли занро марди бозингари ширинкор адо менамуд. Либоси занона пўшида, дар ҳаракат ва овоз ба занҳо таќлид намудани мардон хандаву ҳазлу шўхиро ќувват медод.

Дар яке аз бадеҳаҳои халќї духтаре дар љавоби саволҳои падараш либосу пойафзол хостани худ ва сазовори зару зевар будани гўшу дасту ангуштонашро раќскунон бо таманнову нозу ишва намоиш медиҳад. Дар бадеҳа ҳар сухан љилваи ҳаракати пайкар, нигоҳ ва дасту пою бозувонро таќозо мекунад:

[1] Амонов Р.Лирикаи халќи тољик. –Душанбе, 1968, саҳ. 340

Падар: Куљо меравї, бибиљон?

Куљо меравї, бибиљон?

Духтар: Бозор меравам, отаљон.

Бозор меравам, ҳой, ҳой.

(Духтар тарзи бозорравиро рақскунон намоиш медиҳад)

Падар: Чиҳо мехарї, бибиљон?

Чиҳо мехарї, бибиљон?

Духтар: Рўмол мехарам, отаљон,

Барои сарам, ҳой-ҳой.

(Духтар чї хел ба сар бастани рўймолро нишон медихад)

Падар: Чї тар, чи тар, мендозї?

Чї тар, чї тар мегардї?

Духтар: Итар, итар мендозам,

Итар, итар мегардам...

Бадеҳаи мазкурро дар гузашта ду мўйсафед, яке ба сар рўймол партофта роли духтарро ва дигаре роли падарро иљро мекардаанд. Иљрокунандаи роли духтар ҳар як чизи мефармудагиашро бо ишора, имо ва ҳараматҳои дасту сару абрў нишон дода, ракс мекардааст ва ба назари тамошобин як саҳнаи шавқовар ба љилва меомадааст.

Иљрои ҳунармандонаи ҳар як бадеҳа ба саҳнаи дилчаспу шўрангез табдил мешавад. Ба ин сабаб аз рўзҳои аввали ба вуљуд омадани театр бадеҳахонї яке аз шавқовартарин номераҳои консертҳои ҳунармандон қарор гирифтааст.

**Мазмуни ғоявї ва санъатҳои бадеии бадеҳаҳо.** Бадеҳаҳо мазмунан гуногунанд. Н. Нурљонов, пеш аз ҳама, мазмуни лирикї доштани онҳоро таъкид карда ва аз ин нуқтаи назар ў бадеҳаҳои «Секинак», «Дълкоко» ва «Дари дарвоза»-ро таҳлил намуда, хулоса мебарорад, ки дар онҳо ба воситаи саволу љавоби ҳазломез аҳволи одамон ошкор мешавад[1]. Ин ақида дуруст аст, вале бояд илова намуд, ки бадеҳаҳои то асри XX воқеаҳои гуногуни ҳаёти шахсї ва љамъиятиро дахл кардаанд. Дар онҳо лаҳзаҳои шиносшавї,

[1] Нурджонов Н. История таджикского театра. –Душанбе, 1969, саҳ.87

баҳсу мунозира, бозию шўхї, шикояту эътироз, қаҳру ғазаб ва муносибати љавонон ба ин ё он ҳодисаи љамъият тасвир мешавад.

Як бадеҳа гуфтугўи пур аз ҳазлу шўхии байни духтару писарро ифода мекунад. Духтар мепурсад, ки оё у бародаре дорад.

Писар: Додараки хуб дорам,
Сағираи нокорї,
Эй духтар, туро пурсам,
Ҳељ молу ҳол дорї?

Писар ба саволи духтар дар бораи молу ҳолаш мегўяд, ки ба љуз «як буққаи кўри исқотию нокорї ва курпае аз пахоли шолї» чизи дигар надорад. Дар ин хел бадеҳаҳо дар хусуси урфу одатҳои номусоиди оиди никоҳу оила сухан меравад ва бо тамасхўру истеҳзо қайд шудани урфу одатҳои кўҳна, алалхусус талаби мол ба ивази духтар, мавриди хазлу ҳаљв қарор мегирад.

Бисёр бадеҳаҳо ҳаёти шахсии оилавї: муносибати модару духтар (ё падару духтар), додару хоҳар, љавону духтари ошиқ ва монанди инҳоро тасвир мекунанд. Дар онҳо одатан хоҳишу орзўи дили љавонон хеле пуршавқ, самимї ва табиї ифода шуда, ба шунаванда завқу сурур мебахшад. Мақсади ин бадеҳаҳо ҳам шунаванда (тамошобин)-ро хурсанд кардан ва дар димоғи ў хушию хуррамие ба вуљуд овардан аст. Духтараке дарди дили худро ба модараш арз мекунад.

*Духтар:* *Дълкоко дорум, оча,*
*Дарди дил дорум, оча.*
*И дардаке ма дорум,*
*Охир мемурум оча.*

Модар ба ў рўймол харидані мешавад, духтар рад мекунад:

*Бозорум нарав, оча,*
*Румолум нахар, оча,*
*Дар саракум намепоя,*
*Дълкокома намеброра.*

Модар курта, гўшвор, кафш ва ғайра гирифта додані мешавад, духтар қабул намекунад. Ниҳоят, модар ба вай шавҳар таклиф мекунад. Духтар хурсанд мешавад.

Чунон ки мебинем, образҳои ин гурўҳи сурудҳои халқї дилчасптарин љиҳатҳои феълу атвори одамї: майл ба шўхию бозї, нозу таманно, хазлу мазоқи мароқангез ва ғайраро таљассум кардаанд.

Як хусусияти дигари бадеҳа зимнан далели қадими будани ин жанр шуда метавонад. Шеъру суруд дар давраҳои қадим бадеҳатан эљод мешуд ва дар он нисбат ба дигар унсурҳои шеърї, алалхусус вазну қофия, оҳанг ва савту наво аҳамияти бештаре дошт.

Ин хусусият дар бадеҳаҳо, аз љумла, дар ҳамон бадеҳаи машҳури «Шоҳдухтар» мушоҳида мешавад, ки иљрояшро устод С Айнї дар романи нахустини худ «Дохунда» бо шавқи тамом тасвир карда, аз забони қаҳрамонони асосии роман, ду нафар фарзандони деҳоти тољик Ёдгор ва Гулнор якчанд бандашро зикр намудааст.

Дар бадеҳа оғоз, инкишоф ва хатми воқеа, зуҳурот ва вусъати зиддият маҳз ба воситаи гуфтугў (диалог) сурат мегирад. Гуфтугў барои падид овардани кайфият ва ҳасби ҳоли одамї, шавқу мароми ў аҳамияти хос дорад. Аз ин рў, пайваста суръат гирифтан ва диққатангез шудани он шарт аст, ки ба ин бо саволу љавоб ва ё хитобан ва бо таъкид изҳор ёфтани фикр ёрї мерасонад.

***Савол ва супоришот:***

1. Доир ба хусусияти жанрї ва тарзи иљрои бадеҳаҳа маълумот диҳед.
2. Мавзўъ, мазмун ва мундариљаи ғоявии бадеҳаҳо маълумот диҳед.
3. Шаклҳои гуногуни шеърї – ғазал, рубої, мусаммати мураббаъ ва дубайтї бунёди бадеҳа
4. Аз бобою момоҳоятон ва пиронсолони деҳаатон бадеҳаҳои халқиро навишта гиред.

Мавзўи **13** **АШУЛАҲОИ ХАЛЌЇ** **Маърўза 2 соат**

**Нақша:**

1. Хусусияти жанрї ва таърихи омўхта шудани ашулаҳо
2. Таърихи пайдоиши ашулаҳо
3. Мавзўъ, мазмун ва ғояи ашулаҳо
4. Умумият ва фарқияти ашула аз дигар шаклҳои лирикаи халқ
5. Банду баст, вазну қофия ва услуби ашулаҳо.

**Мафњумњои асосї:** *ашулаҳои халқї, ғояи ашулаҳо, мавзўи ашулаҳои халқї, фарқи ашулаҳои халқї аз шаклҳои лирикаи халқ, банду басти ашулаҳо*

**Хусусияти жанрї ва таърихи омўхта шудани ашулла**. Агар дар ноҳияҳои марказї ва љанубии Тољикистои намуди асосии сурудҳои лирикии халқї рубої дар саргаҳи Зарафшон байт бошад, дар ноҳияҳои шимолї ва

инчунин дар маҳалҳои тоҷикнишини вилоятҳои Фарғона, Тошканди ватани соҳибистиқлоламон Ўзбекистон сурудҳое зиёд паҳн шудаанд, ки аз чор мисраи кўтоҳ тартиб ёфта, шаклан ба машҳуртарин жанри назми даҳанакии халкии рус – частушка ва ба қўшиқҳои ўзбекї шабоҳат доранд.

Умуман ин хел сурудҳои оддие, ки бо сохт ва як қатор хусусиятҳои худ назми давраҳои қадимро ба хотир оварда, дар айни замон дар ҳамаи давраҳои минбаъдаи таърихї фикру ҳисси оммаро ифода карда, тадриҷан инкишоф ёфта омадаанд, дар фолклори бисёр халқҳо мушоҳида мешаванд.

То солҳаи охир ин ҷузъи муҳимми назми лирикии тоҷик на танҳо омўхта намешуд, балки ҳамчун як жанри мустақил вуҷуд доштани он ҳатто эътироф нагардида буд. Гарчанде ки аз «Намунаи фолклори тоҷик» (1938) сар карла, дар ҳамаи маҷмуаҳои фолклорї намунаҳои ин жанр нашр мешуд, ҳеҷ яке аз тартибдиҳандагон ба фарқ доштани ин намунаҳо аз дигар намудҳои назм аҳамият надодаанд ва ишорае накардаанд. Дар як маҷмўа онҳоро ба қисми таронаҳо, дар маҷмўаи дуюм ба қисми сурудҳо ва дар маҷмўаҳои сеюм ба қисми рубоиҳо дохил менамуданд ва баъзе тадқиқотчиён онҳоро «чорбайт» ҳам номидаанд.

Сабаби чун жанри махсус аз мадди эътибири нашркунандагони асарҳои фолклорї сокит мондани ин қабил сурудҳоро академик Р.Амонов чунин медонад, ки «пеш аз ҳама, ба дуруст ҷамъ карда нашудани фолклори Хуҷанд в.а тоҷикони маҳалҳои тоҷикнишини Ўзбекистан вобастагї дошт. Солҳои 1961-1965 ба туфайли экспедитсияи фолклории Институти забон ва адабиёт аз он маҳалҳо намунаҳои фаровони ин сурудҳо ба даст омад»[1].

Маълум шуд, ки ашулаҳо аз ҷиҳати бо ҳаёти мардуми шаҳр низ алоқаи зич доштани худ аз байту рубої фарқ мекунанд ва ин ҳодиса ба мавзўъ ва мундариҷаи онҳо бетаъсир намондааст. Дар гузашта дар байни аҳолии шаҳрҳо, махсусан дар байни ҷавонон шахсоне, ки якчанд ашула надонанд, кам дучор мешуданд. Ашулаҳоро ҳар кас, ҳар гоҳ, ки майл пайдо мекард, мехонд. Дар маъракаҳо, гаштакҳо, сўҳбатҳои гуногун ва ҳатто дар маросими

[1] Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. –Душанбе, 1968, саҳ. 251

тўй ашулахонї расм буд. Дар рўзҳои иди Наврўз дар идљойҳо-дар майдонҳои сабзу хуррам духтарону љавонон гурўҳ-гурўҳ шуда, давра гирифта, рақсу бозї мекарданд ва одатан дойра зада ашула мехонданд. Ашулаҳо аз љиҳати оҳанг шўху сабук буда, барои бо савтҳои рақсї иљро кардан мувофиқтарин намуди сурудҳои халқї ба шумор мераванд. Рўзҳои ид духтарон гурўҳ-гурўҳ ба хонаҳои наварўсон рафта, баъди таому калом бо навбат ва ё якчанд нафар ҳамовоз шуда, бо оҳанги рақс ашула хонда, арўсро хурсанд мекарданд, ки як қисми ашулаҳои онҳо навбаромад буда, тозатарин ҳодисаҳои ҳаёти шаҳр ё деҳаро акс менамуданд. Аз рўи кор, бисёр ашулаҳо маҳз дар вақти сайру гашти идонаи љавонон бадеҳатан эљод мегардиданд.

Духтарону занони дузандаву бофанда дар сари кор дар вақте дар љое љамъ шуда, ба тоқї ё рўймолдўзї машғул шудани худ, дар сари чархи ресмонресї ё дўкони бофандагї низ ба ашулагўи машғул мешуданд ва ба воситаи ашула ба ҳамдигар дарди дил мекарданд. Ашулаҳои зерин эҳсосоти маҳз дар ҳамин хел мавридҳо тавлидшударо инъикос менамоянд. Хоҳареро рафтори зани акааш ба дод овардааст:

Румол духтам гулинор,
Замин гирад рангу бор.
Хони духтардор сўзад,
Акома кардас абгор.

Дар бозор нархи ресмон боло рафтааст, тезтар ресмон тайёр кардан лозим аст:

Чарх гардону чарх гардон,
Чархама тезтар гардон!
Аз бозор хабар омад,
Чореке ресмон як ман нон!

**Оид ба таърихи пайдоиши ашула.** Аз рўи баъзе фактҳо инчунин тахмин кардан мумкин аст, ки ашула қадимтарин намуди назми даҳанакии халқи тољик аст. Ба ин, аввалан, ниҳоят оддї будани шакли ашула, услубан мутобиқат кардани он ба психологияи мардумони замонҳои қадим, ки банду

басти сурудҳояшон ниҳоят оддї ва сабук буд ва сониян, як суруди тољикии дар аввали асри XIII эљодшуда, ки шаклан ба ашулаҳои имрўза хеле монандї дошта, дар «Таърихи Табарї» ва дигар китобҳои қадима зикр ёфтааст[1], гувоҳи медиҳад. Он суруд ба муносибати аз Хатлон (Кулоби имрўза) ронда шудани лашкари араб гуфта шуда будааст:

Аз Хатлон омадия,
Ба рўй табоҳ омадия.
Обор боз омадия,
Хушангнтор омадия!

Дар байни ашулаҳои љамъшуда нусхаҳоеро дучор мекунем, ки ба ин суруд шабоҳат доранд:

Аз деҳи боз омадаем,
Бо суру соз омадаем.
Бо куртаи карбосї,
Бо нозу роз омадаем.

Яке аз фолклоршиносони машҳури рус академик Ю. М. Соколов дар частушкаҳо фавран акс ёфтани тағъирёбиҳои босуръати зиндагиро ба эътибор гирифта, онҳоро кинематографи даҳанакї (словесный кинемотограф) номидааст. Ин суханонро ба ашулаҳои тољикї низ нисбат додан мумкин аст.

Мавзўи аксарияти ашулаҳо ишқ аст. Агар ин гурўҳ ашулаҳо мувофиқи мазмун яке аз паси дигар оварда шаванд, дар онҳо чун дар байту рубої ва ё частушкаҳои русї «таърихи ба худ хоси муҳаббати бузурги инсониро бо тамоми шодию ғамаш, аз мулоқотҳои нахустин, шиносої, тавлиди ҳис сар карда, то љашни арўсї ва ё фироқ мушоҳида кардан мумкин аст»[2]. Бисёр ашулаҳо шавқу шодиро аз дидори ёр, аз хислатҳои дилчаспу суханони ширини ў, аз ҳусну љамолу лутфу меҳрубонї падид меоваранд, дар онҳо шавқу орзуи љавонон, майлу хоҳиш, ҳасби хол, азобу изтироби онҳо ба таври васеъ тасвир ёфтааст.

---

[1]В.Асрорї, Р.Амонов. Эљодиёти даҳанакии халқи тољик. -Душанбе, 1980, саҳ. 141
[2] Ҳамон асар, саҳ. 253

Дар ашулаҳо ба фољиаҳои гуногуни хоси ҳаёти љавонону духтарон ишораҳо меравад. Як ашула ба љои бад, ашулаи дигар ба шахси маъюб, ашулаи сеюм ба шавҳари пир, ашулаи чорум ба бангї. ашулаҳои дигар умуман ба шавҳари номуносиб дода шудани духтарро қайд мекунанд. Оҳанги гуфтор дар ин ашулаҳо раҳмгинона ва таассуфангез буда, ҳисси дили ашхосеро падид меоварад.

Дар байни ашулаҳо асарҳое гурўҳи алоҳидаро ташкил медиҳанд, ки дар бораи камбағалї гуфта шудаанд. Аз сурудҳои ошиқони камбағал ё муљаррадони бепулу мол, ки аз толеи бади худ шикоят мекунанд, ҳузну ноумедї ва азоби рўҳї зоҳир мешавад.

Гули зарди заъфарун,
Ранги ёри ман хазун.
Аз барои бечизї,
Ҳама рўз дилам вайрун.

Ашулаҳое, ки дар фироқи падар, бародар, хоҳар, духтар ва ғайраҳо гуфта шудаанд, каму беш дучор шаванд ҳам, вале мазмунан аз байту рубоиҳои оиди мавзўъҳои ғарибї, људої, ва мусофирї тафовутҳо доранд. Дар онҳо манзараҳои видоъ, лаҳзаҳои сафар, азоби роҳ, машаққатҳои мулкҳои бегона, марг дар ғарибї ва ин гунаҳо тақрибан акс наёфтааст.

Ќаҳрамони лирикии бисёр ашулаҳо, ки духтаронанд, бо баъзе хислатҳои худ аз қаҳрамони лирикии як қисми байту рубоиҳо фарқ мекунанд. Онҳо майлҳои озодихоҳї, итоат накардап ба урфу одатҳо, нотарсї ва љасорат аз худ зоҳир карда, дар бораи қадру қиммати худ бо овози баланд сухан меронанд.

«Дадо» гўям «ҳа» гўед,
«Духтари дадо» гўед.
Ман ба зўрї намерам,
Хотиртона љамъ доред!

Дар ашуллаҳо бисёр ҳодисаҳои хоси зиндагии гузашта, ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти шахсї, оилавї ва љамъиятї тасвир шуда, љиҳатҳои гуногуни

муносибатҳои байни одамон, махсусан байни љавонон фикру орзу, љаҳонбинї, тарзи зиндагї ва рўҳияи онҳо инъикос ёфтааст.

**Банду басти ашулаҳо.** Ашулаҳо хурдтарин сурудҳои чормисрагии халкқї буда, аз байту рубої бо кутоҳии мисраъҳои худ низ фарқ, мекунанд. Мисраъҳои ашулаҳо асосан ҳафтҳиљої буда, танҳо баъзан аз панљ-шаш ва ё ҳашт ҳиљо иборат мешаванд.

Ќофия дар ашулаҳо яке аз унсурҳои ҳамеша риояшаванда ба шумор равад ҳам, бисёр вақт он ниҳоят oддї буда, дар асоси феълҳо, бандакљонишинҳои фъълї ва ё дар натиљаи дар интиҳои мисраъҳо ҳамоҳанг шудани садонокҳо ба амал меояд. қофияҳои мукаммал дар ашулаҳо нисбатан кам дучор мешаванд, ки ин ҳодиса ба намуди ибтидої ва соддатарини назм тааллуқ доштани ашулаҳоро бори дигар нишон медиҳад.

**Савол ва супоришот:**

1. Жанри ашула ва моҳияти он.
2. Доир ба мазмуну мундариљаи ашуллаҳо маълумот диҳед.
3. Оиди пайдоиши ашулаҳо нақл кунед.
4. Фарқи жанри ашула аз дигар жанрҳои лирикї
2. Аз куҳансолони деҳаатон ашулаҳои халқиро навишта гиред.

Мавзўи **14**

## ЭПОСИ ХАЛҚИИ ГЎРЎЃЛЇ

**Маърўза 2 соат**

**Наќша:**

1. Мафњуми луѓавї ва истилоњии достон
2. Хусусияти жанрии эпос
3. Таърихи љамъоварии Гўрўѓлї ва дараљаи омўзиши он.
4. Мавзўъ, сужет, образ ва мундариљаи ѓоявии достон
5. Мактаби Гўрўѓлихонї, маќоми сароянадагони номї дар анъанаи достонсарої.
6. Ѓояњои ватандўстї, мењнатдўстї, ќањрамонї, озодихоњї ва адолатхоњї дар достон.

**Мафњумњои асосї:** *Гўрўғлї, достони қаҳрамонї, эпоси халқї, меҳнатдўстї, ватандўстї, қаҳрамонї, анъанаи достонсарої, мактаби Гўрўғлихонї*

**Хусусияти жанрии эпос.** Эпоси каҳрамонї асари эпикии бадеист, ки «дар замонҳои қадим, дар давраҳои муборизаҳои шадиди инсон барои ташкили оила ва мустаҳкаму барқарор кардани љамъияти падаршоҳї ба вуљуд омада, дар марҳилаҳои баъдинаи тараққиёти таърихї корномаҳои фарзандони беҳтарини халқро барои зиндагии озодона ва ҳимояи ватан акс карда омадааст»[1]. Эпоси қаҳрамониро мардуми оддї эљод карда, дар он муроду мақсад ва орзўю умедҳои худро ифода намудааст. Эпоси қаҳрамонї

[1] В.Асрорї, Р.Амонов. Эљодиёти даҳанакии халқи тољик. –Душанбе, 1980, саҳ. 242

ҳамчун жанр хусусиятҳои хос дорад. Ќаҳрамони онро на сеҳру љодуву тилисм ё ашёҳои сеҳрангез (чун дар мифҳо ва афсонаҳо), балки далерї ва иқтидор ба муроду мақсадаш мерасонад, бинобар ин дар он аз ақидаи қадимї дар бораи он, ки бунёди ҳар як қувва сеҳру љоду аст, осоре дида намешавад. Ҳамаи корномаҳое, ки ў дар задухўрдҳо нишон медиҳад, аз фазилатҳои инсонї ва қувваи љисмонии ў сар мезанад, шуљоат ва љавонмардї муҳимтарин љиҳати хислати ўро муљассам менамояд. Хислати дигари баҳодурон – қаҳрамонони эпос аз он иборат аст, ки муборизаи шахсии онҳо муборизаҳои коллективҳои љамъиятиро ифода мекунад, яъне дар шахси онҳо гурўҳи муайяни љамъиятї ташхис меёбад.

Эпоси халкї яке аз сарчашмаҳои муҳими асари бузурги Абулқосим Фирдавсй «Шоҳнома» қарор гирифтааст, ки дар шахси қаҳрамонҳои он муборизаи қувваҳои некї љамъият бар зидди Аҳриман, Заҳҳок, девҳо таљассуми қувваҳои бад ба таври васеъ акс ёфтааст.

Дар адабиёти китобї ва дар байни халқ бо номи «Шоҳнома», «Абумуслимнома», «Самаки айёр», «Љомеъ-ул-хикоёт», «Ҳазору як шаб» ва инҳо барин як силсила асарҳои эпикии қаҳрамонї ба вуљуд омада буданд, ки аз тарафи қиссахонҳо ва ровиён дар маъракаҳои мардум хонда мешуданд. Вале ҳамаи ин китобҳо бо вуљуди асоси фолклорї доштани қисми асосии сюжет ва образҳои худ, бо вуљуди хусусиятҳои забони зиндаи гуфтугўиро ба таври фаровон дар бар кардани услуби баёнашон ба эљоди аҳли қалам тааллуқ доштанд ва ба ин сабаб ба адабиёти китобї мансуб дониста мешаванд.

Машҳуртарин эпоси қаҳрамонии халқи тољик, ки даҳанакї эљод шудааст, «Гўрўғлї» («Гургулї», «Гурғулї») мебошад, ки дар он сарзамини афсонавии Чамбули Мастон ва ҳаёту корнамоиҳои беназири  баҳодурони он тасвир  мешавад. Чамбули Мастон, ки макони одамони ватанпарвари озоду озодихоҳ аст, маҳсули хаёлоти мардуми љафодида буд.

«Гўрўғлї» эҳтироми халқро ба зан, ба модар, майлу рағбати онро ба ташкили оилаи баробарҳуқуқ, муҳаббати онро ба фарзанд ифода мекунад,

ҳаёти осоишта, дўстї ва рафоқатро тарғиб менамояд, зулм, хиёнат ва худбиниро маҳкум месозад.

**Таърихи љамъоварии «Гўрўғлї».** «Гўрўғлй» ҳанўз дар оғози солҳои сиюм диққати ходимони аввалин муассисаи илмии  Академияи Фанҳоро ба худ кашида буд. Барои омўхтани эпос ба як қатор маҳалҳо экспедитсияҳо ташкил карда шуда буд. Натиљаи кори ин экспедитсия дар мақолаҳои А. Н. Болдырев љамъбаст шудааст. А. Н. Болдырев бо номи «Гўрўрлї» мављуд ва ба таври васеъ маъмул будани як силсила достонҳои қаҳрамонии халқиро маълум карда, ба як қатор масъалаҳои муҳимми тадқиқи ин асарҳо дахл менамояд. Ў қайд мекунад, ки эпоси мазкур осори зиндагии давраҳои гузашта ва хусусиятҳои қадимии забони тољикро нигаҳ доштааст. Достонҳои манзуми эпос махсусан дар байни тољикони ноҳияҳои љанубї ва маркази республикаи Тољикистон ва бештар аз ҳама дар ноҳияҳои Кулоб паҳн шуда, дар ин љойҳо бисёр гўрўрлихонҳои забардаст вомехўранд. Достонҳоро бадеҳатан иљро мекунанд, бинобар ин бе истеъдоди шоирї ин ҳунарро аз худ кардан ғайри имкон аст. Эпос вазни махсус дошта, ин вазн бо оҳанги мусиқа маҳкам алокаманд аст. «Хусусиятҳои асосии ҳаљми (яъне вазни) тољикии «Гўрўрлї» иборат аз он аст, ки мегўяд А. Н. Болдырев,- ин ҳаљм фақат дар вақти бо дутор хондан зоҳир шуда, таъсир мерасонад. Шеър дар вақти ба таври наср ва ба аккомпанемент хонда шудан ҳаљми худ, асоси вазни худро гум мекунад»[1].

Охирҳои солҳои чилум гўрўрлихони машҳури ғармї Ќурбон Љалил бо даъвати Иттифоқи нависандагон ба Душанбе омад. Шоирон Мирсаид Миршакар ва Боқї Раҳимзода аз ў як қатор достонҳои «Гўрўрлї»-ро навишта гирифта, ба нашр тайёр карданд. Солҳои 1941-1942 аввалин маљмўаҳои достонҳои «Гўрўрлї» дастраси хонандагон ва аҳли илм гардиданд.

Соли 1948 гўрўғлихони машҳури обигармї Ҳикмат Ризо ва баъди ў гўрўғлихони ғармї Одина Шакар ба Институти таърих, забон ва адабиёт даъват шуданд. Кормандони Институт аз Ҳикмат Ризо дар давоми бештар аз

[1] Ҳамон асар, саҳ. 243

ним сол 34 достони «Гўрўғлї»-ро навишта гирифтанд, ки бештар аз 100 ҳазор мисраъро ташкил медиҳад. Репертуари навишташудаи Одина Шакар бошад, аз ҳазор мисраъ иборат аст. Дар ибтидои солҳои шастум шўъбаи навташкилшудаи фолклори тољик дар ҳузури Институти забон ва адабиёт гирдоварии «Гўрўғлї»-ро яке аз вазифаҳои дарањаи аввали худ қарор дод. Кормандони шўъба репертуари се гўяндаи сарихосорї Ќурбоналї Рањабро ба ҳачми 60 ҳазор мисраъ, Хақназар Кабудро ба ҳањми 55 ҳазор мисраъ ва Забиров Талбиро ба ҳањми бештар аз 60 ҳазор мисраъ навишта гирифтанд. Дар зимни ин дар давоми кори экспедитсияҳои фолклорї аз бисёр гўрўғлихонҳо достонҳои њудогона навишта шудааст ва овози як қатор ињрокунандагони эпос ба лентаи магнитофон сабт гардидааст.

Нашриёти «Ирфон» солҳои 1962—1963 иборат аз ду њилд мунтахаби репертуари Қурбоналї Рањабро ба ҳањми 30 ҳазор мисраъ нашр кард, ки он соли 1966 бо ҳуруфоти махсус дастраси нобиноён карда шуд.

Соли 1975 нашриёти мазкур мањмўаи нави достонҳои «Гўрўрлї»-ро аз репертуари Ҳақназар Кабуд чоп кард.

**Гўрўғлихонї ва мактаби гўрўғлихонҳо.** Тадқиқот ва њустуњўйҳои бисёрсола нишон дод, ки эпоси қаҳрамонии «Гўрўғлї-» бештар аз ҳама дар ноҳияҳои Кулоб ва қисман дар ноҳияҳои Ѓарм паҳн шудааст.

Дар маҳалҳое, ки мардуми Ѓарму Кулоб истиқомат доранд, анъанаҳои гўрўғлисарої то имрўз барқарору бардавом буда, гўяндаҳои «Гўрўғлї» ҳанўз гули сари сабади маъракаҳои мардум буданд ва маъракае, ки дар он гўрўғлигўї ҳузур дорад, диққати аҳли маҳалларо ҳатман ба худ мекашад. Гўрўғлигўе агар аз ягон њои дигар омада монад, меҳмони дилхоҳ ва азизи мардум мегардид.

Номи эпосро мардум бештар дар шакли «Гўрғулї», «Гургулї», «Гўрўғлї» талаффуз мекунанд. Эпоси « Гўрўғлї» як силсила достонҳоро дарбар мегирад, вале мардум ба њои достон аксаран калимаи «банд» ва қисман калимаи «шоха»-ро истеъмол мекунанд.

Иљрокунандаи эпосро «гўрўғлигўй», «гўрўғлихон» ё фақат «гўянда» меноманд. Ба ў ҳељ гоҳ калимаҳои ҳофиз, бахшї, шоир, ки умуман дар забони тољикї маъмул буда, маънои сароянда ва эљодкунанда ва иљрокунандагони асарҳои халқиро низ ифода менамоянд, нисбат дода намешаванд.

**Мундариља ва қаҳрамонҳои эпоси «Гўрўғлї».** Сюжетҳои эпоси қаҳрамонии «Гўрўғлї» дар байни як қатор халқҳои Шарқ: озариҳо (ба номи **«Кёроглї»),** ўзбекҳо, туркманҳо, эрониҳо ва афғонҳо паҳн шудаанд.

Гўяндагони тољик сюжет, образҳо ва воқеаҳои маълуми ин эпосро истифода карда, дар заминаи анъанаҳои фолклори худ асари бузурге ба майдон овардаанд. «Гўрўғлї»-и тољикї бо бисёр хусусиятҳои худ давраи наверо дар тараққиёти ин эпос таљассум мекунад.

«Дар асоси эпоси тољикї,-қайд менамояд И. С. Брагинский,-дар ҳељ сурат достони «Кёроглї» қарор нагирифтааст, балки он тасвири шоиронаи ривояти қадимаеро дар бораи манзили саодати мардуми деҳқон дар шароити охирҳои асри миёна дар бар мегирад. Ба сифати ин манзил дар эпос «Чамбули мастон» тасвир мешавад, ки баҳодуронаш онро бо сардории Аваз аз ҳуљуми беинтиҳои беруна мудофиа мекунанд»[1].

Оре, дар ин эпос риояҳои эпоси қадимии тољикї инкишоф ва такмил ёфтааст. Орзуи пойдор намудани давлати мустақилу муттамарказ, ҳамон навъе ки «Шоҳнома»-и Фирдавсї низ собит мекунад, дар байни халқ беш аз пеш қувват гирифта омадааст.

Гўруғлигўйҳои тољик ба гўяндаҳои халқҳои ҳамсоя шарик шуда, ба образи Гўрўғлї, ки бисёр воқеаҳои дар эпос тасвиршуда ба фаъолияти ў марбут аст, обу ранги тоза илова кардаанд. Гўрўғлиро бештар «султон» гўён номбар мекунанд. Аммо дар эпос ин калима маънои фақат ҳоким, ҳукмфармо, соҳибсалтанатро ифода намекунад. Ин унвонест, ки халқ ба роҳнамо, ба доҳии худ додааст. Гўрўғлї, гарчи баҳодурзода асту маҳз ба туфайли паҳлавонї ва далерии худ ин унвонро сазовор шудааст, асосан ба

---

[1] Ҳамон асар, саҳ. 249

идора кардани мамлакат, нигоҳ доштан ва намоиш додани шукӯҳу ҳашамати назаррабои Чамбул машғул мешавад. Мудофиаи Чамбул ва нест кардани шоҳони золими ҳамсояро, ки ба Чамбул таҳдид мекунанд, баҳодурон Аваз ва фарзандони ӯ Нураливу Шералї ба зимма гирифтаанд. Ин хел дар атрофи як кас муттаҳид шудани баҳодурон, ба воситаи як маркази муттаҳидкунанда ба ҳам робита пайдо кардани сюжетҳоро дар фолклоршиносї сиклизатсия меноманд. Нишонаҳои сиклизатсия каму беш дар «Шоҳнома»-и Фирдавсї мушоҳида мешаванд. Дар эпоси «Гӯрӯғлї» ин хусусият хеле инкишоф ёфта, шакли муайяне ба худ гирифта, барои ба ҳам занљирбанд шудани достонҳои сершумори он хнзмат мекунад. Аваз, писарони ӯ, баҳодурони дигар – Аҳмаду Юсуф, ки низ аз қарибони Гӯрӯғлианд, бе ҳукму маслиҳати Гӯрӯғлї коре намекунанд, аз ҳар сафаре, ки баргарданд, аз натиљааш ӯро хабардор мекунанд. Ба ҳамин тариқа, дар ҳар достон номи Гӯрӯғлї зуд-зуд ба забон меравад.

Муаллифони китоби дарсї аз И. С Брагинский хислатҳои хоси қаҳрамони эпоси тољикиро иқтибос овардааст:

«Ќаҳрамонони эпикї тариқи иқтибос аз як эпос ба эпоси дигар «интиқол» намеёбанд. Ќаҳрамони эпоси тољикї-Гӯрӯғлї монанди Кёроглии озарї низ такрори прототипи воқеї-таърихї намебошад, дар зимни ин вай ҳамчун Гӯрӯғлии тољик назар ба Кёроглии эпоси озарї хусусиятҳои хоси худро дорад, чунон ки қаҳрамонони асарҳои эпикии ҳамаи халқҳо ин хусусиятро дороанд»[1].

Гӯрӯглї тољик аст, мисли он, ки Кёроглии арманиҳо арманист ва ӯ дар эпоси курдҳо курд аст. Ҳар кадоми онҳо хусусиятҳои миллии худро доро мебошанд.

Ѓайр аз ин, Гӯрӯғлї дар эпоси тољикї дар тафовут аз Кёроглии озарї қаҳрамони марказии эпос намебошаду љои худро ба Аваз баҳодури нотарсу беолоиш» додааст.

---

[1] Ҳамон китоб, саҳ 249

Гўяндаҳои тољик вобаста ба номи Гўрўғлї ва сарзамине, ки ў идора мекунад, вобаста ба Чамбул як силсила достонҳои наве ба вуљуд овардаанд. Ин достонҳо, албатта, дар заминаи анъанаҳои зинда ва эљодии халқ, ба вуљуд омада, эљодкунандагони онҳо сюжет, образ ва мотивҳои эљодиёти даҳанакии халқ, забони бой ва воситаҳои гуногуни тасвири бадеии фолклори тољикро ба таври васеъ истифода кардаанд.

Достонҳои «Гўрўғлї» муборизаи муттасилро барои ташкил ва мустаҳкам кардани оила инъикос мекунанд. Ин хусусият ҳатто дар достони аввали эпос ба хубї мушоҳида мешавад. Дар банди якуми репертуари Раљабов Ќурбоналї Гўрўғлї аз паи арўсе барои худ равон мешавад. Пеш аз сафари ў, яъне дар қисми аввали ин банд воқеаҳои зерин ба амал меоянд. Дар сарзамини туркман бародарон Алпомиш ва Аҳмадхон умр ба сар мебаранд. Онҳо Ҳилол ном хоҳар доранд. Рўзе Ҳилол ранљида, аз хонаашон баромада меравад:

Дар хуна як рўзе љанљол шид.
Ҳилола лат кардан, малол шид.

Ҳилол ба як деҳи дигар, ба хонаи Алї ном шахс рафта истиқомат мекунад. Соҳиби хона ўро аз қафо зани худаш пиндошта, бо себ мезанад. Духтар ҳомила мешавад, ва маргро аз зиндагї беҳтар медонад.

Дар гўр писаре аз ў таваллуд меёбад. Байтали тағояш Аҳмад ба кўдак шир медиҳад. Аз воқеа хабардор шуда, ба сари қабр буљулу мўҳра мебаранд. Кўдак ба буљул майл мекунад. Мефаҳманд, ки ў писар аст. Гўрўғлї ном медиҳандаш. Аҳмад ўро ба хонааш гирифта меорад ва ба бачагони аз худаш хеле калон ба осонї ғолиб омадани ўро мушоҳида карда, хурсанд мешавад, ки аз қувваи баҳодуронаи ў баҳраманд хоҳад шуд.

**Савол ва супоришот:**

1. *Дар бораи таърихи пайдоиши достонҳои халқӣ ва мақоми «Гўрўғлї» дар байни онҳо маълумот диҳед.*
2. *Љиҳатҳои ҳаётӣ ва афсонавии достонро гуфта диҳед.*
3. *Гўрўғлисароёни номии тољикро номбар кунед.*

*4. Образҳои асосӣ ва љойи воқеаҳои асарро гуфта диҳед.*

Мавзўи 15

## АФСОНАҲОИ ХАЛЌЇ

**Маърўза 2 соат**

**Наќша:**

1. Афсона – насри бадеии ќадимаи фолклори тољику форс
2. Жанри афсона ва намудњои он.
3. Маќоми афсона дар њаёти гузаштаи халќ ва инкишофи хаёлоти бадеии он.
4. Афсонањои сењрангез, тамсилї, ишќї-романтикї ва ќањрамонї мавзўъ, образ ва мазмуни иљтимоии онњо.
5. Таљассуми мубориза ќуввањои некї ва бадї (Њурмузд ва Ањриман, деву аждањо, Хай рва Шар) дар афсонањо
6. Инъикоси орзуву умедњои халќ дар афсонањо

**Мафњумњои асосї:** *насри бадеии халқӣ, афсонаҳои тамсилӣ, афсонаҳои сеҳрангез, афсонаҳои маишӣ, афсонаҳои ҳаљвӣ, афсонаҳои саргузаштӣ, афсонаҳои ишқӣ*

Афсона яке аз қадимтарин ва маъмултарин намуди эљодиёти даҳанакаии халқ мебошад. Афсонаҳое, ки ҳоло ҳам дар байни мардум ҳастанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки таърихи онҳо ба замонҳои қадим рафта мерасанд. Дар афсонаҳо ҳодисаю воқеаҳои бофтаю хаёлӣ ва саргузаштҳои аљоибу ғароиб тасвири худро ёфтаанд. Асоси онҳоро боварӣ ба ғалабаи қувваҳои некӣ бар бадӣ, љомаи амал пўшидани орзую умеди мардум, беҳтар шудани зиндагӣ, тарғиби накўкорӣ ва инсофу адолат, даъват ба мубориза барои озодии инсон ташкил медиҳанд.

Дар илми фолклоршиносии тољик зимни истилоҳи «афсона» як навъ асарҳо ҳикояҳои эпикии дар шакли наср ва ба таври шифоҳӣ эљодшудаи халкӣ, ки маъмулан мазмунҳои рамзию тамсилӣ, сеҳромезӣ ва саргузаштию маишӣ доранд ва сюжети онҳоро ҳодисаҳои бофтаю хаёлӣ ва тасвирҳои фантастикию ғайриоддӣ ташкил медиҳанд, дар назар дошта мешаванд. Вале

љой доштани ин гуна ҳодисаҳои бофтаю хаёлї ва тасвирҳои ғайриоддию аз ақл берун ҳаргиз маънои онро надорад, ки афсонаҳо аа унсурҳои ҳаётию воқеї маҳруму бебаҳраанд. Баръакс, дар онҳо аз хурдтарин масъалаҳои зиндагї сар карда, то муҳимтарин ҳодисаю руйдодҳои ҳаётї сиёсї, иљтимої, иқтисодї ва фарҳангии инсонҳои давраҳои гуногуни таърихї инъикос ёфтаанд. Халқ дар афсонаҳо дар бораи касбу кор ва талаботу дархостҳои дар пеш гузоштаи худ, инчунин дар хусуси муборизаҳои бар зидди қувваҳои зараровари табиат ва љамъият бурдааш, суханҳо мегўяд. Қариб ҳамаи афсонаҳо бо ғалабаи қувваи некї - бо пирўзии намояндаи халқи заҳматкаш ба охир мерасад, ки ин ифодаи ҳамон орзую ормонҳои аҳли заҳмат дар бораи зиндагии осудаю ором ва ба љои беадолатї пойдору устувор гардидани адлу инсоф мебошад. Гузашта аз ин дар афсонаҳо тарзи зиндагонї, муносибатҳои шахсию љамъиятї ва фаъолиятҳои меҳнатии одамон муфассалтар инъикос ёфта, ҳиссиёт, фикр ва андешаю љаҳонбинии оммаи халқ барљастатар љамъбаст гардидааст.

**Афсонаҳои тољикї дорои навъҳои гуногунанд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:** якум афсонаҳои тамсилї ё афсонамасалҳо; дуюм - афсонаҳои сеҳромез; сеюм - афсонаҳои ҳаётї-маишї ва чаҳорум - афсонаҳои ишкї-романтикї. Ин навъи афсонаҳо бо вижагиҳои хоси худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ки ин тафовут ғолибан дар тарзи инъикоси воқеаҳо, системаи образҳо ва дар истифодаи унсурҳои услубию воситаҳои тасвири бадеии онҳо эҳсос мегардад.

**Афсонаҳои тамсилї ё афсонамасалҳо.** Ин навъи афсонаҳо хеле қадимаанд ва яқинан бо таъсири ақидаҳои тотемистию анимистии одамон ба вуљуд омадаанд. Онҳо аксаран хусусияти рамзї доранд ва ба воситаи маљоз ва образҳои рамзї (дар сурати ҳайвонот, парандагон. ҳашарот, наботот ва ашёҳо) хислатҳои гуногуни инсониро бозтоб менамоянд. Масалан, рубоҳ, ки аз љумлаи ҳайвоноти ваҳшї аст, дар афсонаҳо ҳамчун рамзї макру фиреб, найрангу риёкорї, дуруғгўї, бевафої. ҳарисї, чашмгуруснагї ва назири инҳо амал мекунад. Гург бошад, ҳамчун рамзї гуливу нодонї, ҳамокат, кундзеҳнї,

содалавҳї, зудбоварї ва ғайра пеши назар меояд. Кўтохандешї, қадрношиносї, бераҳмї, љинояткорї ва ҳарисию баднафсї низ аз хислатҳои умдаи гурганд.

Дар афсонаҳои тамсилї боз як силсила ҳайвоноти аҳлию ваҳшї аз қабили шер, паланг, шағол, хирс, саг, харгўш, бузғола, мурғ, мурғобї, акка, каждум, мўрча, қурбоққа ва амсоли инҳо ба ҳайси персонажҳои асосї ширкат меварзанд, ки ҳар кадоме аз онҳо низ бо рафтор ва кирдори худ ин ё он хислати муайяни одамиро таљассум менамоянд. Чунончи, дар аксарияти афсонаҳо шеру палангу шағол ҳамчун рамзи бераҳмию хунхорї ва ҳарисию чашмгуруснагї, хирс ҳамчун рамзи танбалию коргурезї ва зуроварї, харгўш ҳамчун рамзи буздилию тарссончакї, саг ҳамчун рамзи садоқату вафодорї, мурча ҳамчун рамзи заҳматкашиву тифоқї, фароштурук ҳамчун рамзи дўсти одамизод ва каждум, ҳамчун рамзи бадкинї намудор мешавад.

Як љиҳати қобили мулоҳизаи афсонаҳои тамсилї ин аст, ки онҳо аксаран моломоли ғояҳои пандомўзианд. Хусусан, эҳсоси эҳтирому садоқат нисбат ба онҳое, ки меҳнатдўстї, ростию накўкорї, вафодорї, олиҳимматї ва дўстию бародариро пешаи худ қарор додаанд, аз ғояҳои асосии ин навъи афсонаҳо ба ҳисоб мераванд. Дар ин афсонаҳо рашку ҳасад, хиёнат ва инҳо барин хислатҳои зишту зарарнок, ки дар замири иддае аз персонажҳои асосии онҳо нуҳуфтаанд, низ маҳкум карда мешаванд.

**Афсонаҳои сеҳромез**. Ба ин силсила афсонаҳое мутааллиқанд, ки дар онҳо тасвири ҳодисаҳои бофтаю хаёлї, лаҳзаҳои ғайритабиї, фавқулодда ва корнамоиҳои аљоибу ғароиб љойгоҳи мумтозе доранд. Дар онҳо аксар вақт љодугарон ва махлуқҳои тахайюлию фавқуттабиа аз қабили дев, аждаҳо, парї, аспи болдор, рубоҳи заррин, мурғи сухангў, симурғ ва як силсила ашёҳои сеҳрнок, монанди гилеми худпар, ойинаи љаҳоннамо, дастархони неъмат, ангуштарин, шамшер, асо, сўзан, мўй ва ғайра амал мекунанд, одамон аз ҳолати одамиашон ба қолаби ҳайвонї даровarda мешаванд, ҳайвонҳо бо забони одамї гап мезананд ва аз худ ҳар гуна муъљизаҳо нишон медиҳанд.

Чунин ҳол, яъне љой доштани тасвирҳои хаёлию бофта ва дар образҳои фантастикї - тахаюлию типҳои мавҳум (абстракт) инъикос намудани ҳодисаҳо љиҳати ба худ хоси афсонаҳои сеҳромез буда, иддаои ба ҳаёти воқеї алоқаи мустаҳкам доштани онҳоро ҳељ гоҳ инкор намекунад.

Дар афсонаҳои сеҳромез тасаввуроту ақидаҳои қадимии одамон дар бораи некию бадї ва орзую умедҳои оид ба ҳаёти осудаю ором доштаи онҳо, ки ба анимизм, тотемизм, фетишизм, магия ва ғайра алоқаманданд, баён гардидаанд.

Қисми зиёди ин афсонаҳо хусусияти саргузаштї доранд ва қаҳрамонони онҳо аз паи иљрои вазифаҳои азиму шартҳои муҳим дар шаҳрҳою мамлакатҳои бегона ва дар кўху биёбонҳои пурхатару дурдаст оворагардї мекунанд, бо кўмаки ёрдамчиёни мўъљизакору вафодори худ ба осмон мераванд, ба зери замин медароянд, бар зидди дев. аждар ва кўрбарзангї барин махлуқҳои бадҳайбату фавқуттабиа ва инчунин ба муқобили подшоҳони золиму худсар ва дигар одамони маккору ҳарис мубориза бурда, бар онҳо ғолиб меоянд, асиронро аз зиндонҳо озод мекунанд, ба камбағалон ва хољатмандон ёрї мерасонанд ва ғайра.

Афсонаҳои сеҳромез мавзўъҳои гуногунро аз бар кардаанд. Вале ташкили оила ва пойдору устувор намудани бунёди он аз мавзўъҳои асосї ва хеле доманадори ин навъи жанри афсона аст.

**Афсонаҳои ҳаётї-маишї.** Ин афсонаҳо аз он љиҳат љолибанд, ки дар онҳо фикру андешаҳои иљтимої ва мафҳумҳои ахлоқии одамон равшантар ифода ёфта, масъалаҳои муҳимми шахсию љамъиятї ва муносибатҳои хаёти оилавї бештар ва барљастатар бозтоб мешаванд.

Амалиёт дар ин афсонаҳо на дар ким-кадом мамлакати дурдасти хаёлї ва манзилҳои мавҳум (абстракт), балки дар љойҳои муайяну мушаххас - ҳавлии бой ё мулло, дар хонаи деҳқони камбағал, дар муҳит ва шароитҳои муқаррарї ба миён омада, низ дар ҳамин гуна љойҳо ва муҳиту шароитҳо ба охир мерасад. Ба воситаи симоҳои иљтимої ва образҳои асосноку воқеї нишон додани муносибатҳои шахсию љамъиятии одам он ва ифода намудани

ҳиссиёт, љаҳонбинї, орзую умед ва мафҳумҳои ахлоқии табақаҳои гуногуни љомеа низ аз љиҳатҳои хоси ин қабил афсонаҳо аст.

Қаҳрамонони афсонаҳои ҳаётї-майшї, ки аксаран аз табақаҳои поёни љамъиятанд, одамони нисбатан фаъолу ташаббускоранд. Онҳо мушкилиҳои пешомадаро на бо ёрии кувваҳои ғайр ва ашёҳои мўъљизакору сеҳрнок, балки танҳо ба туфайли чусту чолокї ва зиракию ўҳдабароии худ бартараф намуда, ба мақсад мерасанд. Илова бар ин онҳо монанди қаҳрамонони афсонаҳои сеҳромез дар љустуљўи шоҳдухтари зебо ба сафарҳои дуру дарози пурхатар намераванд. ба тољу тахти подшоҳї соҳиб шуда, қасру боғҳои пурҳашамат намесозанд ва дар роҳи иљрои вазифаҳои азиму шартҳои муҳим бар зидди душманони фантастикї - дев, аждар, мори ҳафтсар ва кўрбарзангї барин махлуқҳои бадҳайбати бадбахтиовар мубориза намебаранд, баръакс мазмуну муҳтавои амалиёт ва вазифаи асосии онҳоро муборизаи зидди душманони реалї-иљтимої ва пойдору устувор гардонидани адлу инсоф дар ҳар љое, ки лозим аст, эҳтиво менамояд.

Қобили ёдоварист, ки дар як қисми калони афсонаҳои ҳаётї-майшї **ҲАЉВ** ва тасвирҳои ҳаљвии ҳодисаҳои зарарноки давраҳои гузашта мавқеи бузург дорад. Дар ҳаљви ин афсонаҳо на танҳо эътироз ва хашму ғазаби халқ нисбат ба ҳама гуна љабру зулми љисмонї ва маънавї баён ёфтааст, балки рўҳи оптимистї -орзую умедҳои он дар бораи ҳаёти хушбахтона низ ифода гардида аст. Ҳаљв ва тамасхўру истеҳзо хусусан дар силсилаи афсонаҳое, ки ба саргузашти машҳуртарин қаҳрамони мусбати ин афсонаҳо -кал алоқамананд ва дар онҳо золимї, фиребгарї, хасисї, беадолатї, муфтхўрї, дурўягї, бехирадї, бадахлоқї ва фосиқии намояндагони синфи ҳоким - подшоҳ, бой, қозї, мулло ва амсоли инҳо маҳкуму мазаммат карда мешаванд, басе пуркувват мебошад.

Аммо на ҳамаи афсонаҳои мавриди назар дорои ҳаљви иљтимоианд. Дар байни ин намуди насри шифоҳї асарҳое низ ҳастанд, ки дар оҳанги ҳаљвиёти онҳо ба љои тамасхўру истеҳзои тезу тунд ва писханду кинояҳои нешдор юмор-ҳазлу шўхиҳои нарму сабук падид омада, барои танкид

намудани гуливу нодонї, танбалию фориғболї, шитобкорї, зудбоварї ва дуруғгўию буздилї барин нуқсону камбудиҳои намояндагони људогонаи худи халқ, ки ин иллатҳо ва нуқсону камбудиҳо дар айни замон характери умумиинсонї доранд, хизмат мекунад. Вазифа ва ҳадафи ин навъ афсонаҳо, ки як гурўҳи махсусро ташкил медиҳанд ва силсилаи афсонаҳои марбут ба Лаку Пак аз ҳамин қабиланд, маҳз аз ислоҳ намудани нуқсонҳои номбаршудаи халқ иборат асту бас.

**Афсонаҳои ишқї-романтикї.** Ин гурўҳи афсонаҳо низ дар силсилаи асарҳои насрии халқї љойгоҳи намоёнро ишғол менамоянд. Гурўҳи мазкур аз нуқтаи назари мавзўъ, образ ва истифодаи унсурҳои услубї ва воситаҳои тасвири бадеї ба афсонаҳои ҳаётї-маишї шабоҳати зиёд доранд, яъне дар онхо низ тарзи зиндагонї ва муносибатҳои шахсию љамъиятии одамон, ҳиссиёт, љаҳонбинї ва мафҳумҳои ахлоқии табақаҳои гуногуни љомеа на дар образҳои хаёлию бофта ва типҳои мавҳум, балки дар симоҳои иљтимої ва образҳои асосноку воқеї ба тасвир омадаанд. Асоси мундариљаи ин навъ афсонаҳоро низ мавзўъҳои иљтимої ва масъалаҳои муҳиме, ки дар заминаи ҳаёти воқеии љамъият ба миён омадаанд, ташкил медиҳанд. Дар ин қабил афсонаҳо асосан муҳокимаю баррасии мавзўъҳои марбут ба ишқу ошиқї, тараннуми муҳаббати поку самимии инсонї ва талошу љонфидоиҳои дилдодагон дар роҳи ташкили оила ва зиндагонї якљояи заношўї мавқеи устуворе дорад. Воқеаҳое, ки дар ин гурўҳ афсонаҳо васфу ситоиш меёбанд, яке аз дигаре дилработару ҳаячонбахштаранд. Дар афсонаҳои мазкур изҳори ишқ, дарди дил ва мақсаду мароми дилдодагони кўи ишқ-ошиқон ва маъшуқаҳои некниҳоду покният аксаран тавассути суруду таронаҳо ва дубайтиҳои дилнишину хотирмон ба зуҳур меоянд. Истифодаи чунин асарҳои ошиқонаи манзум нақли афсонаро ба саҳнаи драмавии шавковар табдил медиҳад ва муҳтавои онро ғанї мегардонад.

Афсонаҳои ишқї-романтикї, ки «Тоҳир ва Зўҳро», «Фарҳоду Ширин», «Тошї», «Ориф ва Олим», «Девонаҳусайнї» ва «Девонанаљмон» аз љумлаи онҳоянд, комилан ба бевичдонї, сустиродагї, бадахлоқї, булҳавасї, зудбоварї,

бераҳмї, фиребгарї ва маишатпарастї барин ахлоқи вайрону кирдорҳои нопоку нафратовари љамъият муқобил гузошта шудаанд.

Ва ҳамин тариқ, афсонаҳо дар адабиёти шифоҳии мардуми мо љойгоҳи махсусро ишғол менамоянд ва яке аз кадимтарин ва маъмултарин анвои ин адабиёт ба шумор мераванд. Ин падидаҳои завқию бадеї, ки дар заминаи таљрибаҳои дуру дарози зиндагї, мубориза ҳо, талошҳо ва афкори демократии омма дар шароитҳои муайяни сиёсї ва иљтимої бо мазмуну ғояҳои гуногун эљод гардида, дар тамоми давру замонҳо бо хаётї моддї, фарҳангї ва фаъолияти одамон равобити ногусастание пайдо карда омадаанд, аз маънавиёти волои инсонї ва рўҳияи бузурги оптимистї серобу саршоранд. Дар онҳо алалхусус ғояҳои дорои аҳамияти умумиинсонї ва ақидаҳои башардўстона гаштаю баргашта таъкид гардидаанд.

Афсонаҳо ба мо имконият медиҳанд, ки тарзи зиндагонї, расму оинҳо, касбу кор, ақидаҳои сиёсї, рўҳия, ахлоқу одоб, фарҳанг ва таърихи бойи халқамонро амиқтар дарк намоем. Беҳуда нест, ки афсонаҳои тољикї кайҳо боз диққати муҳаққиқони риштаҳои гуногуни илм - муаррихон, адабиётшиносон, мардумшиносон ва донишмандони соҳаҳои забон, фолклор, санъат ва ғайраро ба худ љалб карда меоянд. Ба вуљуд омадани асарҳои илмї-тадқиқотии фолклоршиносони тољик  дар бораи баъзе навъҳои ин жанри фолклорї ва дар шакли маљмўаҳои хурду калон бо теъдоди зиёд ба забонҳои тољикї, русї ва ғайра чоп шудани намунаҳои афсонаҳо баёнгари он аст, ки жанри мазкур ҳамчун василаи муҳими тарбиявї ва маърифатї аҳамияти махсусро доро аст.

Ҳар гуна афсонае, ки маҳсули эљодиёти даҳанакии халқ аст, қатъи назар аз кї ва чї будани қаҳрамонаш марому мақсад ва орзуву ҳавас, хуллас ақидаҳои халқиро ифода мекунад.

Афсона дар адабиёти хаттї ҳам дида мешавад. Нависандагоне ҳам ҳастанд, ки бо афсонапардозии худ машҳур гардидаанд.

Аз адибони давру замонҳои гуногуни олам Низомии Ганљавї, Салмони Совалљї, Бедил, Пушкин, Лермонтов, Толстой, бародарон Гримм, Андерсен, Горкий ва дигарон афсонаҳои зиёде навиштаанд. Аз адибони муосири тољик

Адаш Истад бо афсонапардозии худ машҳур аст. Дар китоби «Чароғи сеҳрнок» беҳтарин афсонаҳои ин нависандаи самарқандӣ чоп шудааст.

Гарчанд афсонаҳо бо тасвирҳои муболиғанок гуфта ва ё навишта мешаванд, вале дар замири онҳо ҳақиқати ҳаёт ниҳон аст. Бисёр афсонаҳо дар заминаи умеду орзуҳое, ки халқ дар дил мепарваранд, ба вуљуд омадааст. Аз ин љост, ки дар бораи воқеа ва шахсони таърихӣ, аз қабили Эраљи тилисмшикан, Шерак, Спи-тамен, Искандар, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Навой, Улуғбек ва дигарон афсонаҳо офарида шудаанд.

**Савол ва супоришот:**

1. Хусусияти жанрии афсонаҳои халқиро нишон диҳед.
2. Маќоми афсонаро дар њаёти гузаштаи халќ ва инкишофи хаёлоти бадеии он фаҳмонда диҳед.
3. Доир ба образҳои асосӣ ва мазмуну мкндариљаи ғоявии афсонањои тамсилї, сењрангез, ишќї-романтикї ва ќањрамонї маълумот диҳед.
4. Инъикоси орзуву умедњои халќ дар афсонањо.

Мавзӯи 16 | **ЛАТИФА ВА НАЌЛУ РИВОЯТЊОИ ХАЛЌЇ** | **Маърӯза 2 соат**

**Наќша:**

1. Мафњуми истилоњї ва жанрии латифа ва нақлу ривоятҳои халқӣ.
2. Латифа жанри њаљвии фолклор, сайри таърихї, мавзўъ ва образњои латифа.
3. Таъсири жанри латифа ба адабиёти китобї
4. Мавзўъот ва ѓояи иљтимоии латифањои халќї
5. Латифа – таљассуми аќлу хирад ва донишу фазилати халќ.
6. Образ ва ќањрамонњои латифањои халќї (Љуњо, Талхак, Хоља Насриддин, Афандї, Мушфиќї ва дигарон).
7. Мазмун ва мундариљаи ғоявии нақлу ривоятҳои халқӣ.

**Мафњумњои асосї:** *насри бадеии халқї, хусусияти жанри латифа, нақлу ривоятҳои халқї, Афандї, Хоља Насриддин, нақлу ривоятҳо оиди Луқмони Ҳаким, Сино*

**Латифа.** Латифа хурдтарин жанри эпикї мебошад. Мухтасарбаёнї яке аз шартњои асосии латифа буда, вай тавсифу шарњи муфассалро намепардозад. Зеро латифа танњо як лањзаи хурди зиндагиро ифода менамояд. Асоси онро њодиса ва воќеаи муайяни њаётї ташкил медињад ва он ба воситаи образњои конкрет (масалан, Афандї, Мушфиќї, Мулло Насриддин ва ѓайра) гоњ бо лутфу зарофатњои нарм, гоњ бо суханњои аксу духўра, хилофи мантиќ ва гоњо ба хатту њаракатњои нозебу ночаспони ќасдан кардашудаи ќањрамон поён меёбад. Сужет дар латифа ба ѓоят содда мебошад. Муколама дар латифањо серистеъмол аст. Зиддияти тезу тунд хоси латифа мебошад. Дар латифа характери мукаммал офарида намешавад, танњо як пањлўи характер намоиш меёбад. Таърифу тавсиф ва панду насињат хоси латифа намебошад.

Персонажи латифа гоњо зирак ва баъзан гўлу гумроњ мешавад. Образњояш асосан аз ду кас ва баъзан аз се кас иборат аст. Дар латифа воситањои баён – саволу љавоб, кинояву муболиѓа, мањозу ташбењот васеъ истифода мешавад.

Лутфу суханбозї дар латифањо аз муњимтарин воситањои тасвири бадеї ба шумор меравад. Зотан, латифа калимаи арабї буда, маънояш лутф мебошад. Асоси як гурўњ латифањо мањз дар њамин санъат аст. Ин санъат ба калимаву љумлањо маънї ва тобишњои нав дода, диќќати шунаванда ва гўяндаро ба мазмуни мањозии ин ё он калимаю таъбир љалб месозад. Яъне калима ё иборае, ки гўянда ба маънои аслии онњо кор фармудааст, љавобдињанда онро ба маънии дигар таъбир мекунад. Чунин љавоб хусусияти њаљву зарофатро касб намуда, пурсанда ва ё хонандаро ба њайрат меорад. Зеро онњо ин гуна љавобро чашмдор набуданд.

Латифа яке аз намудҳои васеъ паҳншудаи эљодиёти даҳанакии халқ мебошад. Вай дар адабиёти ҳамаи халқҳои љаҳон дучор меояд. Истилоҳи *латифа* аз забони арабї гирифта шуда, маънояш сухани нозук гуфтан аст.

Ҳикоятҳои хурдеро, ки мазмуни ҳазломез, лутф ва ҳаљвї доранд, латифа меноманд.

Дар латифаҳо одатан бо лутфе, яъне гуфтори нозуки ҳозирљавобона фикри асосї љамъбаст карда мешавад. Эљодкунандагони латифа бештар муаллифони номаълуманд, ки аз байни халқ баромадаанд. Қаҳрамонони асосии латифаҳои халқии тољик Насриддин Афандй ва Мулло Мушфиқї мебошанд. Инчунин латифаҳое ҳастанд, ки ба номи маҳалҳои људогона вобастаанд. Аз љумла дар Самарқанд маҳаллатиҳо, дар Бухоро шириниҳо, дар Хуљанд румониҳо, дар Ургут камонгарониҳо бо хусусиятҳои соддалавҳї, ҳозирљавобї, поктинатии худ ҳамчун қаҳрамони латифаҳои халқї ном баровардаанд.

Баъзе нависандагон латифаҳои халқиро љамъ ва таҳрир намуда, маљмўаҳо тартиб додаанд. Китобҳои Муҳаммад Авфии Бухорой «Љавомеъ-ул-ҳикоёт», Убайди Зоконї «Рисолаи дилкушо» аз ҳамин қабиланд. Баъзе адибон баробари љамъ овардани латифаҳои халқї худашон низ латифаҳо офаридаанд. Дар адбиёти тољики асри бистум Абдусалом Деҳотї, Самад Ғанї, аз адибони муосири мо Бахтиёр Љумъа аз ҳамин қабил адибон мебошанд.

Дар асарҳои адибони мумтоз, аз љумла, дар «Маснавї»-и Љалолиддини Румї (Балхї), «Гулистон»-и Саъдї, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Љомї, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифї, «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнї низ истифода бурдан аз латифаҳои халқї ба назар мерасад.

Латифаҳо дар мавзўъҳои гуногуни иљтимої, сиёсї, маишї гуфта мешаванд.

Дар латифаҳои дорои мазмуни иљтимої ғояи ғалабаи ҳақиқат, адолат, тантанаи ақлу ҳунару меҳнат, љасорату виљдони пок ва ғайра ифода гардидааст.

***Ин саллаю љомаи ман набудааст...***

Мушфиқї шабе аз як пасткўчаи Бухоро гузашта истода дид, ки дар сари роҳ як маст чурт парида хобидааст. Мушфиқї он мастро ин тараф ва он тараф

ғелонда диду шинохт, ки раиси шаҳр будааст. Ба даҳону биниаш боб карда се-чор лағад фуровард. Аммо маст ҳушёр нашуд. Баъд Мушфиқї саллаю љомаи вайро кашида гирифту ба роҳаш рафт.

Саҳарї раис ҳушёр шуда, ба раисхона рафту ба мулозимонаш гуфт:

— Имшаб аз хона саллаю љомаи маро дуздида рафтаанд. Шумоҳо дар кўчаю бозорҳо диққат карда гардетон, ҳамин чизҳои маро дар даст ё дар сару тани ягон кас дида шиносетон, ҳамон одамро ба пеши ман гирифта биёретон!

Мулозимони раис дар кўчаҳо гашта истода буданд, ки баногоҳ чашмашон ба Мушфиқї афтоду дар сару тани вай саллаю љомаи раисро шинохтанд ва ўро кашола карда ба раисхона бурданд. Раис Мушфиқиро дида дарғазаб шуду дўғ зад:

— Саллаю љомаи ман аз куљо ба дасти ту расид?

Мушфиқї бо оромї љавоб дод:

— Тақсир, аввал пурсиш, баъд кушиш гуфтаанд. Ман дина шаб аз фалон пасткўча гузашта истода, ба як маст вохўрдам, ки дар сари роҳ ба хоку лой љўлида хобидааст, се-чор лағад кўфтам, ҳушёр нашуд. Охир саллаю љомаашро кашида гирифтам. Агар ҳамон маст шумо бошед, ин саллаю љома ҳам аз они шумо буда-гист, марҳамат карда гиред!

Раис дид, ки аз ин гап шарманда мешавад, гуфт:

— Не, не, ин саллаю ўомаи ман набудааст, ба корат рафтан гир!

### ***Фақат дар даруни тобут набошед!***

Аз Мушфиқй пурсидаанд, ки дар вақти ба қабристон бурдани тобути мурда аз рўи ҳукми шаръ ба кадом тарафи тобут истодан љоиз аст?

Мушфиқй љавоб додааст.

— Ба ҳар кадом тарафи тобут истед — ихтиёр ба худатон, фақат дар даруни тобут набошед шудааст!

### ***Луч гўронед ҳам майлаш***

Мушфиқй аз хўљаинаш пурсид:

— Агар ман мурам, чй навъ мегўронед?

Чӣ навъ мегӯронам. Чор газ карбос мегираму кафан дӯзонда мурдаатонро ба вай печонда, ба мазор мефиристонам, ба гӯре метиқонанду мемонанд-дия, — гуфт хӯљаин дар љавоб.

— Ин тавр бошад, — гуфт Мушфиқӣ, — биёед дар вақти зиндагиам ба ман як курта-эзори карбос дӯзонда диҳед. Баъд аз мурданам луч гӯронед ҳам майлаш.

***

**Нақлу ривоятҳо** яке аз намудҳои эљодиёти даҳанакии халқ ба шумор меравад. Дар онҳо фаҳмиш, дониш, андеша, фикру мулоҳиза, хуллас ақидаи мардум дар бораи зиёратгоҳҳо, ёдгориҳои қадимии таърихї, сардору сарварон ва арбобони намоёни давлатї, пешвоёни барљастаи илму адабиёт, паҳлавонон ва ғайра нақл карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар гуфтугӯи одамон гоҳо ба љои калимаи «ривоят» калимаи «нақл» омада, гоҳо ҳардуи ин калима якљоя барои ифодаи як фикр хизмат мекунанд.

Бисёр нақлу ривоятҳо аз хусуси қаҳрамонї ва корнамоиҳои паҳлавонон ва дигар шахсони таърихї маълумот медиҳанд.

Як қатор ривоятҳои дигар бошанд, дар бораи қувваҳои бадї ва бадбахтиовар нақл мекунанд, ки дар ин қабил ривоятҳо одатан дев, љин, парї, албастї ва ғайраҳо амал мекунанд ва онҳо то андозае ба афсонаҳои сеҳрнок монандї доранд. Яке аз қаҳрамонони ин қабил ривоятҳо Хӯљаи Хизр аст. Гӯё касе, ки ба дидани Хӯљаи Хизр муваффақ гардад, ба муроду мақсади худ мерасад. Хӯљаи Хизр дар тасаввуроти халқ ҳамчун раҳнамо, мушкилкушо, ба амал оварандаи тамоми орзую ҳавасҳои одамон нақш бастааст.

Қисме аз ривоятҳо бошанд, ба Луқмони Ҳаким, Сино, ки дар байни халқ ҳамчун табиби ҳозиқ, дармонбахши беҳамтою одами доно машҳур гардидааст, бахшида шудааст.

Дар бораи ҳайвонот, паррандагон, хазандаҳо низ бисёр нақлу ривоятҳо мављуданд.

Ривоятҳое низ ҳастанд, ки дар онҳо на танҳо аз хусуси пайдоиши ҳайвонҳо, балки инчунин дар бобати рафтору кирдор ва хусусиятҳои онҳо сухан меравад.

Чунончи, дар ривояте гуфта шудааст, ки чаро гунљишк ҳангоми роҳ гаштан қадам намемонаду ду пояшро баробар бардошта, љаҳида-љаҳида мегардад..

Қариб тамоми нақлу ривоятҳое, ки маҳсули эљодиёти даҳанакии халқ мебошанд, фикру андеша эътиқод ва нуқтаи назари мардумро оид ба ҳаёт ифода менамоянд.

## НАМУНАҲО АЗ НАҚЛУ РИВОЯТҲО

### Нақлу ривоятҳои халқї дар бораи Абўалї ибни Сино

Дар аксар ривоят ва ҳикоятҳои халқие, ки то ба мо омада расидаанд, лаҳзаҳои људогонаи ҳаёт ва фаъолияти Ибни Сино баён мешавад, ки онҳо аз хушзеҳнӣ, соҳиби ҳофизаи баланд, табиби ҳозиқ, марди ҳозирљавоб ва тезбин будани ў, инчунин аз фазилатҳои дигари вай ба мо маълумот медиҳанд. Ҳоло чанде аз ин ривояту ҳикоятҳо оварда мешаванд.

### Танга дар зери курсї

Нақл мекунанд, ки рўзе Амири Сомонӣ Абўалиро имтиҳон карданӣ шуд. Ў ба пешхизматони худ амр намуд, ки дар зери чор пои курсии Абўалӣ чор танга гузоранд. Онҳо амри ўро ба љо оварданд, вале Абўалӣ аз ин кор қатъиян хабаре надошт.

Вақте ки Абўалӣ омада, ба рўи курсии худ нишаст, рўй ба љониби осмон кард ва боз ба љониби замин нигоҳ карда аз тааљљуб ва ҳайрат сари худро љунбонидан гирифт.

Амири Сомонӣ гуфт:

— Ҳакими замонро чӣ ба тааљљуб андохтааст, ки ин қадар дар ҳайратанд?

Абўалӣ гуфт:

— Ман имрўз чунин дармеёбам, ки тахти ман ба миқдори пушти корде баланд гашта ё худ осмон ҳамин миқдор ба замин наздик шудааст.

Амири Сомонӣ ва аркони давлаташ бар камоли ҳис ва эҳсосоти ў таҳсин ва офарин намуданд.

**Бемор, мор ва косаи шир**

Нақл мекунанд, ки беморонро аз ҳар куљо оварда, дар сари раҳи Абўалӣ мешинониданд. Вақте ки Абўалӣ ҳар субҳ аз хонаи худ берун мебаромад, аввал ба як тараф нигоҳ карда, беморони дар ҳамон љониб нишастаро ҳолпурсӣ мекард ва мегуфт: «Ин фалон мариз аст, илоҳи вай ин аст». Дар вақти бозгаштан ба љониби дигар нигоҳ мекард ва бо дастури боло илољи дарди беморонро муқаррар мегардонид.

Рўзе бемореро бо диққат нигоҳ карда истода, дар бораи илољи дарди вай чизе нагуфт ва ба тарафи дигари беморон гузашта рафт.

Аз ин муомилаи Абўалӣ дар он бемор ҳолати аљибе рўй дод. Вай аз зиндагонӣ тамоман дил канд ва аз сиҳат ёфтан даст шуста, хоҳиш намуд, ки ўро ба зудї бардошта ба хонааш баранд. Дар хона ба наздикони худ гуфт:

— Эй азизон, дар фикри тобуту кафани ман бошед, кори ман нашуд. Абўалӣ донистааст, ки дарди ман бедавост, бинобар ба ман аҳамияте надода гузашта рафт...

Бемор марги худро интизор шуда, нишаста буд, ки аз сўрохии кунљи хона море берун шуда, ба давродаври хона сайр карда истод. Ҳамон вақт дар миёни хона косаи шир меистод. Мор бо оҳистагӣ худашро ба косаи шир наздик карда, шири косаро тамоман дам кашид, пас чанде ба замин ғалтида печутоб хўрд ва дубора даҳонашро ба лаби коса ниҳода, шири хўрда-гиашро тамоман қай кард.

Вақте ки мор ба сўрохии хона даромада аз назар пинҳон шуд, бемор ба чунин андешае афтод: «Чун ман дигар умедворӣ надорам, ҳолам соат ба соат бад мешавад, беҳтар он аст, ки ин ширро хўрда, қонамро аз азоб халос кунам».

Ӯ ба пеш ҳаракат кард ва косаи ширро гирифта тамоман дам кашид. Вале бар акси интизории бемор, дарди ӯ сабук гашта, соат ба соат сиҳат гаштан гирифт. Баъд аз чанд рӯз, ҳангоме ки худашро тамоман дуруст ҳис кард, фармуд ки ӯро дубора бурда ба сари роҳи Абӯалӣ гузоранд, то ки ба он муомилаи Абӯалӣ эътироз баён кунад.

Хоҳиши ӯро ба љо меоранд. Вақте Абӯалӣ аз хона баромад ӯро дучор омада, ба таачљуб афтода фавран мепурсад:

— Эй мард, ту мори афъиро аз куљо ва ба чӣ кайфият пайдо кардӣ? Илоҳи касалии ту вобаста ба хӯрдани қайи мори афъи буд. Азбаски ҳосил кардани он бисёр душвор ва ғайриимкон буд, ман он рӯз ба касалии ту дахл накарда будам.

Марди бемор воқеаро ҳамон навъе, ки рӯй дода буд, нақл карда

**Самари қироати «Шоҳнома»**

Як марди сарватманд ҳама чизро дошту фарзанд надошт. Аз байн чанд сол гузашту худо як писари нозанин дод. Ягона фарзандро пуф-пуфу суф-суф карда калон карданд. Кӯдаки нозпарвар аз шамоли қаноти пашша ҳам шамол мехӯрд, аз шақ-шақи кафгиру дег метарсид. Мактабрав шуд. Ӯро ба мактаб бурданд.  Бо талабаҳо љӯр нашуд. Бачаҳо вайро «ту писар не, ту духтар» гуфта мазоҳ мекарданд.  Модараш ҳафтаи дигар ӯро ба мактаби духтарона бурд.  Моҳу солҳо гузаштанд. Писарак калон шуд. Калон шуду лекин мизољаш духтарона, аз кори вазнин мегурехт, аз ҳар як чизу ҳодиса метарсид. Пайкараш ҳам латифу лоғар. Гап заданҳояш ҳам духтарона, шишту хезҳояш ҳам.

Падарашро ғам гирифт. Пеши ҳакимон, донишмандон, мардони рӯзгордида рафт. Пурсид:

— Маслиҳат диҳед, чї кор кунам, ки писарам љавони далер, паҳлавон, бардам, љасур, нотарс шавад.

Яке маслиҳат дод, ки:

— Шогирди паҳлавон шавад.

Падараш пеши паҳлавони номдор бурд. Писарак ба варзишу гӯштин, тарбияи бадан машғул шуд, каме обу тоб ёфт.

Дигаре маслиҳат дод, ки:

Ҳамроҳатон ба шикор баред, тирандозӣ омӯзед.

Писарак шикорчии моҳир ва тирандози хуб шуд.

Сеюмӣ маслиҳат дод, ки:

—Шиноварӣ биомӯзонед.

Писарак дар чанд моҳи машқ шиновари моҳир шуд.

Бо вуљуди ин ҳама заҳматҳо он тарсу шарми духтарона аз писарак дур нашуд. Хислатҳои хосаи мардона — шуљоат, љасорат ва мардонагӣ намерасиданд.

Падари писарак пеши мударриси мадраса рафта, муроди дилашро гуфт.

Мударрис гуфт:

— Писаратонро ду-се моҳ ба тарбияи ман гузоред.

Падар розӣ шуд ва писарашро ба мадраса бурд. Мударрис зуд ҳис намуд, ки зеҳни писарак тез аст. Ба вай фармуд, ки китоби «Шоҳнома» пайдо кунад. Писарак ҳам «Шоҳнома»-ро ҳозир кард ва устод аз «Шоҳнома» дарс гуфт. Дусе моҳ гузашту писарак «Шоҳнома»-ро хонда тамом кард.

Дар ин мӯҳлати шоҳномахонӣ писарак тамоман тағйир ёфт. Як навраси далер, паҳлавон, љасур, нотарс шуд. Гуфтор, рафтор, кирдор ҳама љавонмардона. Падараш бо ҳадяи зиёд пеши мударрис рафта сипосгузорӣ карду гуфт:

— Агар махфӣ набошад, гӯед ки шуморо чӣ тавр муяссар шуд, ки писараки тарсончаку заифмизољ ва бечораи маро ба ин љавонмарди паҳлавону нотарс, љасуру далер табдил додед?

Мударрис гуфт, ки:

— Аз Ҳаким Фирдавсӣ миннатдор шавед. Писаратонро «Шоҳнома» мард кард.  Мардум беҳуда нагуфтаанд:

Ҳар он кас, ки шоҳномахонӣ кунад,  
Агар зан бувад, паҳлавонӣ кунад.

## Ривояти мазори ҳазрати Султон

Ҳамино, ки мегунд, ки ҳамун сари имом Ҳасану Ҳусена буридагиянд, ки урусо сара мезананду, мезананду, мезананд. Ҳамун дуппи карда. Ман аз китобашам ҳамин-а шунидагиям. Ҳамун манмент-да каллайа даст-да дароварда, мусулмоно, ҳамун кофира, ки ғалаба мекунад… Калли йак одди одама бурда метиянд. Ҳамун урусо мезананду (калла) пала-пала шуда мерад. (Ин) кала ки гуфта ҳамин мусулмоно-да ҳуљум мекунадурус. Ба туфайли ҳамун кала-йа гирифта гурехтан баъд… (шунаванда: урус нейу кофиро гуед)… Кофиро, кофиро. Ҳамун љанги бисёр пайдо шудан баъд, баъд љанг карда, љанг карда гурехта, гурехта омада, ҳамин-о ҳамигийошон ҳамин мазоройи, ки қадди Ғелону манна Қизилимчаку (Сарчашма), Йаккахона-да ҳай, ба туфайли ҳамун саҳобо хок шуда, хок шуда, хок шуда ҳамин љо-да азизо шуда, ҳамин роҳбарошон, ҳамин Султон, ҳазрати Султон-да рафта ҳамун-љa-да гум шудагийанд.

Ҳамун қоти, илољ нї акун, дасти урус-да меғалтем гуфта. Мақсади ино ҳамин љо-да ғалтидагийошон ба туфайли ҳамун кали Ҳасану Ҳусен. Ино љанг шуда омадаги, ҳамун љанг-да ҳамин хил, мурда-мурда омадан баъд, гуфти китоб … Ҳамун ки зури мекунад кофиро,, ҳамун аз куҳ паноҳ металабанд. Ҳамун куҳ мегуд паноҳ додагї. Ҳамунљa-да ғор-ам ҳаст, ҳолэ. Ҳамун зинда, ҳамун хил шуда мондагэ. Аз ҳамун сабаб ҳамин Ҳасану Ҳусенам ҳаминљa-да гуйо, ки инойам оддї, манну шумо барин одам-дийа. Ҳамунљa-да хок шуда, мана ҳамунљa-да мазор шуда мемонан.

### Савол ва супоришот:

1. Доир ба хусусиятҳои жанрии латифа ва нақлу ривоятҳои халқї нақл кунед.

2. Оиди образҳои асосии латифаҳои халқї маълумот диҳед.

3. Мазмуну мундариљаи ғоявии нақлу ривоятҳои халқї

4. Аз бобоёну калонсолон латифаҳои халқї ва нақлу ривоятҳои доир ба мавзўъҳои гуногун гуфташударо навишта гиред.

## БОВАР ВА ШУГУНҲОИ ХАЛҚЇ

Имрўзҳо давлати соҳибистиқлоли мо  имкон медиҳад, ки ба таври алоҳида корҳоеро ба анљом расонем ва аз љумла он жанрҳои адабиёти шифоҳиро, ки дар гузашта ба мављудияти онҳо чандон таваљљўҳ надоштанд, гирд оварем, дар бораи маросимҳо ва сурудҳое, ки мазмуни динї доранд, шугуну боварҳо, дуоҳо,  қассам,  ва дигар анвои боварҳои мардум  ибрози назар кунем

Шугуну боварҳо яке аз чунин жанрҳои ҳурофотї мебошад, ки то ба имрўз дар зиндагии иљтимоии мардуми тољикон фаровон ба кор меравад.

Бовару эътиқодҳо низ як қисми анъанавии мардум мебошад, ки дар офаридани он оммаи мардум иштирок карда, аз насл ба насл интиқол медиҳад, илова ба ин дар мундариљаи қариб ҳамаи шаклҳои эътиқод унсурҳои бадеї дида мешавад, ки хоси объекти таҳқиқи илмҳои филологї мебошад.

Боварҳо матни муайяни шифоҳист, ки ба мисли зарбулмасалу мақол шаклан хурд буда, хусусияти асосии он аз рўи ягон нишона, ҳодиса, рафтори љонварон ва ҳолатҳои инсон фол гирифтан, пешгўй кардан аст. Масалан, «Рўзи Наврўз ба дил кинаву адоватро роҳ намедиҳанд, кушодарўву

хушгуфтор будан фоли нек аст». Ё ин ки «Рӯзи Наврӯз дастурхонро бо нозу неъмат оро дода ба аҳли оила гулоб нӯшонидан ва ҳафтсаломро бо оби заъфарон тар карда нӯшидан фоли нек аст», «Тифлро дар гаҳвораи зани кӯдакаш мурда намебанданд», «Дар вақти мурда шудан доду фарёд намуда, худро задан хосияти хуб надорад» ё «дар маросими арӯсбиёрон дар зери чодар (чимилиқ) ба онҳо оина нишон медиҳанд, шарбат мечашонанд, аз гирди сари арӯсу домод чароғ мегардонанд», «Дар сумалакпазӣ ғамгин будан фоли бад аст». ва ғайра.

Воқеан ҳам ин жанр моро водор месозад, ки ба решаҳои асотирии мардуми худ бештар таваљљўх намоем. Ҳамчунин дар пайванди имрӯзу гузашта чӣ нақше доштани онро муайян кунем. Чунки маҳз шугун чун эътиқод ва бовари мардум барои бештар ва дақиқтар омӯхтани ин ё он ҳодисаву падидаҳои зиндагї ва табиат ёрї мерасонад.

## НАМУНАҲО АЗ БОВАРҲОИ МАРДУМ

1. Агар саг пушташро ба соҳибони хона гардонад, ин фоли нек аст, ки меҳмон ба он хонадон меояд.

2. Агар пишак (гурба) рӯяшро шӯяд, дониста бошед, ки меҳмон меояд.

3. Агар саг алу кашад, бисёр бад аст, аз ҳамон хона (оила) касе мемурад, ё фалокате рӯҳ медиҳад.

4. Агар хурӯс рӯзона љеғ занад, ин беҳад шум аст. Ба ҳамон хонадон фалокате рӯй медиҳад.

5. Шахс бояд то баромадани офтоб аз хоб бедор шуда, дастурӯ бишӯяд. Агар баъди тулӯи офтоб хезад ва ё шустушӯ накунад, рӯяшро шайтон мелесидааст.

6. Ба болои остонаи дар ё дорвоза нишастан хосият надорад.

7. Дарро қулоч кардан увол аст, хосият надорад.

8. Заминро бо чӯб ё пой задан увол (гуноҳ) аст. Замин пои ҳамон шахсро мегазидааст.

9. Дар замин нону намакро партофтан, пош додан гуноҳ аст.

10. Остонаи дарвоза ва дарро кӯфтан хуб нест.

11. Хуштак кашидан ва ушпулоқ задан (хушт-хушт кардан) хосият надорад.

12. Бо дасти рост хобидан савоб аст, вале бо дасти чап хобидан хосият надорад, увол аст.

13. Агар нохуни даст аз қадди љав дароз шавад, аз дасти он шахс хурок хурдан ҳаром будааст.

14. Агар мӯйлаби кас дароз шуда, ба даҳонаш дарояд, хурдагии он шахс ҳаром буда, хосияти бад доштааст

15. Муйсарро дароз гузоштан увол будааст, бинобар дар вақт вақташ онро ислоҳ намудан хосияти хуб дорад.

16. Обро рост истода хӯрдан ва нонро роҳравон хурдан хуб нест, хосияти бад дорад.

17. Ба болои болишт нишастан ё болиштро кӯфтан хосият надорад.

18. Дар хонаи дӯст набояд нохун гирифт, љомашӯй намуд. Иљрои ин корҳо касофат меовардааст ва хосияти шум доштааст.

19. Љорубро набояд рост гузошт. Хосияти хуб надорад.

20. Мӯи сарро сӯзондан хосият надорад.

21. Рӯзи чоршанбе беморбинї рафтан хосият надорад.

## ДУОҲОИ МАРДУМ

Дуо навъест дар адабиёти шифоҳї, ки дар шаклҳои ҳам манзум ва мансур баён мегардад ва аз лиҳози мақсаду муроди гўянда ва контексти он гунаҳои рангин дорад. Дар рўзгори мардуми тољик дуо вобаста ба вазифаи он, эътибору таъсирнокии сухан ва арзиши муҳими иљтимої доштанаш хеле зиёд ба кор меравад. Тақрибан ҳар як фард рўзе нест, ки дуое нагўяд ва ё нашунавад.

Жанри дуо яке аз навъҳои серистеъмоли фолклори тољик мебошад. Ҳарчанд ки он дар шакли назм низ баён мешавад, аммо дуо асосан мутааллиқ ба насри шифоҳист. Дуо ба мисли дигар жанрҳо вазифа, сохтор ва хусусияти худро дорад.

Дуоҳо гуногун мешавад. Дуои дастархон, дуои сафар, дуои файзи хона, дуои саршавї ва тамомшавии маросимҳои "Бибисешанбе" ва Мушкилкушо, дуои ёдбуд, дуои бастани дастурхон, дуои поёни намоз, дуои файзу баракати қадам, дуои роҳу мусофират, дуои хоб, дуои таом, дуои қироати Қуръон, дуои бодронї, дуои оби дамї, дуои кушодани банд ва ғайра.

### Дуои дастурхон

Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим. Илоҳи омин, шукрони неъмат, тани сиҳат, хотири љамъ, муборакбоди амри хайр, худо хайру муборак гардонад. Поко парвардигор ба баҳори буромада, кори кардагийотон, илойи киишту риштотон ба туй, ба тамошо тағдир гардонад Ҳамая дар амонаш нигаҳ дор. Омин!

### Дуои дастурхон

Ҳар киро талабист, мақсудист, ҳољотист
Муродист, баровардайи хайр гардон
Илойим худоё худовандо
Инсофу тавфиқ ба љавонҳо тї.
Бар хонадонҳо барака ато кун
Дар муйсафедҳо имона ҳамроҳ кун
Оқибати кора ба хайр кун
Сари волидин, сари давлат,
Тани сиҳҳат, хотири љамъу дили биғам
Ҳамайа тани сиҳҳат, хотири љамъ
Дили биғам тї. Овлоҳу акбар!

### Дуои сафар

Аъузу биллоҳи минаш-шайтонир-раљим.
Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим.
Тиловати Қуръон.
Арвоҳи гузаштагон.
Падару модарон,
Йору буродаро.
Худойо худовандо.
Дар замири ту ҳар чи хоҳад буд,
Худо расонад ба он мақсуд.
Эй бор худойи пур инойат,
Покиза карими биниҳойат.
Худойо худовандо.
Ман амонати худ ба ту супурдам.
Ту ба мамлакаташ супур соқу саломат.
Омин. Овлоҳу акбар!

Мавзӯи **17** **Фолклори бачагон** **Маърӯза**

**Наќша:**

1. Фолклор бачагона ва хусусиятҳои он.
2. Мавқеи тарона ва суруд дар фолклори бачагона.
3. Ваз ва қофия, санъатҳои бадеї дар тарона ва сурудҳои бачагона.
4. Мавқеи чистон ва афсона дар фолклори бачагона..
5. Аҳамияти тарбиявї ва иљтимоии фолклори бачагона.

**Мафњумњои асосї:** *фолклори бачагона, назми бачагона, бозиҳои бачагона, суруд, алла, чистон, тезгӯяк, асарҳои насрии фолклори бачагона, афсонаҳои тамсилї, сурудҳои оиди ҳодисаҳои табиат, ҳашарот, ҳайвонот, паррандаҳо*

**Хусусияти фолклори бачагон.** Асарҳои фолклорї аз давраҳои қадим на фақат барои калонсолон, инчунин барои бачагон низ фаҳмо ва наздик буданд. Фолклори бачагон як қисми эљодиёти даҳанакии халқ аст. Мафҳуми фолклори бачагон хеле васеъ аст. Асарҳои бачагонаи халқї махсусан дар ташаккули завқи бадеї ва инкишофи нутқи кӯдакон таъсири калон доранд.

Бачагон ба воситаи асарҳои фолклорї бо муҳит, предмет ва ҳодисаҳои гуногуни табиат шиносої пайдо мекунанд. Роли фолклор дар инкишофи нутқу идрок, зиракии хурдтаракон ва солиму муътадил сабзидани организми

онҳо бузург аст. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки қариб тамоми асарҳои фолклории бачагона маҳз бо мақсади ба кори таълиму тарбия кӯмаке расонидан эљод карда шудаанд.

Фолклори бачагонро на танҳо хурдтаракон инчунин калснсолон низ ба вуљуд овардаанд. Асарҳое ҳастанд, ки онҳо дар эљодиёти калонсолон аҳамияти худро тамоман гум карда, ба моли бачагон табдил ёфтаанд. Аз ин љиҳат, эљодиёти даҳанакии бачагонро ба се қисмат људо кардан мумкин аст:

1. Асарҳои фолклорие, ки калонсолон барои хурдтаракон эљод кардаанд.
2. Асарҳои фолклорие, ки аҳамияти худро дар эљодиёти калонсолон гум карда, ба асарҳои хоси бачагона табдил ёфтаанд.
3. Асарҳои фолклорие, ки худи бачагон эљод кардаанд.

Ба қисми якум пеш аз ҳама, як силсилаи сурудҳои «Алла» дохил мешаванд, ки эљодкунанда ва сарояндаи онҳо занон мебошанд. «Алла» матни нисбатан устувор ва шаклу вазни муайян надорад, балки бадеҳатан, ҳангоми хобидани кӯдак аз тарафи модар ё доя гуфта мешавад. Мундариљаи ин навъ сурудҳо гуногун аст. Дар онҳо модар кӯдакро аллагӯён орзуву умеди худро изҳор менамояд ва ба предметҳои гуногуни табиат, ҳатто ба қувваи илоҳӣ мурољиат намуда, илтимос мекунад, ки барои солиму бардам ба воя расидан, хушёр, қобил, паҳлавон ва доно шудани кӯдакаш ёрӣ расонад.

Баъди саридастӣ шудани бача, ба ғайр аз модар акнун дояву модаркалон, падару бобо ҳам кӯдакро навозиш ва парасторӣ мекунанд. Калонсолон кӯдакро ба сари зону шинонда, ё дар алвонљ хобонда, ё худ дар оғуш кашида меҳру муҳаббати худро изҳор мекунанд. Ин қабил асарҳоро сурудҳои навозишӣ номидан лозим мешавад.

Масалан, модар кӯдакашро ба рӯи каф нигоҳ дошта суруди зеринро месарояд:

Ҳо гул, гули оча,
Ки дорад инту бача?
Барорам сари кӯча,
Гӯянд, ки «Мирзобача»!

Дар баробари раҳгарду гапзан шудани бачаҳо доираи фолклори онҳо васеътар мегардад. Дар ин марҳилаи хаёташон бачагон низ ба калонсолон тақлид карда сурудҳо мегӯянд ва аксарияти ин сурудҳо бо бозиҳои оддии бачагона љўр мешаванд. Ин қабил суруд ва бозиҳое, ки ҳаракатҳои кӯдакон бо онҳо вобаста мегарданд, барои муътадил сабзидани организми бача ёрии калон мерасонанд.

Дар фолклори бачагона суруде бо номи «Ҳавзак-ҳавзак» хеле машҳур аст, ки онро калонсолон барои навозиш кардани кӯдак мегӯянд:

Хавзак,ҳавзак,
Гирдакои ҳавзак сабзак.
Орӯ биёд, об хӯрад.
Ин гов кушад,
Ин пӯст канад,
Ин пазаду соз кунад,
Ин хӯраду ноз кунад.
Ин калбача куљо буд,
Ки шурбо нарасид?

Шахси калонсол дар вақти гуфтани ин тарона аз кафидасти кӯдак (ҳавзак) сар карда, ҳамаи ангуштони ўро ба навбат қат мекунад.

Барои бачагони синни томактабї (аз 5 то 7 сола) калонсолон суруд ва таронаҳои мундариљаашон мураккабтарро низ мегўянд, ки онҳо бо бозиҳои бачагона вобаста набуда, бо мазмуни худ афсонаҳои хурди манзумро ба хотир меоранд. Бачагон бо шунидан ва ё аз ёд кардани сурудҳо дар бораи ҳайвонот, парранда, ҳашарот ва дигар предмету ҳодисаҳои табиат шиносої пайдо намуда, дар бораи ин ва ё он ҳодисаву воқеа мустақилона муҳокимаронї мекунанд.

Хурдтаракон ақидае доранд, ки гўё ҳайвону парранда ва ҳашароту растанї дорои ақлу идрок ва эҳсосу забон мебошанд. Бинобар ин дар нақли онҳо ҳайвону паррандаҳо ва ҳашароту наботот чун инсон бо ҳам гуфтугў мекунанд, хоҳиш, илтимоси бачагонро ба љо оварда метавонанд. Чунончї,

бачаҳо вақте ки гаҳвораљунбонро диданд, пеши роҳи онро мегиранд ва суруди зеринро сароида, аз «гаҳвораљунбондану хамир мушт кардан»-и он завқ мебаранд:

Гаҳвораљунбон,

Бачета љунбон.

Гаҳвораљунбон,

Хамира мушт кун.

Баромадани моҳи нав, боридани барфи аввалин, борони баҳорон, дар љўй омадани об, дар баҳорон аз мамлакатҳои гарм парида омадани паррандаҳои гуногун, сабзидани гулҳои баҳорї, умуман, ҳар як фасли сол бо нозу неъмат ва манзараҳои худ ба бачагон як љаҳон хурсандї мебахшад. Бачагон ба ҳар як ҳодисаи табиат суруду тарона бахшидаанд. Бачагон суруду нақлу ривояти ба ҳодисаҳои табиат оидро аз калонсолон бо мароқи хосе мешунаванд ва такрор мекунанд. Дар вақти омади об суруди зеринро месароянд:

Об омаду об омад,
Љўянда,[1] китоб омад.
Ду мурғи заррин омад,
Яктеша қафас кардем.
Яктеша нафас кардем.[2]
—Э бобои пир, -гуфтем,
Дарвозаро гир гуфтем.

Ё худ, тахминан, охириҳои моҳи апрел ва аввалҳои моҳи май турнаҳо аз фазои Самарқанд парвоз карда, аз љануб ба шимол ва тирамоҳ аз шимол ба љануб мегузаранд. Бачаҳо, вақто ки турнаҳоро мебинанд, то аз чашм пинҳон шудани онҳо байти зеринро такрор месароянд:

Турна қатор, арғамчин,
Болохонадор, арғамчин.

Фолклори бачагон аз жанрҳои чистої, зарбулмасал, суруд, афсона, тезгўяк, қофия ва бозиҳо иборат аст.

Асарҳои фолклори бачагон аз љиҳати шакл хеле гуногунанд, вале аз љиҳати мазмун на чандон бой буда, бештар ҳаёти маишй, расму оинҳои халқиро инъикос менамоянд.

Хусусияти фолклори бачагонро ғояи тарбиявї ва истифодаи воситаҳои тасвири бадеие, ки барои бачагони синну солашон гуногун мувофиқанд, муайян мекунанд. Агар баъзе жанри фолклор, монанди: тезгўяк, қофиябозї, суруди бозиҳо ва ғайра маҳз хоси бачаҳо бошанд, чистон, зарбулмасал, афсона ва ашула барин жанрҳо танҳо аз рўи мазмун, мавзўъ ва забону услубашон ба фолклори бачагон дохил мешаванд.

Фолклори бачагон аз ду қисми асосї: назм ва наср иборат аст. Назми халкии бачагонро асосан сурудҳо ташкил медиҳанд. Сурудҳо ҳангоми маросимҳои халқї (истиқболи соли нав, Наврўз, гулгардонї, љашни арўсй), љамъомаду меҳмонї ва бозиҳо хонда мешаванд. Баъзе сурудҳо ба маросимҳои мазкур ва бозиҳо мазмунан алоқаманданд. Қисми дигари сурудҳо дар вақтҳои изҳори шодию хурсандї ва машғулиятҳои бачагона хонда мешаванд.

Суруди «Соли нав» дар замони гузашта дар байни аҳолии Хуљанд ва гирду атрофи он хеле машҳур буд ва онро бачагон (хусусан духтаракон) ба болои бом ё ягон љои баланд баромада, дар шаби соли нав коллективона месуруданд.

Мазмуни суруди «Соли нав» бештар ба ҳаёти маишї-оилавї алоқаманд буда, хусусияти хроникавї ва танқидї дорад. Чунончї:

Эсуни дайро араба,
Усуни дайро араба,
Миёни дайро љазаба,
Чазабаҳо об шуд,
Мирзо Неъмат ёфт шуд.
Мирзо Неъмати хосагй,

Себи сурхи косагӣ,

Себа ёфту бӯй накард,

Писар ёфту тӯй накард,

Очаш мурду гӯр накард,

Як дег оша дам накард…

Соли нав мурак бошаде!

Дар сурудҳои дигари солинавї ҳамин гуна масъалаҳо ва рафтору кирдори шахсони људогона бо оҳанги танқиду истеҳзо зикр мешаванд:

Кучаи Денав шамол шуд,

Усмонбой навдомод шуд.

Усмонбои пирдомод,

Кайба аќлаш медарод,

Соли нав мурак бошаде!

Дар як катор ноҳияҳои тољикнишини Осиёи Миёна (водиҳои Фарѓона, Самарқанд, Қашқадарё) маросими гулгардонї бо номи «Бойчечак» машҳур аст. Ин маросим дар аввали баҳор (охири ҳут ва аввали ҳамал), вақти гули бойчечаку сияҳгўшу қароқош гузаронида мешудааст. Бачаҳо барои љустуљўи гул ба саҳро мебаромадаанд ва ё хезумкаше вайро аз саҳро оварда, ба бачаҳо медодааст. Бачаҳои маҳалла ё гузар ва ё деҳа бегоҳирўзї ба гулгардонї шурўъ мекардаанд. Яке аз пурдонтари онҳо решаи пиёзмонанди гулро ба латтаи тар печонда (то ки зуд пажмурда нашавад) ба пеш мегузаштааст ва аз паси худ сурудхонон бачаҳои дигарро ҳавлї ба ҳавлї мебурдааст. Соҳиби ҳавлї ба бачаҳо ҳар чї аз бозёфти худ (мош, нахуд, љуворимакка, биринљ, зардолуи хушк, мавиз, љигда, нон ва ҳоказо) андаке тўҳфа дода, гулро мебўсидаасту ба чашму абрўи худ мемолидааст. Боз бачаҳо сурудхонон ба ҳавлии дигар мерафтаанд.

Тўҳфаҳо дар халта, дар доман, дар тўппї ва дар рўмол алоҳида-алоҳида андохта мешудаанд ва дар охир бачаҳо маслиҳат карда, чизҳои љамъ

кардаашонро ба хонаи ягон кампири бевазан бурда медодаанд. Бевазан рӯзи дигар аз он хуроквориҳо барои бачаҳо ягон чиз пӯхта медодааст  Ё ҳамон бегоҳ тӯҳфаро бачаҳо байни худ тақсим мекардаанд.

Матни асосии сурудро сардори бачаҳо бо овози баланд ва бо оҳанги махсус мехондааст, дигарон бошанд пас аз ҳар банд бо як овоз «Бойчечак! Бойчечак!» гуфта, ҳамон оҳанги сурудро такрор мекардаанд. Чунончи:

Сардор:   Бойчечака аслаш гул,
Гулзор макони булбул.
**Дигарон: Бойчечак! Бойчечак!**
Сардор:   Таги остона ғур-ғур,
Хонаи мо нонба пур.
**Дигарон: Бойчечак! Бойчечак!**
Сардор:    Таги остона дутор,
Будем баҳорба хумор.
**Дигарон: Бойчечак! Бойчечак!**

Дар баъзе љойҳои вилояти Самарканд бо номҳои «Гули сияхгӯш» (қароқош) ва «Баҳор омад» одати гулгардонї мушоҳида мешавад, ки он ба маросими «Бойчечак» монанд аст. Аммо матни маросимҳои «Баҳор омад» ва «Гули сияҳгӯш» аз «Бойчечак» фарқ   дорад. Чунончи:

Сардор:   Баҳор омад, баҳор омад,
Баҳори лолазор омад,
Баҳори сабзапӯш омад,
Гули лола ба љӯш омад.
Дигарон:  Баҳори нав муборак бод!

Айёми бачагиро бебозї тасаввур кардан мумкин нест. Бачаҳо, аз дусесолагї сар карда, ҳамроҳи калонсолон ё мустақилона ба бозиҳои гуногун фаъолона иштирок мекунанд. Онҳо оҳиста-оҳиста аз бозиҳои оддї ба мураккабтарини он мегузаранд. Бозї барои обу тоб ёфтан ва муътадил сабзидани хурдтаракон аҳамияти фавқулодда бузург дорад. Вай мушакҳоро мустаҳкам мекунад, чусту чолокї ва зиракии бачагонро афзоиш медиҳад. Дар

натиљаи якљоя ба бозї машғул шудани бачагон, ҳисси рафоқат ва дўстї дар байни онҳо қувват мегирад.

Бозї дар фолклори бачагон мавқеи хоси худро дорад. Ин намуди фолклор якљоя бо калонсолон эљод карда шуда бошад ҳам, бештар дар байни духтаракон ва писарбачагон паҳн шудааст.

Ќисми зиёди бозиҳо суруду тарона ва шеърҳои хурдро дар бар доранд, суруду шеър бозиро шавқовар ва иштирокчиёни онро фаъол мегардонанд.

Чунончї, духтаракон ҳангоми арғунчакпарї, ки як намуди бозии бачагона аст, суруди зеринро месароянд:

Ҳай-ҳай,  ҳаводора
Барги сафедора,
Нуқранамакдона,
Тиллосўзандона,
Як чумча ҳалвоя.
Љонам таваллоя.

Бозиҳои бачагона лавҳаҳои хоси худро доранд. Гурўҳе бачагон дар сари кўча, назди бинои мактаб ё дарягон майдонљой љамъ мешаванд. Онҳо сармир интихоб мекунанд. ёр даромада, ба ду гурўҳ тақсим мешаванд ва ба иљрои бозии интихоб кардаашон шурўъ мекунанд.

**Савол ва супоришот:**

1. *Хусусиятҳои фолклори бачагона аз чиҳо иборат аст?*
2. *Фолклори бачагона бештар дар кадом жанрҳо офарида мешаванд?*
3. *Аҳамияти фолклори бачагона аз чї иборат аст?*

Мавзўи **18** **Муносибати фолклор бо адабиёти хаттї** **Маърўза**

**Наќша:**

1. Яке аз манбаъҳои асосии адабиёти бадей будани фолклор.
2. Мавқеъ ва таъсири судбахши асарҳои шифоҳї дар эљодиёти саромадон ва бузургони адабиёти овозадори тољику форс.
3. Дар асоси осори эчодиёти даҳанакии халқ таълиф шудани як қатор асарҳои адибони маъруфи форсу точик Абўабдуллоҳи Рўдакї, Абулқосими Фирдавсї, Низомии Ганљавї, Носири Хисрав, Умари Хайём, Саъдии Шерозї, Убайди Зоконї, Љалолиддини Балхї, Хусрави Деҳлавї, Абдураҳмони Чомї, Алишери Навої, Биної, Восифї, Ҳилолї, Бедил, Аҳмади Дониш, Айнї, Лоҳутї, Турсунзода, Болта Ортиқзода ва дигарон.
4. Ба осори фолклор табдил ёфтани асарҳои адибон.

**Мафњумњои асосї:** *адабиёти бадеї, эљобиёти шифоҳї, таъсири асарҳои шифоҳї ба адабиёти хаттї, муносибати фолклор ба адабиёти бадеї, дар асоси фолклор таълиф шудани асарҳои адибони маъруф*

Дар ташаккул ва инкишофи адабиёти бадеии хаттї эљодиёти даҳанакии халқ роли бузург бозидааст. Аз рўи гуфтаи академик В. В. Виноградов «эљодиёти бадеии даҳанакии халқ ва забони он ҳамчун қувваи бузурги мадании муттаҳидкунанда, ҳамчун омили муттафиқшавии миллй хизмат кардаанд».

Дар байни эљодиёти даханакии халқ ва адабиёти бадеии китобї алоқаи доимии қатънашаванда ва таъсири калон дида мешавад. Аз замонҳои қадим то имрўз бо таъсири ҳамдигар бойшавии эљодиёти коллективї ва индивидуалї идома дорад. Беҳтарин асарҳои адабиёти классикии тољик дар заминаи материалҳои фолклорї офарида шудаанд.

Дар зери таъсир ва дар асоси материалҳои мифологӣ ва фолклории халқҳои эронинажод «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фардавсӣ эљод шудааст. «Шубҳае нест, ки,— мегўяд проф. Е. Э. Бертельс,— дар адабиёти асри X бисёр чизҳо (ҳатто дар сурати истисно кардани эпоси қаҳрамонии пурҳашамат) бо эљодиёти омма алоқаманд аст, образҳо ва ташбеҳҳои људогонаи он замонро ҳоло ҳам дар эљодиёти даҳанакии халқ пайдо кардан мумкин аст».

Достонҳои «Лайлй ва Маљнун», «Вис ва Ромин», «Хисраву Ширин», «Юсуф ва Зулайхо», «Саломон ва Абсол», «Толиб ва Матлуб» ва ғайра дар заминаи образу сюжетҳои фолклори машриқзамин офарида шудаанд. Дар эљодиёти Рўдакї, Носири Хисрав, Низомии Ганљавї, Љалолиддини Румї, Ҳофиз, Камол, Саъдї, Убайди Зоконї, Љомї, Восифї, Мушфиқї, Ҳилолї, Бедил, Сайидо, Савдо, Шоҳин, Аҳмади Дониш ва дигарон таъсири фолклор ва истифода бурдани фолклор равшан мушоҳида карда мешавад. Муаллифони мазкур аз сюжет, образ, ғоя ва жанрҳои фолклор эљодкорона ва навоварона истифода бурда, асарҳои оригиналии баландсанъату чуқурмазмун ба вуљуд овардаанд ва онҳоро ба шароитҳои нави таърихии љамъияти худ мувофиқ сохтаанд. Н. Г. Чернышевский дуруст қайд кардааст: «Маълум аст, ки қувваи асосии ҳам Милтон, ҳам Шекспир, ҳам Боккаччо, ҳам Данте, ҳам Фирдавсї ва ҳамаи дигар шоирони дараљаи аввал дар он аст, ки онҳо омўзандаи эљодкори афсонаҳои халқї буданд».

Муљассамаҳои бадеии безавол ва ёдгориҳои бузургтарини адабии ҳамаи замонҳо ва халқҳо дар пояи эљодиёти халқ устуворанд. Дар адабиёти Ғарб ҳам дар асоси мифология ва афсонаю ривоятҳои халқї эпоси Хомер, фољиаҳои Эсхил ва Софокл, қиссаи «Донкихот»-и Сервантес, достони «Донжуан»-и Байрон, фољиаи «Отелло»-и Шекспир ва «Фауст»-и Гёте офарида шудаанд.

И. С. Брагинский унсурҳои эљодиёти даҳанакии бадеии аљдодони халқи тољикро, ки дар осори хаттии то охири ҳазорсолаи якуми пеш аз милод ва ҳазорсолаи якуми милодї, инчунин дар адабиёти асримиёнагии тољик мавқеъ

доранд, тадқиқ намуда, ба чунин хулоса омадааст: «Унсурҳои эљодиёти даҳанакии бадеии халқ дар осори хаттї асосан ду хел зоҳир мешавад:

а) Чун тенденсияи халқи дар асари адабї, ки одатан дар шакли тағйирёфтае умеду орзу, ақидаҳо, рўҳияи халқро ифода карда, ҳақиқатро ҳаққонї ва воқеї инъикос менамоянд;

б) Чун истифода бурда шудани сюжетҳо, образҳо, воситаҳои тасвири фолклорї одатан дар шакли аз љиҳати бадеї аз нав кор кардашуда».

Ин ду тарзи зоҳиршавии эљодиёти даҳанакии халқ дар осори адабии хаттї, бешубҳа, ба ҳамдигар алоқаманд буда, дар як-љоягї халқият ва миллияти адабиётро ба вуљуд меорад ва ин масъала яке аз масъалаҳои муҳимтарини адабиётшиносї ва фолклоршиносї мебошад.

Дар адабиёти муосири тољик анъанаи муносибат ва таъсири байниҳамдигарии фолклор ва адабиёти бадеї идома ва инкишоф дорад. Ин анъанаро, пеш аз ҳама, саромадони адабиёти муосири тољик С. Айнї ва А. Лоҳутї эљодкорона қабул карда, давом додаанд. Дар асарҳои С. Айнї «Дохунда», «Ғуломон», «Марги судхўр», «Ёддоштҳо.», «Ятим» ва ғайра зарбулмасал, суруд, латифа, афсонаҳои халқї барои ифодаи ғоя, тасвири барљастаи образ, кушодани характер ва пурқувват сохтани обу ранги бадеии асар ба таври фаровон истифода шудаанд. С. Айнї дар «Деви ҳафтсар», «Хари бедум», «Бадбўй будаст» ва А. Лоҳутї дар «Достони Мардистон», «Паҳлавон Оштї», «Ҳамсафарон», «Кулоҳ ва асал», «Парии бахт», «Шалғам-бобо», «Оташи кўдаксўзро хомўш кунем» ва ғайра сюжетҳои фолклориро аз нав кор карда, ғояву мазмуни онҳоро такмил дода, ба муаммоҳои замони имрўза тобеъ кунонидаанд. Ҳамин навъ эљодкорона истифода кардани фолклорро дар эљодиёти Мирзо Турсунзода («Тоҳир ва Зуҳро»), Мирсаид Миршакар («Қишлоқи тиллоӣ»), Суҳайлї Љавҳаризода («Робиаи чилгазамўй»), Муҳаммадљон Раҳимї («Афсонаи Симурғ»), Ғаффор Мирзо («Чилдухтарон», «Достак») ва дигарон низ мушоҳида мекунем.

Дар асарҳои лирикї ва ҳаљвии шоирону нависандагони муосири тољик оҳангу сабки фолклорї мавқеи махсус дорад. Дар рубоиёт, ғазалиёт ва

ашъори гуногуншакли А. Лоҳутї, М. Турсунзода, Ҳабиб Юсуфї, М. Аминзода, М. Миршакар, А. Деҳотї, Б. Раҳимзода, М. Раҳимї ва дигарон таъсири забон, усули тасвири фолклорї намоён аст. Шоир ва нависандае нест, ки эљодиёти ў бо фолклор алоқаманд набошад.

**Савол ва супоришот:**

*1. Яке аз манбаъ ва омилҳои инкишофи адабиёт будани эљодиёти даҳанакии халқро нишон диҳед.*

*2. Муосибати фолклорро бо адабиёти хаттї бо мисолҳо нишон диҳед.*

**АДАБИЁТ:**

1. Амонов Р. Лирикаи халқи тољик. –Душанбе: Дониш, 1968.

2. Амонов Р. Рубоиёти халқї ва рамзҳои бадеї. Душанбе: Дониш, 1987.

3. Амонов Р. Очерки эчодиёти даҳанакии Кўлоб, Душанбе, 1963.

4. Амонов Р. Афсонаҳои халқи точик, Душанбе, 2001.

5. Асрорй В. Адабиёт ва фолклор, Душанбе, 1967.

6. Аҳмадов Р. Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ. –Душанбе: Дониш, 2007
7. Аҳмадов Р. Оид ба таърихи тадқиқи фолклори маросимҳои мавсимӣ. Дар кит.: Фолклори тоҷик, љ 1. -Душанбе: Дониш, 1973
8. Афсонаҳои Самарқанд. Бо таҳрир ва такмили А.Қамарзода. –Тошкент, Муҳаррир, 2012
9. Бадеҳаҳои халқӣ, Душанбе, 1968.
10.Баёзи фолклори точик,: рубой, байт, чилди 1, Душанбе, 1985.
11.Баёзи фолклори точик,: зарбулмасал, мақол, чистонҳо, чилди 2, Душанбе, 1990.
12.Баёзи рубоиёт, Душанбе, 1976.
13.В.Асрорї, Р.Амонов. Эљодиёти даҳанакии халқи тоҷик. –Душанбе, Маориф, 1980.
14.В.Асрорї. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик. –Душанбе, 1983.
15.6. Зеҳниева Ф. Сурудҳои маросимии тўи тоҷикон. –Душанбе: Дониш, 1978.
16.Куллиёти фолклори тоҷик, љилдҳои 1-5. -Душанбе, 1986
17.Қодиров Р. Фолклори маросимии тоҷикони водии Қашқадарё. Душанбе, 1963,
18.Маҳдиев С. Проблемаи жанри латифа. Душанбе, 1977.
19.Мирзоев Х. Таърихи адабиёти тоҷик. (аз давраи қадим то асри VIII). –Душанбе, 1989.
20.Муродов О. Дар пардаи сеҳру љоду. –Душанбе: Ирфон, 1990.
21.Нурҷонов Н. Драмаи халқии тоҷик, Душанбе, 1985.
22.Обидов Д. Афсонаҳои ҳаљвї-маишии тоҷикї, Душанбе, 1978.
23.Обидов Д. Сурудҳои мавсимии тоҷикони Афғонистон. Душанбе: Дониш, 2000.
24.Раҳмонї Р. Афсона ва жанрҳои дигари насри шифоҳї. Душанбе, 1999.
25.Раҳмонї Р. Таърихи гирдоварї, нашр ва пажўҳиши афсонаҳои мардуми форсизабон, Душанбе, 2001.

26.Самадов А., Шерназаров А. Тавсияҳои методї доир ба љамъ намудани эљодиёти даҳанакии халқ. –Самарқанд, СамДУ, 2014
27.Сўфиев А. Чистонҳои халқии точикй, Душанбе, 1972.
28.Таронаҳои Самарқанд, Тошканд, 2013
29.Фолклори Бухоро, Душанбе, 1983.
30.Фолклори води Қаротегин, Душанбе, 1986.
31.Фолклори Норак, Душанбе, 1963.
32.Фолклори сокинони саргаҳи Заафшон, Сталинобод, 1960.
33.Фолклори точик. Хрестоматия, Душанбе, 1989.
34.Фолклори точикони Қашқадарё, дар се чилд, Душанбе, 1998.
35. Шермуҳаммадов Б. Назми халқии бачагонаи тољик. – Душанбе, 1973

**МУНДАРИЉА**

1. Муқаддима………………………………………………………….…….3
2. Фолклор ва равияҳои илми фолклоршиносї……………………….……..4
3. Таърихи пайдоиш ва ташаккули илми фолклоршиносии тољик…...12
4. Таърихи фолклори қадим ва асримиёнагии форсу тољик……..…...17
5. Муносибати фолклори тољик бо фолклори ўзбек…………………..….24
6. Фолклори маросими мавсимї……………………………………..……..30
7. Фолклори маросим тўи арўсї……………………………………….…53
8. Фолклори маросими мотам ва марсияхонї……………………...….62

9. Маросимҳои дигар……………………………………………………………68
10. Зарбулмасал ва мақол………………………………………………………72
11. Чистонҳои халқӣ……………………………………………………………..80
12. Байт, дубайтӣ ва рубоиҳои халқӣ………………………….…………86
13. Сурудҳои халқӣ…………………………………………………………96
14. Бадеҳа…………………………………………………………….……….109
15. Ашулаҳои халқӣ…………………………………………………………114
16. Эпоси халқии Гӯрӯғлӣ……………………………………………...120
17. Афсонаҳои халқӣ…………………………….…………………...127
18. Латифа ва нақлу ривоятҳои халқӣ……………………………..135
19. Бовар ва шугунҳои халқӣ……………………………………..145
20. Дуоҳои мардум…………………………………………………………148
21. Фолклори бачагона……………..……………………………………150
22. Муносибати фолклор бо адабиёти хаттӣ………………………..158
**23.** Адабиёт…………………………………………...………………..162